Чӣ хоссу омму баду нек аз саґиру кибар?
Чунон ки омада аз хок, боз рафта ба хок,
Яқин, ки боз равад ҳар касе сӯи ҷавҳар [1,310]

(Основа мироздания, небосвода и семи звёзд
Была последовательно сотворена из четырех элементов:
Чистой (светлой) воды, горсти праха (земли), огня и ветра.
Четыре сущности противоположных друг другу.
Что противно (неприятно) духу и не подходит телу,
Подходит вкупе по предначертанию судьбы.
Что ценится судьбой род Адама,
Насколько дорого судьбе существо живое?
Не писали о желаниях (стремленьях) рода людского.
Никто не рожден (не был одарен) знаниями о терпении и ученье.
Не жди от смерти пощады (снисхожденья) и не надейся на жизнь.
Не продавай за злато веру и не покупай у дива кокетство.
От кого ты слыхал и видел, что смерть обошла,
Простолюдин, избранных, злых и добрых, слабых и могущественных.
Ибо пришедший из праха, вновь в прах и уйдет,
И обязательно (несомненно) каждый вернется в сущность свою).

Великий мыслитель иногда от несправедливости жизни и мучений, с которыми он сталкивается, задает себе вопросы: почему все это происходит, если человеческий разум – основополагающее средство в деле познания души и мира; может ли человек действительно иметь свободу воли, если Бог – постоянный Созидатель всех действий:

Хирад зи баҳри чӣ додандмон, ки мо ба хирад,
Гаҳе худопарасту гаҳе гунаҳгорем?
«Макун бадӣ ту ва некӣ кун» чаро фармуд,
Худой моро гар мо на ҳайӣ мухторем?
Чаро чӣ гург ситамкор нест сӯи худой,
Ба феъли хеш гирифтору мо гирифторем?
Чаро ба бонгу хурӯшу фиґони бемаънӣ,
Куланг нест сабуксору мо сабуксорем?
Чаро ба оҳуву нахчир рӯза несту намоз?
Чаро ману ту бад-ин корҳо гаронборем? [1, 23-27]

(Зачем нам разум дан, ведь даже с ним
Мы то грешим, то предаемся Богу?
Всегда творить добро и сторониться зла
Зачем велит Господь, не дав свободы воли?
Зачем не проклят Богом злобный волк,
А мы за все, что делаем, в ответе?
Зачем журавль за крик свой не наказан,
Как мы – за легкомысленные речи?
Не знают о посте газель с оленем,
Зачем на нас возложен пост с молитвой?)
(Перевод Лейлы Р. Додыхудоевой)[5].

Однако Носир Хусрав всегда выступал за религию, в которой постижение Веры с помощью человеческого разума он считал рациональным путем. По Божьей воле судьба предопределена, но разум и мудрость - основные столпы в жизни человека. Разум дан человеку, чтобы он знаниями облегчил трудности жизни, получил образование, достиг успехов в жизни и нашел свое счастье:

Дарахти ту гар бори дониш бигирад, [1,42]
Ба зер оварӣ чархи нилуфариро.

(*Коль дерево твое даст мудрости плоды,*
Сможешь перевернуть лазурный небосвод).

Бог одарил человека разумом, чтобы он нашел верный путь в жизни. Только благодаря разуму и знаниям человек распознает мир и совершенствует себя. Только разумный и образованный человек может понять величие Бога и Пророка. Знание – это ключ к священному Корану:

Бақо ба илми Худову Расул, Қуръон аст,
Сарои илму калиду дар аст Қуръонро.
Агар ба илму бақо ҳеҷ ҳоҷат аст туро,
Ба сӯи дар бишитобу биҷӯй дарбонро.
Дари сарой на чӯб аст, балки доноист,
Ки банда нест аз ӯ беҳ Худои Субҳонро. [1]

(*Незыблемость (бессмертие) ученья Бога и Пророка (есть) Коран,*
Дворец науки (знаний) и ключ (есть) Коран.
Коль к знаниям и вечности ты стремишься,
Спеши к двери и ищи привратника.
Дверь в тот дворец не из дерева, а ученья,
Ибо для Господа Славного нет его выше.)

Дело правдивого человека в этой жизни – это говорить правду, учиться, поклоняться Богу. Самое дорогое для меня - это четки (тасбех) и священный Коран, мои воспоминания и записи, - пишет поэт:

Мунисі чону дили ман чист, - тасбеху Куръон,
Хокпои хотири ман чист, ашъору хутаб.
Рост гуям, илм варзам, тоати Яздон кунам,
Ин се чиз аст, эй бародар, кори акли муктасаб. [1]

(*Что для сердца и души моей утешенье – четки и Коран,*
Что почва памяти моей - поэзия и проповедь.
Говорю правду, учусь, Богу поклоняюсь,
Эти три вещи, о брат, творенье совершенства ума).

Этот мир подобен мастерской, где всю жизнь человек должен работать по велению Создателя (Кирдигор), поэтому ты должен обращаться к знанию и познанию религии, потому что тебе открывается дверь к познанию мира. Знание осветляет душу, выводит человека из тьмы, направляет на верный путь, учит человека говорить красноречиво:

Коргаҳ аст ин фалак ба умр ҳаме,
Кор ба фармони Кирдигор кунад.
Рӯй ба илму ба дин кун зи ҷаҳон,
К-ин ду ба ду ҷаҳон-т бахтиёр кунад.
Илм дили тираро фурӯг диҳад,
Кунди забонро чу зулфиқор кунад. [1,221]

(*Этот мир подобен мастерской:*
Работает по велению Создателя.
В этом мире обратись к науке и вере,
Ибо они в обоих мирах счастья тебе принесут.
Знание сердце мрачное светом озарит,
Острым сделает язык).

На судьбу не надейся - учись и трудись. Судьба словно вода - иногда сладкая, иногда горькая, - словно мужчина двулична, и люди не могут ничего понять, потому что никому не известна причина злости судьбы. Человек должен познавать мир, несмотря на испытания и мучения в жизни, он не должен жаловаться на свою судьбу, а обязан преодолевать все трудности:

Дониш омӯзу бахтро мангар,
Аз дилат бахт кай зудояд занг?
Бахт обест гаҳ хушу гаҳ шӯр,
Гоҳ тирай сиёҳу гаҳ чу занг.
Бахт мардест аз қиёс дурӯй,
Халқ гашта бад-ӯ дарун ованг.
Сабаби хашми бахт пайдо нест,
Шаккарашро ҷудо мадон зи шаранг.
Эй писар, бо ҷаҳон мудоро кун
В-аз ҷафоҳои ӯ манолу маланг. [1,394]

(Стремись к ученью, на счастье не надеясь,
Что счастье может удалить из сердца боль.
Счастье (удача) словно вода – то сладка, то горька,
Иногда мутна и темна, иногда солёна.
Счастье словно мужчина двулично,
И люди в ней словно на веревке висят,
Превратности судьбы не изведаны,
Её сладость не отделить от горечи.
О мой сын, будь осторожен с миром,
И от ударов (испытании) его не плачь и не хромай).

Человек должен восхвалить Всевышнего, Господа, потому что только Ему известны тайны всех сердец, в старческие годы благодарность Богу является единственной надеждой и опорой:

Эй Бор Худои Кирдугорам,
Ман фазли туро сипос дорам,
Зеро ки ба рӯзгори пирӣ
Ҷуз шукри ту нест ғамгусорам.
Рози дили ҳар касе ту донӣ,
Донӣ, кӣ чӣ гуна дилфигорам. [1,453]

(*О Бог мой, Создатель мой,*
Я ценю твою мудрость (добродетель),
Ибо в этом возрасте преклонном
Спасенье от печали – только благодаренье тебе)
Только благодаренье тебе спасает меня.
Ты тайны и желанья знаешь всех сердец,
Знаешь, как сердце мое скорбит).

Жизненные правила для Носира Хусрава считались очень важными, об этом он указывает в своем знаменитом стихотворении «Орел». Тут с одной стороны автор предостерегает от чрезмерного высокомерия, проистекающего из благополучия или обладания чем-то ценным. Но самый важный момент в стихотворении – это крик орла в момент, когда он познал истину. Последняя строка имеет особенно важное значение: *Аз мост, ки бар мост (от нас исходит то, что с нами происходит*). Эти слова до сих пор в таджикской лингвокультуре звучат как крылатая фраза и акцентируют внимание на личной ответственности за содеянное, и это считается истинным уроком для усвоения тяжкой участи. Великий мыслитель считает, что одна и та же вещь может как вознести человека на вершину успеха, так и толкнуть в пропасть. Если мы совершаем какие-либо действия по своей воле, то нам же и отвечать за них:

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.
Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:
Имрӯз ҳама рӯи замин зери пари мост.
Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари Шед,
Мебинам агар заррае андар таги дарёст.

Гар бар сари хошок яке пашша бичунбад,
Ҷунбидани он пашша айён дар назари мост.
Бисёр манӣ карду зи тақдир натарсид,
Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост,
Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне
Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост.
Бар боли уқоб омада он тири ҷигардӯз
В-аз абр мар ӯро ба рӯи хок фурӯ кост.
Зӣ тир нигоҳ карду пари хеш бар ӯ дид,
Гуфто: Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост.
Ҳуҷҷат, ту маниро зи сари хеш бадар кун,
Бингар ба уқобе, ки манӣ кард, чиҳо хост. [1,800]

(Однажды взмыл орел со скал. Он, по обычаю орла,
Добычу свежую искал, раскрыв два царственных крыла.
Он хвастал крыльев прямизной, их необъятной шириной:
«Весь мир под крыльями держу. Кто потягается со мной?
Ну, кто в полете так высок? Пускай поднимется сюда!
Кто – ястреб, или голубок, или стервятник? Никогда!
Поднявшись, вижу волосок на дне морском – так взгляд остер:
Дрожь крыльев мухи над кустом мой острый различает взор».
Он хвастал, рока не боясь, - и что же вышло из того?
Стрелок, в засаде притаясь, из лука целился в него.
Прошла под крыльями стрела, - так, значит, было суждено! –
И сразу сбросила орла с вершины облака на дно.
Он удивился: до чего железка с палочкой просты –
Однако сбросили его с недостижимой высоты.
Он понял, почему стрела, догнав, унизила орла:
Его же собственным пером она оперена была.
О Худжат! Отбрось заносчивость и тщеславие,
Взгляни на орла: чего он желал и что получил!)

(Перевод Лейлы Р. Додыхудоевой) [5].

В мире всегда происходят перемены, и это в порядке вещей. От коловращения времен не стоит печалиться, а наоборот: следует находить утешение, даже если годы идут, и человек, старея, приближается к своему последнему часу. Но, к большому счастью, на земле происходит постоянная, предопределенная Божественным промыслом смена времен года, поэтому какой бы тяжелой не была жизнь, всегда остается надежда на лучшее, ибо весна обязательно сменяет даже самую суровую зиму отчаяния:

Басе, ки хандон кардаст чархи гирёнро,
Басе, ки гирён кардаст низ хандаро.
Қарори чашм чӣ дорӣ ба зери чарх? Чу нест
Қарор ҳеҷ ба як ҳол чархи гардонро.
Канор гир аз ӯ к-ин савори тозон аст,
Касе канор нагирад савортозонро,

Битарс сахт зи сахтӣ чу коре осон шуд,
Ки чарх зуд кунад сахт кори осонро.
Бурун кунад чу дарояд ба хашм гашти замон,
Зи қаср Қайсаррову зи хонумон хонро. [1,20-24]

(Не раз случалось, Небеса в смех чьи-то слезы обращали,
Не счесть примеров и тому, что в слезы обращался смех.
Напрасно ты покоя ищешь под этим колесом кружащим,
Покоя ни на миг не знает вертящееся колесо.
Посторонись и дай дорогу, ведь всадник – на коне горячем,
И на скаку его с дороги никто не сможет оттеснить.
Страшись и опасайся тягот, коль дело видится нетрудным,
Вед небосвод любое дело в труд тяжкий ловко обратит.
Так изгоняет, в гнев впадая, круговращение времен
И кесаря – долой из замка, и хана – из шатров богатых.)

(Перевод Лейлы Р. Додыхудоевой)[5]

Как пишет Элис Хансбергер «Насир Хусрав часто напоминает читателю о бренности земного мира, он не что иное как временная остановка в куда более важном путешествии» [5,207]:

Ҷаҳон чу як манзил аст бар раҳу халқ,
Дар ӯ ҳамегузарад фавҷ фавҷ, зудозуд.
Бародару падару модарат ҳама рафтанд,
Ту чанд хоҳӣ андар сафар осуд? [1,19-20]

Мир походит на дом у дороги, входят люди в него чередою,
И, пробыв в нем недолго, так же друг за другом его оставляют.
Брат твой кров этот нынче покинул, мать с отцом не остались с тобою,
Долго ль будешь ты странствовать здесь так спокойно и беспечально?

(Перевод Лейлы Р. Додыхудоевой) [5]

«Действительно, истинная цель каждого паломничества – возвращение домой; путешествие не завершено, если странник продолжает находиться в состоянии движения. После преображения, претерпев трудности и осознав внутренний рост, преображенная личность должна вернуться, домой» [5,208]:

Гетӣ чу дари хона аст, ӯро,
Оғоз яке дар, дигар дар, анҷом… [1, 13]

Мир этот, словно дом с двумя дверями,
Одна в начале ждет, в конце – другая. <…>

(Перевод Лейлы Р. Додыхудоевой)[5]

Что бы не случилось в жизни, нужно довольствоваться тем, что есть, и в каком состоянии бы ты не находился, всегда благословляй Всевышнего. Человек должен верить в Бога и его вера должна быть устойчивой, чистой, не только из-за боязни попасть в ад, но и в стремлении к раю. Человек был сотворен в этом мире с определенной целью, он должен быть совершенным

и отвечать за свои деяния, выполнять свои человеческие обязанности. Бог будет его помощником и предводителем:

Дило, ҳамвора таслими ризо бош,
Бар ҳар ҳоле, ки бошӣ бо Худо бош.
Худоро бош, агар марди Худоӣ,
Макун бегонагӣ, гар ошноӣ.
Ҳадиси дӯзаху ҷаннат раҳо кун,
Парастиш хос аз баҳри Худо кун.
Туро бар ҳар ду гетӣ баргузиданд,
Ҳам охир баҳри корат офариданд.
Ба ҳар коре мададгорат Худо ҳаст,
Далели роҳи динат Мустафо ҳаст. [1,874]

(Сердце будь всегда покорным,
В любом состоянии с Богом будь.
И если ты раб Божий, с Богом будь,
Не отдаляйся, коль знаком.
Открой (познай) преданья ада и рая,
Поклоняйся только Богу.
Тебя избрали с двух миров,
И создали тебя для деяний.
Во всех делах тебе помощник Бог,
Укажет путь истинный, Мустафа (Мухаммед)).

Носир Хусрав отмечает, что каждый человек должен думать над тем, откуда он пришел в этот мир и куда он отправляется, и должен знать, что отправится куда-то в путешествие. До тех пор, пока человеческий род живет в этом мире, его ждет путешествие. Важен тот факт, что для своего путешествия он должен запастись духовной пищей: «… *зод бигиред, ки шумо дар сафаред*». Когда Носир Хусрав возвращается из семилетнего путешествия в Балх, он пишет эти три бейта:

Ранҷу аъной ҷаҳон агар чӣ дароз аст,
Ба баду бо нек бегумон ба сар ояд.
Чарх мусофир зи баҳри мост шабу рӯз,
Ҳарчӣ яке рафт бар асар дигар ояд.
Мо сафар баргаштанӣ гузарондем,
То сафар ногузаштанӣ бадар ояд.[2]

(Если долго в этом мире длятся беды и страданья,
Всё ж и счастью и горю здесь всегда конец приходит.
Ночь и день для нас, ничтожных, свод вращается небесный,
День уйдет, ему на смену тотчас же другой приходит.
Мы из странствия вернулись… Из него вернуться можно,
В путь другой уйдем, оттуда никому возврата нет…)
(Перевод Е.Э. Бертельса) [5,211]

Носир Хусрав в касыде «Лазурный небосвод» критикует тех, кто винит в собственных бедах судьбу или звезды, и пришел к выводу, что лишь обретя знания, люди смогут стать действительными хозяевами своей судьбы. В книге «Ваҷҳи дин» пишет: *«Нахуст, бояд ки мӯъмин илмро бидонад, ки чист, то чун бишиносадаш, талаб тавонадаш кардан мар-уро, ки ҳар кӣ чизеро нашиносад, ҳаргиз бад-ӯ нарасад»* [2,464]. (*В первую очередь человек должен знать, что такое «илм» знание, и обрести знание, т.к. пока он не распознает его, он не сможет достичь того, что захочет).*

Если многие страшатся рока и судьбы –
Я считаю их звездою, что ведет, любя.
«Называй судьбу – сознаньем, а реченьем - рок»,-
Верю мудрому, смятенье в сердце истребя.
Если разуму и слову впрямь я господин,
Так зачем же мне страшиться самого себя! [3,342].

«Ҷаҳд кунед, эй бародарон, андар талаб кардани илм, то бад-он ба Худои Азза ва Ҷалла наздиктар шавед, ки раҳмати Худои Таъоло илм аст» [2,464]. (Постарайтесь обрести знание, чтобы сблизиться со Всевышним, потому что самый ценный дар Бога человеку – это знание).

Подводя итоги, следует сказать, что в произведениях Носира Хусрава понятие “судьба” в основном связано с такими компонентами, как: *Бог*, *разум, знание, интеллект, душа, счастье, несчастье.* Носир Хусрав утверждает, что жизнь каждого человека – это восхождение от невежества к знаниям, интеллектуальное и духовное путешествие, в котором бок о бок идут радости и печали. По мнению Носира Хусрава, на этом пути Бог не только обеспечил путешественника припасами, которые осталось лишь собрать, но и снабдил внутренним стержнем совершенства, душой, побуждающей к движению вперед в поисках духовной пищи и условий роста.

Литература

1. Носири Хусрави Қубодиёнӣ / Куллиёт, ҷилди 1. Девони ашъор, маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома». Душанбе: «ЭР - граф», 2003. – 955 с.

2. Носири Хусрави Қубодиёнӣ / Куллиёт, ҷилди 2. Осори фалсафӣ ва динӣ: «Зод-ул- мусофирин», «Рисолаи ҳикматӣ», «Ваҷҳи дин», «Сафарнома», «Офоқ ва Анфус», «Рисолаи шаш фасл». Душанбе: «Ирфон», 2003. - 948 с.

3. Носир Хусрав / Избранное// Составитель и автор вступительной статьи М. Диноршоев. Душанбе, 2003. -349 с.

4. Попова З.Д. Когнитивная лингвистика // З. Д. Попова, И.А. Стернин. М.: АСТ: Восток-Запад, 2007. -314 с.

5. Хансбергер Э. К. Насир Хусрав – рубин Бадахшана: Портрет персидского поэта, путешественника, философа / Пер. с анг. М.: Ладомир, 2005. - 288 с.

6. Ҳонсбергер А. К. Носири Хусрав - лаъли Бадахшон: Тасвире аз шоир, ҷаҳонгард ва файласуфи эронӣ / Тарҷумаи Фаредун Бадраи. Душанбе, нашриёти «Нодир», 2003. – 328 с.

7. Heelas P. The model applied: anthropology and indigenous psychologies // Indigenous psychologies. Ed. By P. Heelas and A. Lock. London: Academic Press, 1981. p. 39-64.

ҶАНБАҲОИ ФАЛСАФӢ-ДИНИИ МАКРОКОНСЕПТИ “ТАҚДИР” ДАР ЭҶОДИЁТИ НОСИРИ ХУСРАВ

М.Б. ДАВЛАТМИРОВА,
н.и.филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии
назариявӣ ва амалии Донишгоҳи русӣ-тоҷикӣ (славянӣ)
тел: (+992)93 -598-35-53: davlatmirova.manizha@mail.ru

Мақола ба мавзӯи муайян намудани ҷанбаҳои динӣ-фалсафии макроконсепти “тақдир” дар эҷодиёти Носири Хусрав бахшида шудааст. Асосан, шеърҳои “Девон” шарҳ дода мешаванд ва консептҳои асосии макроконсепти “тақдир”, ба монанди: ақл, рӯҳ, хушбахтӣ, бадбахтӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

***Калидвожаҳо**: макроконсепти “тақдир”, Носири Хусрав, акси ҷаҳони бадеӣ, ҷанбаи динӣ-фалсафӣ, ақл.*

PHILOSOPHICAL AND THEOLOGICAL ASPECTS OF FATE IN THE NASIR KHUSRAW’S WORKS

M. B. DAVLATMIROVA,
candidat of philological sciences, associate professor of the
Department of theoretical and practical linguistics of the
Russian – Tajik (Slavonic) University
Dushanbe, Tajikistan
Ph: 93 -598-35-53: davlatmirova.manizha@mail.ru

The article is dedicated to the explosure of philosophical-theology aspects of macroconcept FATE in the works of Nasir Khusraw. The verses of "Divan" are analysed, such a basic concept of macroconcept is examined FATE as intellect, soul, happiness, misfortune.

***Keywords:** macroconcept FATE, Nasir Khusraw, artistic picture of the world, philosophical-theology aspect, intellect.*

УДК:314.7+331.108+331.102.34+339

МУҲОҶИРАТИ «ЗЕҲНҲО»: ТАЪРИХ ВА ДУРНАМО

А.Ш.ҚУРБОНОВ,
д.и.фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳо иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: (+992 37) 227-67-57, (+992)918 20 04 15,
E-mail:Kurbonov1959@mail.ru

Имрӯз на танҳо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурии мо, балки пажӯҳишгоҳҳо ва озмоишгоҳҳои илмии кишварҳои дигари олам низ аз нарасидани олимону мутахассисон танқисӣ мекашанд ва баҳри ҷалби «зеҳнҳо» миёни кишварҳо рақобати ҷиддие вуҷуд дорад. Омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки заиф гардидани неруи зеҳнӣ дар ҷумҳурии мо бо мушкилоти дар ин самт доштаи кишварҳои хориҷ умумиятҳо дошта, ҳамзамон хусусиятҳои хоси худро дорад, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: *муассисаҳои илмӣ, неруи зеҳнӣ, олимони соҳибунвон, муҳоҷирати “зеҳнҳо”, академияҳои соҳавӣ, буҳрони кадрӣ, меҳнати фикрӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.*

Муҳоҷирати «зеҳнҳо» ҳамчун раванди ҷаҳонӣ имрӯз хеле маъмул гардида, дар ҳаёти илмию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоии кишварҳо нақши муассир дорад. Лекин, бояд зикр намуд, ки он маҳсули имрӯз набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим вуҷуд дошт. Чунончи, дар Юнони қадим донишмандон бо зарурати омӯзиши илм шаҳру кишварҳои гуногунро интихоб менамуданд ва муддати муайян он ҷо зиндагию фаъолият менамуданд. Масалан, Фалеси юнонӣ барои омӯзиши ҳандаса як муддат дар Миср зиндагӣ кард. Пифагор аз Самоса ва Демокрит аз Абдера барои аз худ кардани илми мардуми Шарқ муддати дуру дароз дар Мисру Вавилон ва Ҳинду Эрон зиндагӣ ихтиёр намуданд. Намунаи дигари муҳоҷирати олимон дар давраи қадим ин дар асри 5 ба сарзамини форсҳо, ба Академияи Гунди Шопур омадани теъдоди зиёди гурезагони масеҳӣ аз Афина буд, ки онҳо минбаъд дар рушди илми ин маркази бузургтарини илми давраи тоисломии Шарқ саҳми муҳим гузоштанд. Мисоли Академияи Гунди Шопур инчунин собит месозад, ки ҳанӯз дар замонҳои пеш барои ҷалби олимону файласуфони дигар кишварҳо сиёсати махсуси давлатӣ ба роҳ монда мешуд. Чунончи, шоҳи машҳури сосонӣ Хусрави Анушервон гурезаҳои афинагиро хуб пазируфт ва барои дар ин маркази бузурги илмӣ ҷой додани онҳо мусоидат намуд.

Лекин, бояд зикр намуд, ки вусъат ёфтани ташаккули марказҳои илмӣ ва равандҳои муҳоҷирати “зеҳнҳо” ба давраи ташаккулёбии университетҳо дар Аврупо рост меояд. Университетҳои аввалини аврупоӣ дар асрҳои 11-12 дар атрофи олимону донишмандоне, ки аз

минтақаҳои гуногун омада буданд, ташаккул меёфтанд. Онҳо теъдоди муайяни донишҷӯёнро дар атрофи худ ҷалб намуда, мактабҳои хурди илмиро таъсис медоданд, ки ин мактабҳои илмӣ бо гузашти вақт ба университетҳо табдил ёфтанд. Масалан, ташкилёбии Университети Париж(асри 12) ба фаъолияти омӯзгории Пер Абеляр, ки зодаи Британия мебошад, мансуб аст.

Миёни университетҳо рақобати шадиде вуҷуд дошт, ки он боиси қабули тадбирҳои ҷиддӣ оид ба гузаштани донишҷӯёну омӯзгорон аз як университет ба университети дигар гардид. Масалан, дар асри 13 (соли 1274) вобаста ба ин, аз ҷониби роҳбарияти университети Болония қарорҳое қабул гардиданд, ки бо мақсади кор ва таҳсил ба дигар университетҳо гузаштани донишҷӯёну омӯзгоронро манъ мекард. Ҳатто барои ашхосе, ки муҳоҷирати олимону донишмандонро қасдан тарғибу ташвиқ мекарданд, ҳукми қатл мукаррар гардида буд. [4, с.27]

Аз давраи қадим то асри 20 донишварон ба хотири таҳсил ва омӯзиш аз марказҳо ё мактабҳои илмии нисбатан камнуфуз ба мактабҳои илмии бонуфузтар, аз як шаҳр ба шаҳри дигар ё аз як кишвар ба кишвари дигар мерафтанд. Инро дар рӯзгори донишмандони Юнони қадим, мутафаккирони асрҳои миёнаи форсу тоҷик, баъдтар дар кишварҳои аврупоӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар асри 19 ва аввалҳои асри 20 теъдоди зиёди сокинони Бухорои Шарқӣ ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро барои таҳсил рафта 15-20 сол дар он ҷо зиндагӣ мекарданд ва баъди хатми таҳсил қисмати муайяни онҳо ба зодгоҳашон бармегаштанд ва қисмати дигарашон дар ин шаҳрҳо муқимӣ мешуданд.

Ба хотири «қудрат» будани илм ҳанӯз дар асри XVI Иван Грозный 19 нафар фарзандони дворянҳоро барои таҳсил ба хориҷа фиристода буд, зеро Россияи феодалӣ ба донишмандон эҳтиёҷ дошт, вале ягон нафари онҳо ба ватан бар нагаштанд. Баъдтар ин иқдом аз ҷониби императори Россия Пётри I амалӣ гардид. Ӯ 200 нафар ҷавонони боистеъдодро ба Аврупо барои таҳсил фиристод, ки бозгашти онҳо ба рушди соҳаи илму фарҳанги Россия такони ҷиддӣ бахшид. Яъне ҳадаф аз муҳоҷирати «зеҳнҳо» дар он замон таҳсил ва омӯзиш буда, аслан заминаи иҷтимоӣ дошт.

Дар нимаи дуюми асри 20 мафҳуми «бозори кадрҳои илмӣ» ба вуҷуд омад, ки айни ҳол дар бозори ҷаҳонии меҳнат барои ба даст овардани он миёни кишварҳо рақобати шадиде вуҷуд дорад. Бояд зикр намуд, кишварҳои рушдёфта, аз ҷумла, ИМА ва кишварҳои аврупоӣ, барои ба даст гирифтани сарвати зеҳнӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, ҷойҳои холии корхонаю озмоишгоҳҳои илмиро аз ҳисоби ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби хориҷиён, яъне муҳоҷирони дорои қобилият ва истеъдоди баланди зеҳнӣ пур мекунанд. ИМА, ки шояд аз шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ огаҳӣ дошт, аллакай соли 1990 дар бораи муҳоҷират қонунеро ба тасвиб расонд, ки тибқи он барои муҳоҷирони ба Америка воридшаванда, хусусан, мутахассисони лаёқатманд, имтиёзҳои зиёд, аз ҷумла додани шаҳрвандии Америка пешбинӣ шуда буд. Албатта, ин иқдоми ИМА боиси ба ин кишвар рӯ овардани теъдоди зиёди

муҳоҷирони соҳибмаълумот, аз ҷумла олимони ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ ва дигар кишварҳои низоми сотсиалистӣ гардид.

Бо шикасти сохти шӯравӣ, на танҳо дар ҷумҳуриҳои собиқи он, балки дар дигар кишварҳои режими сотсиалистӣ низ муҳоҷирати зеҳнҳо ба дигар кишварҳо оғоз гардид. Масалан, аз Полша-15%, Булғория-10%, Югославия-10% кормандони меҳнати фикрӣ ин кишварҳоро тарк намуданд. Ин нишондод дар худи Россия аз ҳама зиёдтар аст. Чунончи, аз теъдоди 56 фоиз муҳоҷирони баландихтисоси ин кишвар, ки ба хорича рафтанд, 16% онро номзадҳо ва докторҳои илм ташкил медиҳанд. [4, с.58]

Муҳоҷирати «зеҳнҳо» дар замони муосир бештар заминаи иҷтимоӣ дорад. Набудани шароити мусоиди кор ва маоши арзанда олимону мутахассисонро маҷбур месозад, ки ҷою макони мувофиқтарро интихоб намоянд. Мутахассиони варзидаро кишварҳои рушдёфта харидорӣ карда, бо шароити хуби корӣ ва маоши мувофиқ таъмин менамоянд. Ҳамин аст, қоидаи «бозори кадрҳои илмӣ». Масалан, имрӯз мутахассисони соҳаи технологияи ядроии Россияро кишварҳои Эрон, Хиндустон, Покистон ва ғ. бо маблағҳои калон харидорӣ мекунанд. Теъдоди зиёди табибони тоҷик дар кишварҳои арабӣ фаъолият менамоянд. Ин гуна мисолҳо хеле зиёданд.

Бояд зикр намуд, ки муҳоҷирати «зеҳнҳо» низ чун дигар равандҳои иҷтимоии замони муосир, ки имрӯз характери глобалиро касб намудааст, паҳлуҳои мухталиф дорад. Таҳлили назариявии муҳоҷирати «зеҳнҳо» дар адабиёти ҷаҳонӣ аз рӯи ду равия сурат мегирад. Равия ё мактаби аввал, ҷонибдори роҳи интернатсионалии рушд буда, ба муҳоҷирати «зеҳнҳо» назари хушбинона доранд. Ба андешаи онҳо, ҳангоми дар муҳоҷират будан, олим ё мутахассиси соҳибистеъдод барои рушди илми кишвари худ низ манфиат меорад, зеро ӯ барои илм дар миқёси ҷаҳонӣ кор мекунад. Илова бар ин, дар давраи бухронӣ, ки ҷомеа аз сар мегузаронад, роҳу василаи ягонаи амалӣ намудани ҳадафҳои илмӣ ва рушди касбият барои ҳар як корманди илмӣ –ин идома додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар кишварҳои нисбатан рушдёфта мебошад.

Ҳамин тариқ, пайравони мактаби «интернатсионалӣ» ба муҳоҷирати олимону мутахассисони болаёқат ба кишварҳои рушдёфта назари некбинона доранд ва ҳатто, инро барои кишварҳои содиркунанда (донор) манфиатовар арзёбӣ мекунанд. Лекин бояд зикр намуд, ки аксари кулли намояндагони мактаби «интернатсионалистҳо» шаҳрвандони Аврупои Ғарбӣ ва ИМА, яъне кишварҳои қабулкунанда, ки худашон вобаста ба масъалаи талаф додани олимону мутахассисони миллӣ мушкиле надоранд, маҳсуб мешаванд.

Ҳамзамон, қисми дигари коршиносон, аксаран коршиносони Россия ба равияи «миллӣ» мансуб буда, равандҳои муҳоҷирати «зеҳнӣ»-ро барои кишварҳои содиркунанда ҳамчун талафоти сарвати зеҳнӣ арзёбӣ менамоянд. Ба андешаи онҳо муҳоҷирати «зеҳнҳо» метавонад ба давлат дар се самт зарари ошкоро расонад.

Якум, олимону мутахассисоне, ки дар кишварҳои бегона фаъолият менамоянд, мехоҳанд ё намехоҳанд, барои рушди неруи илмии кишвари

қабулкунанда ё худ кишвари бегона мусоидат менамоянд. Таҷрибаҳо собит месозанд, ки кишварҳои қабулкунанда на ҳама вақт омода ҳастанд, ки дастовардҳои илмиро дастраси ҷомеаи ҷаҳонӣ созанд. Аксари кишварҳои рушдёфта дар муносибат ба соҳаҳои муҳими илмгунҷочун истеҳсоли нимноқилҳо, рушди комплексҳои кайҳонӣ, микробиология, низомҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ғайра, ки дар рушди иқтисоди муосир нақши муҳим доранд, сиёсати протексионистиро амалӣ намуда, барои дастраси кишварҳои дигар нагардидани он аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд. Зеро имрӯз **маҳз иттилоот ва дониш кафили қудрат ва нуфузи ҳар як кишвар аст** ва ҳеҷ давлату миллат намехоҳад чунин сарватро аз даст диҳад.

Дуюм, аз кишвар рафтани олим ё мутахассиси болаёқат ба иқтисоди он зарари мустақим мерасонад. Тибқи ҳисобҳои Созмони Миллали Муттаҳид аз рафтани як доктори илм, вобаста ба хароҷот барои тарбияи як мутахассис ва зараре, ки бо аз кор рафтани ин мутахассис ба истеҳсолот мерасад, мамлакат тақрибан 300 ҳазор доллар зарар мебинад. Бо аз кор рафтани як мутахассиси варзида як коллектив ва корхона аз роҳбарӣ маҳрум мегардад, самаранокии илмӣ ва истеҳсолии он паст мешавад, вақту заҳмат ва хароҷоти зиёде зарур мешавад, ки мутахассиси нав тарбия ва ба кори асосӣ ҷалб карда шавад.

Сеюм, зарари иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, ки бо рафтани корманди баландихтисос нуфузи илми ватанӣ дар арсаи ҷаҳонӣ паст мешавад ва ин ба ҳавасмандии олимони ҷавон ва ҷалби ҷавонон ба илм таъсири манфӣ мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба зиёд гардидани раванди муҳоҷирати «зеҳнҳо» дар даҳсолаи охир афзудани нақши давлат баҳри ба роҳ мондани назорат ва танзими ин раванд мушоҳида мешавад. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба масъалаи муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос се консепсияи асосии сиёсати давлатӣ вуҷуд дорад:

1**. Консепсияи танзими фаъол**. Тарафдорони ин консепсия дахолати давлатро ба раванди муҳоҷирати «зеҳнҳо» мувофиқи мақсад мешуморанд. Ин ҷо нақши асосиро коркарди механизми ҳуқуқии баргардонданиі муҳоҷирони «зеҳнӣ» бо такя ба санадҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ мебозад. Ҷонибдорони ин консепсия, аслан давлатҳои содиркунанда мебошанд, ки аз ин раванд зиёни бештар мебинанд.

2**. Консепсияи дахолатнакунӣ**. Бунёди ин консепсияро муқаррарот дар бораи қобили қабул набудани танзими давлатии муҳоҷират ва қисми ҷудонашавандаи ҳуқуқи инсон оид ба интихоби озодонаи ҷои зист ва фаъолият будани он ташкил медиҳад. Ҷонибдорони ин консепсия, асосан давлатҳои кордиҳанда-кишварҳои рушдёфтаи Ғарб маҳсуб мешаванд, ки аз ин раванд манфиати зиёд мебинанд.

3. Консепсияи ориентатсия ва дурнамо. Ҷонибдорони ин консепсия бар он назаранд, ки мушкилоти танзими байнидавлатии раванди муҳоҷирати «зеҳнҳо» танҳо бо роҳи коркарди санадҳои байналмилалӣ бо назардошти риояи манфиатҳои давлати содиркунанда (рушд ва амнияти миллӣ) ва инчунин, ҳуқуқу манфиатҳои шахсии муҳоҷир бояд ҳаллу фасл шавад.

Вале таҳлилҳои олимону коршиносон собит месозанд, ки аксари кишварҳои ба мушкилоти муҳоҷирати «зеҳнҳо» дучоргардида барои танзими ин раванд ва ба ватан боз гардондани олимону мутахассисони варзида чораҳои мухталиф меандешанд. Масалан, Ҳиндустон бо ин васила дар ду даҳсола 5 ҳазор олимону мутахассисонро ба ватан баргардонд, ки ин 5 ҳазор дар рушди илму истеҳсолоти ин кишвар, хусусан дар соҳаи барномасозӣ, ҷаҳиши ҷиддиро ба вуҷуд оварданд. Ҳукумати Шри-Ланка барои дастгирии мутахсассисоне, ки ба ватан бармегарданд, дар бонки миллӣ суратҳисоби махсус таъсис дод. Дар барномаи ба ватан баргаштани мутахассисон дар Ҷумҳурии Корея ва Филиппин баланд бардоштани музди меҳнат ва беҳтар намудани шароити кор пешбинӣ шудааст. Дар барномаи баргардондани мутахассисон аз ИМА роҳбарияти Хитой пардохти тамоми хароҷоти роҳ, таъмини хона ба таври ройгон ва дигар имтиёзҳоро пешбинӣ намудааанд.[Ниг. 4, с.56] Яъне ин кишварҳо на аз консепсияҳои мавҷуда, балки танҳо аз тариқи ҳавасманднамоӣ ва дастгирии иҷтимоии мутахассисон ба ватан баргардондани онҳоро амалӣ месозанд.

Таҳлили вазъи муҳоҷирати «зеҳнҳо» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки масъалаи мазкур аз мадди назари коршиносону муҳаққиқон дур мондааст ва бояд тазаккур дод, ки дар ин самт то ҳол ягон тадқиқоти мукаммали илмӣ низ ба анҷом нарасидааст. Мушкили асосӣ сари он аст, ки дар мақомоти расмии Тоҷикистон, аз ҷумла Хадамоти муҳоҷирати меҳнатӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба теъдоди умумии муҳоҷирон, хусусан олимону мутахассисон, маълумоти дақиқ вуҷуд надорад Лекин аз рӯи мушоҳидаҳо чунин хулосае бармеояд, ки аз ҷумҳурии мо низ дар ин давра олимону мутахассисони зиёде ба хориҷи кишвар рафтаанд. Имрӯз нарасидани олимон ва мутахассисони баландихтисос дар аксари муассисаҳои илмӣ, макотиби олӣ ва корхонаю ташкилотҳо эҳсос карда мешавад. Ба он нигоҳ накарда, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ зиёда аз 250 нафар рисолаҳои номзадию докторӣ ҳимоя мекунанд, вале дар кафедраю озмоишгоҳҳо ҷойҳои холӣ пурра намешаванд, зеро ки гузаштани мутахассисон аз соҳаи илм ба соҳаҳои дигари фаъолият дар дохили ҷумҳурӣ (тиҷорат, фаъолияти соҳибкорӣ ва ғ.) ва ба хориҷа қатъ нагардида, ҳанӯз ҳам идома дорад. Бояд ёдовар шуд, ки нарасидани мутахассисони болаёқат дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ низ хеле шадид гаштааст. Тибқи натиҷаҳои омӯзиши Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2015), танҳо барои соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби умумии кормандони соҳа бештар аз 30% мутахассисон, аз ҷумла муҳандисони пешбар, технологҳо- 34,1%, механикҳо, танзимгарони дараҷаи миёна- 32,7%, коргарони дипломдор- 34,5% малакаи касбии зарурӣ надоранд.[1, с. 34] Дар соҳаи нақлиёти корхонаҳои давлатӣ бошад, 33,9% - муҳандисони пешбар, 34,7% - механикҳо ва танзимгарон, 34,9% - коргарони ихтисосманд,[Ҳамон ҷо, с.59] ва дар соҳаи энергетика бошад, танҳо дар корхонаҳои саҳҳомии кушода 27% - муҳандисони пешбар, 37,2%- механикҳо ва васлкунандаҳо, 30,3%- коргарони ихтисосманд намерасанд. [Ҳамон ҷо, с.82] Аз ин рӯ, масъалаи

мазкур аз сохторҳои дахлдори давлатӣ ва таҳлилгарону коршиносони ҷумҳурӣ омӯзиши амиқу ҷиддиро талаб мекунад. Зеро ки раванди муҳоҷирати «зеҳнҳо» дар тамоми кишварҳои дунё зери назорати давлат қарор дорад ва ҳар кишвар барои нигоҳ доштани чунин сарват чораҳои судманд меандешад.

Вале аз таҳлили вазъи имрӯзаи масъалаи мазкур бармеояд, ки барои амалӣ сохтани танзими раванди муҳоҷирати «зеҳнҳо» ва ба ватан бозгардондани теъдоди муайяни онҳо мушкилоти муайян вуҷуд дорад. **Мушкили аввал,** вуҷуд надоштани маълумоти дақиқ дар бораи теъдод ва ҳайати муҳоҷирони баландихтисосамон бошад, **мушкили дуюм,** ғайриимкон будани таҷрибаи кишварҳои Ҳиндустону, Филипину Хитой ва ғ. аз тариқи ҳавасмандии моддӣ ва додани имтиёзҳо ба ватан баргардондани «зеҳнҳо» маҳсуб мешавад. Зеро вазъи молиявии ҷумҳурии мо барои чунин амал айни замон имконият намедиҳад. Ҳамзамон, сабабҳои боиси ба кишварҳои дигар рафтани олимону мутахассисони ҷумҳурӣ - маоши ночиз, сатҳи пасти таъмини озмоишгоҳҳои илмӣ бо таҷҳизоти замонавӣ ва ғайра ҳанӯз ҳам бартараф нашудаанд.

Бинобар ин, сиёсати дар ин самт пешгирифтаи ҷумҳурии мо бештар ба консепсияи сеюми танзими ин раванд, ки дар боло зикр гардид, яъне такя ба дурнамои тайёр намудани мутахассион мувофиқат менамояд. Чунки дар ин самт ба вазъи иқтисоди ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ баъзе тадбирҳо амалӣ шуданд, ки барои пурра намудании ҷойҳои холии муҳоҷирон дар чанд соли охир то андозае мусоидат хоҳанд кард.

Бояд тазаккур дод, ки тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин мақсад андешидашуда, аз ҷумла қабул намудани як силсила қарорҳо ва санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ, эътирофи баробарии дипломҳо, ҷудо намудани квотаҳо аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар хориҷи кишвар, таъсиси стипендияи Президентӣ барои аспирантон, таъсиси Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон ва ғайра ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба илм то андозае мусоидат намуданд.

Ҳамчунин, соли 2005 бо Фармони Президенти мамлакат идрорпулии аспирантон якбора 4 маротиба баланд бардошта шуд ва хобгоҳи замонавӣ барои аспирантону докторантҳо дорои 270 ҷой ба истифода дода шуд, ки маҳз ин амали саривақтии андешидаи Ҳукумат боиси он гардид, ки солҳои минбаъда қабул ба аспирантура аз рӯи озмун сурат гирад.

Инчунин, як силсила барномаҳои давлатӣ, аз қабили «Барномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ», «Барномаи рушди илмҳои дақиқ», «Консепсияи рушди илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғ., ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ба тасвиб расиданд, барои ба роҳ мондани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбия намудани кадрҳои илмӣ мусоидат менамоянд.

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус борҳо таъкид намудаанд ва дар яке аз суханрониҳояшон зикр намуданд, ки воситаи асосии ҳимояи мо ракетаю танку туп не, балки қувваи зеҳнии

миллати мо мебошад. Дар вохурӣ бо ҷавони кишвар моҳи майи соли 2013 таъкид намуданд, ки «… дар асри бистуяк пешрафт ва боигарии кишварҳоро на аз рӯи шумораи аҳолӣ ва захираву сарватҳои табиӣ, балки аз рӯи қобилияти зеҳнӣ, сатҳи маърифат ва огоҳиву дастрасӣ доштани аҳолӣ ба техникаву технологияҳои муосир ва истифодаи самараноки онҳо муайян менамоянд».[5] Ҳатто зимни мулоқот бо намояндагони рӯҳониёни ҷумҳурӣ Президенти кишвар аз онҳо хоҳиш намуданд, ки «…агар Сарвари давлатро дастгирӣ мекунед, танҳо бо дастгирии илму маориф дастгирӣ кунед». [6] Пас, ин суханони Сарвари давлат барои ҳар фарде, ки дар ин самт масъулияте дорад, бояд шиори асосӣ ва дастури амал бошанд. Зеро тарбия ва нигоҳдории захираи зеҳнӣ, ин сарвати гаронмоя кафили рушди ҳар давлату миллат ва омили муҳимтарини амнияти он маҳсуб мешавад.

Адабиёт

1. Арзёбии талабот ба таълим дар низоми таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар сатҳи миллӣ бо таваҷҷуҳи асосӣ ба бахшҳои калидии иқтисоди Тоҷикистон: кишоварзӣ, энергетика ва нақлиёт.// Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. –Душанбе, 2015.

1.Жуков Ж.О. Современные миграционные процессы в сфере интеллектуального труда: социологический анализ./Автореф. дисс. канд. социол.наук.-М.2004.

2.Қурбонов А.Ш. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон ва дурнамои он.//Маҷмӯаи «Масъалаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо./ МТС назди Президенти ҶТ.-Душанбе, 2013.

3. Маориф ва илм – омили муҳимтарини рушди инсонӣ. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2015, №6. С.111-120.

4.Школьников В. Эмиграция высококвалифицированной рабочей с илы из бывшего СССР: типы, возможные последствия, причины и воздействие на политику // Сб.к: Утечка умов: потенциал, проблемы, перспективы. Ред. Ж.А. Зайончковская, Дж.Р.Азраэл.-М., 1993.

5.Раҳмон Э. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, ш.Душанбе, 23 майи соли 2013. http://www.president.tj/ru/node/4441.

6.Раҳмон Э. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо рӯҳониёни мамлакат, ш. Душанбе, 4 июли соли 2013. http://news.tj/ru/node/149854

7.Утечка мозгов как глобальное явление. Причины и последствия. http://gtmarket.ru/laboratory/expertize/2008/1653

8.Утечка мозгов из России: общая характеристика проблемы. http://revolution.allbest.ru/economy/00345076_0.html

9. Юревич А.Умные, но бедные: ученые в современной России.-М., 1998.

МИГРАЦИЯ «ИНТЕЛЛЕКТУАЛОВ»: ИСТОРИЯ И ПЕРСПЕКТИВА

А. Ш. КУРБОНОВ,
доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 40,
тел.: (+992 37) 227 67 57, (+992) 988 65 00 49

Сегодня не только научные учреждения и высшие учебные заведения нашей республики, но и все научно-исследовательские институты и лаборатории стран мира ощущают нехватку ученых и специалистов, и для привлечения «интеллектуалов» между ними существует серьезная конкуренция. Изучение данного вопроса показало, что ослабление интеллектуального потенциала в нашей республике имеет общее с существующими проблемами в этой области у зарубежных стран, а также имеет свои особенности, которые были проанализированы в этой статье.

Ключевые слова: *научные учреждения, интеллектуальный потенциал, высококвалифицированный специалист, утечка мозгов, отраслевая академия, кадровый кризис, умственный труд, научно-исследовательские работы.*

LEAKAGE OF BRAINS: CONSEQUENCE AND PERSPECTIVES

A. SH. QURBONOV,
doctor of philosophy science, Head of the Department of analysis of social problems of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, aven. Rudaki 40,
Ph: (+992 37) 227 67 57, (+992) 988 65 00 49

Today there are a shortage of specialists not only in scientific institutions and educational institutions of our country, but also in all scientific – investigation institutions and laboratories of world. That's why there are a serious competitions between them for attraction an «intellectuals». Learning giving question shown me that weakness of an intellectual potential in our country has common with problems this sphere of foreign countries. Also has it's own peculiarity, which were analysed in this article.

Keywords: *scientific institutions, intellectual potential, high – qualified specialist, leakage of brains, branched academy, personal crisis, mental labor, scientific – investigational works.*

УДК: 8 тоҷик1+37тоҷик+008+1с

НИГОҲЕ БА ВАЗЪИЯТИ ИЛМӢ ВА ФАРҲАНГИИ ДАВРОНИ АБӮМАНСУРИ МОТУРИДӢ

С.Ҳ. ЯҚУБОВ,
мудири кафедраи забон ва адабиёти араби факултаи
филологияи Шарқи Донишкадаи Исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам - Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит,
734140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ, 58
тел: 918 52 73 96, 900 23 00 60

Дар мақола муаллиф авзои илмӣ ва фарҳангии даврони Имом Мотуридии Самарқандиро баррасӣ менамояд. Ҳамзамон кӯшиш ба харҷ додааст, то масъалаҳои марбут ба илм ва фарҳанги даврони мутафаккирро баррасӣ намуда, хулоса ва натиҷагирии худро изҳор намояд.

Калидвожаҳо: *Халифаҳои аббосӣ, хилофат, хонадони Сомониён, Исмоили Сомонӣ, Мовароуннаҳру Хуросон, Самарқанду Бухоро, Абӯмансури Мотуридӣ, дин, мактаби ҳанафия, фирқаҳо, маърифат, ҳикмат (фалсафа).*

Ҳолати илмӣ ва фарҳангии даврони зиндагии Абӯмансури Мотуридӣ аз асрҳои собиқ пухтатар ва бомуваффақият пеш мерафт. Китобҳое, ки дар асрҳои собиқ аз дигар забонҳо ба арабӣ тарҷума мешуданд, дар ин аср аз ҷониби уламо ҳазм, тартиб ва шарҳ дода шуданд. Ин ҳама натиҷаи наҳзати илмӣ ва ташкилёбии марказҳои илмӣ дар тамоми гӯшаву канори давлати исломии онвақта буд. Гуфтан ҷоиз аст, ки илм ва фарҳанг ба асри тиллоии худ расида буд. Илми калом низ ба болотарин давраи тараққиёти худ дастрасӣ пайдо кард ва аз ҳама муҳим аз илми фиқҳ, ки дар асрҳои собиқ якҷо матраҳ мешуданд, ҷудо ва ҳамчун илми алоҳида арзи вуҷуд намуд. Донишомӯзону донишпажӯҳон ба омӯзиши Қуръону ҳадис бештар рӯй меоварданд [1].

Муҳаққиқи “Таъвилоту аҳли-с-сунна”-и Абӯмансури Мотуридӣ Маҷдӣ Босаллум дар ин мавзуъ ёдрас мешавад: “Мусулмонон дар охири асри аввали хеш сарзаминҳои бисёреро ба давлати худ илова намуданд, ки мардумони он диёр расму рафторҳои ба худ хос ва дину оинҳои гуногун доштанд. Сарзаминҳои Ироқу Форс, Шому Миср ва ҳатто Андалуси Аврупоро фатҳ намуданд. Мардумонашон ба динҳое чун яҳудият, насроний, монавия, маздакия, зардуштия ва ғайра пайравӣ мекарданд. Натиҷаи ин футуҳот буд, ки фикрҳои мухталиф ва андешаҳои гуногун бо ақидаи мусулмонон омехта шуд ва дар охир ба пайдошавии илми калом дар қолабҳои махсуси илмӣ арзи вуҷуд кард” [8].

Пайдоиши муътазила тасодуфӣ набуда, як амри муҳими саривақтӣ дар муқобили аҳли ташбеҳ будааст. Вақте ислом интишор ёфта мусулмонон бо ғайри араб даромехтанд ва дар аҳди Абӯҷаъфари Мансур ва баъд дар замони Ҳорунаррашид мантиқ ва фалсафаи Юнон ба забони арабӣ тарҷума шуда ба ҷомеаи исломӣ ворид шуд, гурӯҳе

пайдо шуданд, ки дар масъалаҳои эътиқодӣ таблиғи навгаройӣ, бидъатҳо ва дар баҳсу изҳори ақоид бо усули ислом ва насси сареҳи Қуръону суннат мухолифат карданд. Онҳо ҷонибдори эътиқод ба ташбеҳ (Худоро ба махлуқ монанд кардан), қоил ба ҷисмонияти Худо, эътиқод ба азалӣ будани олам, инкори маоди ҷисмонӣ ва ғайра шуданд. Ин муҳит фароҳам омад, ки муътазила зуҳур кунад ва бо ин гурӯҳи тундрав бо усуле, ки онон далелҳои худро бино карда буданд, барои посухи онҳо ба муборизa барояд. Муътазила дар ин кор агарчи пештозӣ карда буданд, вале усул ва идеалогияшон хатоҳое дошт, ки бо ақоиди ҷумҳури мусулмонон дар мухолифат ва тазод қарор дошт [2].

Муътазила дар ин давр тавонист пайравони худро зиёд кунад. Онҳо бо шиори такя бар далелҳои ақлӣ ва фикрӣ кӯшиданд камсаводон ва камхирадонро, чун имрӯза салафиҳо бо шиори пайравӣ аз суннат ва ё шиа, бо шиори пайравӣ аз аҳли байти Пайғамбар (с), ба худ тобеъ созанд. Метавон гуфт, ки фаъолияти муътазила дар асри дуюми ҳиҷрӣ шуруъ шуда, дар асрҳои сеюм ва чаҳорум ба авҷи шукуфоияш расида буд. Ташкилкунандаи ин фирқа Восил ибни Ато (80-131ҳ./699-748м.), ки дар ибтидо шогирди тобеии ҷалилулқадр Ҳасани Басрӣ (21-110ҳ./641-728м.) буд, маҷлиси илмии ӯро тарк кард ва дар гӯшае аз масҷиди Басра ҳалқаи дарс ташкил намуда, ба ташвиқи ақоиди хеш пардохт. Қиссаи Восил бо устодаш, Ҳасани Басрӣ дар бисёр китобҳое, ки дар илми калом, ақида, сиратнигорӣ ва ё фарҳангномаҳо дар бораи фирқаҳо навишта шудааанд, омадааст [2,3,4,5]. Дар нимаи аввали асри дуюми ҳиҷрӣ ин фирқа зуҳур карда, то охири ҳамин аср ба фаъолияти густурда пардохтааст. Афкор ва гуфторҳое, ки аз ҷониби муътазила барномарезӣ мешуданд, бо ақоиди аксари мусулмонон ва сареҳи Қуръону суннат созгорӣ намекарданд. Ба монанди ин ки муртакиби гуноҳи кабира на муъмин аст ва на кофир, балки мақоме байни ин дуро дорад, анҷоми кори аслаҳ (беҳтар ва хубтар) бар Худо воҷиб аст, эътиқод ба махлуқ будани Қуръон, инкори сифоти Худо, инкори дидори Худо дар охират бо чашми сар чун имрӯза шиаҳои дувоздаҳимомӣ (исноашарӣ) ва ғайра.

Бояд ёдовар шуд, ки дар чунин ҳаракати фикрӣ мавҷи бошитоби пурталотуми муътазила бо дасти халифаи аббосӣ – Мутаваккил боздошта шуд. Ӯ ба суннатгаройӣ майл пайдо карда, аҳлашро нусрат дод ва онҳоро ба ривояти аҳодиси сифот ва руъяти Худо амр намуд [6]. Ин амалкарди ӯ сабаби зуҳури касоне шуд, ки бо далелҳои нақлӣ ва ақлӣ пуштибонӣ аз ақоиди аҳли суннатро рисолати хеш ҳисобиданд.

Дар чунин шароит дар дунёи ислом се шахсияти илмӣ барои ислоҳталабӣ дар заминаи ақоиди динӣ зуҳур карданд, ки иборат буданд аз Абӯмансури Мотуридӣ (ваф. 333ҳ./944м.) дар Осиёи Марказӣ (Самарқанд), Абулҳасани Ашъарӣ (ваф. 324ҳ./935м.) дар Ироқ, ки маркази хилофат буд ва Абӯҷаъфари Таҳовӣ (ваф. 321ҳ./932м.) дар Миср. Ин андешамардон эътиқод, амал ва мавқеи аҳли суннатро аз роҳи нақл ва ақл бо бурҳону ҳуҷҷат баён доштанд. Пас мавқифи васат байни нақл ва ақл зуҳур кард, ки пеш аз ин аҳли суннат бештар аз роҳи нақл исботи масоил менамуданд [1].

Давлати Сомониён дар минтақаи Мовароуннаҳр истиқлолро ба даст овард. Масоҳати географии он аз ду тарафи дарёи Ҷайҳун (имрӯза рӯди Омӯ) ба ҷониби шимол тӯл мекашад. Сокинони ин минтақа аз мизоҷи забон, хун ва фарҳанг ба нажоди форситаборон, яъне ориёӣ дохил мебошанд. Аммо минтақаи ниҳоии шимол ва ҷониби шарқ хоссаи туркон буд, ки бо нажоди туронӣ шуҳрат дошта, давлаташон Туркистон номида мешуд.

Саъдулло Абдуллоев нисбатёбии Сомониёнро ба ориёитабор буданашон чунин менигорад: “Аз мутуни мутааддиди таърихӣ ва асотирӣ, бахусус аз “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, ки қомуси зиндагӣ ва андешаи аҷамиён аст, бармеояд, ки дар ҷаҳоншиносии қавмҳои ориёӣ асли насаб ва тухми пок ҳамеша мақоми хос ва арҷманде доштааст. Чун китобҳои муътабари форсӣ ва арабиро, ки умри ҳазорсола дар пушти сар доранд, ба тааммул варақ гардонем, дармеёбем, ки ҳама дудмонҳои эрониасл дар садаҳои нуҳуму даҳум (сеюм ва чаҳоруми ҳиҷрӣ) бо силсилаи шоҳони сомонӣ пайванди хунӣ доштаанд ва ирқу нажодашон дар чанд пушт ба асилзодагони ориёӣ расидааст [7]. Мовароуннаҳр бо Хуросон ва Сиҷистон робитаи ҷуғрофӣ ва сиёсии ногусастание дорад, ки аз ҳамин ҷиҳат, Мақдисӣ ин се минтақаро бо як исм – Шарқ номидааст. Худи Мовароуннаҳр аз чанд шаҳрҳо иборат будааст: Бухоро, Самарқанд, Истаравшан, Чош, Фарғона, Кеш, Насаф, Сағониён, Хутал, Хоразм ва Термиз” [8].

Давлатдории Сомониён зери роҳбарии форситаборони аслнажод, ки решаашон ба Баҳроми Гӯр мерасад, нисбат меёбад [9]. Ин авлод бо сардории Сомонхудот дар аҳди умавиён бо дасти Асад ибни Абдуллоҳи Қасрӣ, ки ӯ ба фарзандони оилаҳои форситабор аҳамияти ҷиддӣ медод, ислом меоранд ва ӯ Сомонро волии Балх мегардонад. Вақте Сомон соҳиби фарзанд мешавад, ба хотири дӯстиаш бо волӣ, ӯро Асад ном мегузорад. Асад ибни Сомон соҳиби чаҳор фарзанд мешавад, ки онҳо дар аҳди халифа Маъмун ба арсаи сиёсат ворид мешаванд. Чун Маъмун ба Ироқ бозмегардад, ба ҷойи худ Ғассон ибни Уббодро бар Хуросон волӣ таъйин мекунад. Ғассон ҳам соли 204ҳ./819м. Самарқандро ба Нӯҳ ибни Асад, Фарғонаро ба Аҳмад ибни Асад, Чош ва Истаравшанро ба Яҳё ибни Асад ва Ҳиротро ба Илёс ибни Асад вогузор мекунад. Ҳангоме ки Тоҳир ибни Ҳусайн аз ҷониби халифа Маъмун фармони Хуросонро ёфт, ҳамаи онҳоро бори дигар дар вазифаҳояшон тасдиқ мекунад [10].

Академик Бобоҷон Ғафуров дар мавриди давлатдории Сомониён бо муаррихи забардаст Ибни Асир ҳамақида буда танҳо ин гуфтаро илова мекунад: “Дар зоҳир инчунин ба назар мерасид, гӯё ҳар яке аз чор бародар ҳокими вилояти инъомшудае мебошад ва бевосита ба қоиммақоми Хуросон итоат мекунад. Аммо дар асл ин тавр набуд. Бародари аз ҳама калон Нӯҳ мақоми махсусе дошт. Дар робитаҳои хориҷӣ ҳамчун сардори хонадон баромад мекард. Муаррихон ба ин ҷиҳат кам аҳамият додаанд. Таҳқиқи сиккаҳо нишон медиҳад, ки давраҳои аввал бародарон худро на ҳамчун маликони алоҳида, балки ҳамчун аъзои як хонавода ҳисоб мекарданд, ки дар сари он Нӯҳ қарор гирифта будааст.

Бесабаб нест, ки аввалин пулҳои мисии сомониро ба номи ӯ сикка задаанд. Хусусан, яке аз ин пулҳо, ки дар мулки Яҳё Бинкент бароварда шудаанд, ҷолиби диққат аст: дар он на номи соҳиби мулк, балки номи Нӯҳ сабт гардидааст. Бинобар ин чунин хулоса боварибахш аст, ки набераҳои Сомонхудот аз қадамҳои аввал дар сар фикри ваҳдати хонадонро парварида, онро яке аз шартҳои таъсири сулолаи муқтадирӣ медонистанд, ки истиқлоли Осиёи Миёнаро аз хилофати Араб ва Тоҳириён таъмин карда метавониста бошад” [11].

Аҳмад ибни Асад ҳафт писар дошт: Наср, Яъқуб, Яҳё, Асад, Исмоил, Исҳоқ, Ҳумайд. Аҳмад ибни Асад фарзанди худ Насрро ҷойнишини хеш қарор дода буд ва пас аз марги падар Наср Самарқанд ва атрофи онро ба даст гирифт. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ аз ин воқеа ҳамагӣ як ҷумла маълумот пешниҳод мекунад, ки дар ин сол (261ҳ./874-5м.) Наср ибни Аҳмади Сомонӣ вилоятдори моварои наҳри Балх шуд ба моҳи Рамазон ва инро ба ӯ навиштанд [12]. Исмоил ибни Аҳмад бародараш Насрро хидмат мекард ва Наср ӯро соли 261ҳ./874-5м. бар Бухоро фармонравоӣ медиҳад [12]. Аммо Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ ин воқеаро чунин шарҳ медиҳад: Дар рӯзи душанбе, дувоздаҳуми моҳи муборакі Рамазон, соли дувисту шаст (260) буд. …Ва хутбаи Бухоро ба номи амир Наср ибни Аҳмад ва ба номи амир Исмоил гуфтанд ва номи Яъқуби Лайси Саффор аз хутба афтода буд [9].

Исмоил дар Бухоро аз бародараш Наср ҷойнишинӣ мекард ва бо сабабҳое байни онҳо душманӣ авҷ мегирад ва ҳатто ба ҷанги байни якдигар мекашад. Дар охир соли 275ҳ./888-9м. ҷанг байни он ду бародар забона мезанад ва бо пирӯзии Исмоил бар Наср поён меёбад. Чун Насрро назди Амир Исмоил меоранд, Амир Исмоил бо узрхоҳӣ ва таъзими зиёд ба бародараш, Наср аз аспи худ пиёда мешавад ва дастҳои ӯро бӯса зада, мегӯяд: “Ман ба хатои худ иқрорам ва ҳамаи камбудиҳо гуноҳи ман аст. Наср аз муомила ва вафои бародараш – Исмоил бо ӯ гирён мешавад ва ба Самарқанд баргашта, ӯро дар Бухоро ҳамчун ноиб аз хеш боқӣ мегузорад” [8,9].

Соли 279ҳ./892-3м. баъди вафоти бародараш Наср ибни Аҳмад кори давлати Сомониён пурра ба дасти Исмоил ибни Аҳмад мегузарад. Метавонем бигӯем, ки муассиси ҳақиқии давлати Сомониён Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомонхудот мебошад, зеро дар даврони ӯ давлат ба авҷи қудрати хеш расида, сабаби аз байн рафтани салтанати Саффориён шуда буд. Бобоҷон Ғафуров низ асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомониро дониста, менигорад: “Асосгузори давлати сомониён Исмоили Сомонӣ ба хубӣ медонист, ки таъмин кардани истиқлоли Мовароуннаҳр ва аз Хилофати Араб озодона нашъунамо ёфтани вай фақат ҳамон вақт мумкин мешавад, ки дар ин мамлакат як ҳукумати марказият пайдокардае ба вуҷуд ояд. Вай дар роҳи ин мақсад як қатор иқдомот ба амал овард” [11].

Мутарҷими “Таърихи Яминӣ” зери унвони “Зикри умарои Сомонӣ ва мақодири айёми эшон” ёдрас мешавад: “Муддати мулк ва салтанати Оли Сомон ба Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар вилоёте, ки дар баъзе авқот дар ҳавзаи мулки эшон буд аз Сиистону Кирмон, Ҷурҷону Рай ва

Табаристон то ҳудуди Сипоҳон (Исфаҳон) саду ду солу шаш моҳу даҳ рӯз буд.

Аввалин подшоҳ аз авлоди эшон Исмоил ибни Аҳмад буд, ки Амри Лайсро ба ноҳияи Балх бигрифт ва аз ибтидои рӯзи сешанбеи нисфи моҳи рабиулохири санаи 287ҳ./889м. бар мулк муставлӣ шуд ва муддати ҳашт сол мулк дошт....” [13].

Мувофиқи гуфтаи соҳиби “Таърихи Систон” зери номи “Ҳадиси Амр бо Исмоил ва рӯзгори фитрат” қайд мекунад: “....ва Исмоил ибни Аҳмад андар Мовароуннаҳр мунодо кард, ки Амр омад, [то Я.С.] ки Мовароуннаҳр бигирад ва мардон бикушад ва молҳо ғанимат кунад ва занону фарзандон барда кунад. Чун чунин буд, ҳар чи андар Мовароуннаҳр кас буд [аз Я.С.] мардони корӣ ҳама бо ӯ бархостанд ва ба ҳарби Амр омаданд. Гуфтанд: “ба мардӣ кушта шавем беҳ аз он ки асир”....” [14].

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ чун одати хеш аз ин воқеа ҳамагӣ як ҷумла маълумот пешниҳод мекунад, зеро то ҷое, ки мо дар ин масъала андешидем, Табарӣ аз ҳодисаҳое, ки дур аз зодгоҳаш рӯй медиҳанд, шояд барояш камаҳамиятанд, ё худи муаррих дар бораи онҳо маълумоти ҳамаҷониба надорад. Ӯ мегӯяд: “Дар ин сол (279ҳ./892-3м.) хабари даргузашти Наср ибни Аҳмад расид ва кореро, ки он сӯи наҳри Балх ба уҳдаи вай буд, бародараш – Исмоил ибни Аҳмад уҳда кард” [12].

Саъдулло Абдуллоев дар васфи ин марди шуҷоъ (Наср) меорад: Ибни Асир, ин муаррихи ҳақшинос ва мунсифи араб, ки дар сиҳати иснод ва ахбор камоли диққатро ба кор бурдааст, мефамояд, ки: “Наср диндор ва хирадманд буд ва шеърро хуб месуруд” [7]. Исмоил бо ақлу заковати сиёсӣ ва таҷрибаи ғании ҳарбии хеш тавонист тамоми салтанатҳои Мовароуннаҳро ба худ мутеъ гардонад ва Хуросону дигар минтақаҳои атрофро ба сарзамини худ илова намуда, Бухороро пойтахти давлати хеш қарор дод [8].

Роҳи пурфутуҳи Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ба авҷи қудрат ва таъсиси давлати пуровозаи Сомониён шуҳрати беш аз ҳазорсолаи ин амири одил дар масири таърих аз ҳамин даврон, аз даврони ба тахти аморати Бухоро нишастани ӯ оғоз ёфтааст. Метавон гуфт, ки аз ҳамон даврон шахсияти Исмоил ибни Аҳмад дар баробари сарнавишти миллат ва сарзамини бузург арзиши таърихӣ касб намудааст. Бо умри таърих сарнавишти Бухоро, сарнавишти Амир Исмоили Сомонӣ ва сарнавишти тоҷикон ончунон ба ҳам пайваст, ки ин се ном, ки аз ҷумлаи муқаддасоти миллии аҳвоми ориёӣ ба шумор меоянд, бидуни ҳам қобили тасаввур намебошанд.

Ибни Асир Исмоил ибни Аҳмадро васф намуда, мегӯяд: “Ӯ хайрандеш, хайрхоҳ ва саховатманд буд. Аҳли илм ва динро дӯст дошта, онҳоро икром мекард”. Ҷойи дигар мегӯяд: “Ӯ марди оқил, одил, бо мардум некрафтор ва ҳалим буд” [10]. Ибни Касир нисбати адли Исмоили Сомонӣ қиссаеро ёдовар мешавад: “Ривоятест, ки боре Амир Исмоил барои фарзандаш Аҳмад барои тарбияи ӯ муаллиме истихдом мекунад. Рӯзе Амир Исмоил ба назди онҳо меравад, вале муаллим аз ҳузури ӯ огоҳӣ надошт ва шунид, ки муаллим фарзандашро дашном

дода, мегӯяд: Худованд бар ту ва касе, ки сабаби вучуди ту шудааст, баракат надиҳад! Пас, Амир Исмоил назди ӯ дохил шуда, ба ӯ гуфт: Эй фалонӣ, мо гуноҳе накардаем, ки сабаби дашноми ту бошем. Оё намехоҳӣ, моро аз дашномат барканор дорӣ ва танҳо касеро дашном кунӣ, ки аз ӯ гуноҳе сар задааст? Муаллим аз тарс ларзид ва Амир Исмоил аз назди ӯ баромада рафт ва фармуд, то барои тарсе, ки муаллимро ба сабаби ӯ фаро гирифта буд, ҳадяе диҳанд” [15].

Робитаи давлати Сомониён аз давлати Саффориён бо маркази аҳли исломи онрӯза, хилофати Аббосӣ хеле фарққунанда буд. Саффориён раҳбарии халифаи вақтро болои хеш эътироф намекарданд ва мекӯшиданд, то бар БаҒдод, пойтахти мусулмонон ҳуҷум намуда, онро тобеи худ гардонанд. Натиҷаи кори Саффориён ба шикаст мувоҷеҳ шудан ва аз байн рафтани салтанаташон шуд, ки ин барои Сомониён дарси ибрат буд. Сомониён шукри истиқлол намуда, дӯстӣ, садоқат ва рафоқату қаробатро бо хилофати давр наздик менамуданд. Нуфузи хилофатро эътироф намуда, дар зери сояи он парчами миллии хешро бармеафрохтанд ва ҳеҷ гуна кумакро барои маркази хилофати мусулмонон дар муқобили душманон дареғ намедоштанд. Дӯстӣ ва рафоқате, ки Сомониён ба халифаҳои Аббосӣ зоҳир карданд, иборат буд аз:

–пойбанд будан ба мазҳабе, ки хилофат ташвиқ ба он мекард (мурод ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат);

–алоқа накардан бо Фотимиён, ки онҳо бо хилофат носозгор буданд;

–гузоштани номҳои хулафои аббосӣ бар сиккаҳо;

–дар хутбаҳо дастгирӣ кардан аз сиёсати хулафои аббосӣ;

Дар баробари он хулафои аббосӣ бар садоқат ва дӯстии Сомониён итминон ва боварӣ ҳосил намуда, онҳоро дар Шарқ ансори худ дар ивази Тоҳириён баргузиданд. Далели гуфтаҳои боло дар ҳамбастагӣ ва ҳампаймонии Сомониён-Аббосиён дар аз байн бурдани давлати Саффориён, ки хилофати Аббосиро таҳдид мекард, зоҳир мешавад. Ҳамчунин Сомониён зайдияро, ки бори гарон бар души хулафои Аббосӣ буд, аз Табаристон бадарға намуда, давлати онҳоро бори аввал соли 287ҳ./889м. ва бори дуюм соли 316ҳ./928м., ба суқут мувоҷеҳ кард [8].

Дар аҳди Амир Исмоил замоне, ки Бухоро марказ ва пойтахти давлати Сомониён буд, дар он ҷо қасрҳои баланд, иншоотҳои бузург ва мадрасаҳои динӣ қомат афрӯхтанд. Уламо, донишмандон ва толибилмон аз ҳар тараф ва акнофи дунё сӯи Бухоро рахти сафар мебастанд, зеро он ҷо ба макони дилгармӣ ва пазиро аз аҳли илм шуҳрат пайдо карда буд. Амир Исмоил зиёда аз сӣ сол ҳукмронӣ карда, дар тамоми фаъолияташ ҷониби адлу эҳсонро ба халқаш риоя намуд, ҳатто кормандоне, ки ба раият зулмро раво медиданд, аз онҳо чашмпушӣ накарда, дар ҳисоби кори онҳо расидагӣ мекард.

Хуросон дар замони Амир Исмоил ба чаҳор вилоятҳои марказӣ тақсим мешуд:

а) Вилояте, ки марказаш Нишопур буд.

б) Вилояте, ки марказаш Марв буд.

в) Вилояте, ки марказаш Ҳирот буд.

г) Вилояте, ки марказаш Балх буд.

Мовароуннаҳр ба панҷ вилоятҳои марказӣ тақсим мешуд:

а) Вилояти Суғд, ду марказ: Бухоро ва Самарқанд дошт.

б) Вилояти Хоразм.

в) Вилояти Чағониён.

г) Вилояти Фарғона.

д) Вилояти Чош.

Дар нимаи моҳи сафари соли 295ҳ. / 26 ноябри 907-8м. Амир Исмоил ибни Аҳмад фармонравои Хуросон ва Мовароуннаҳр дар Бухоро даргузашт. Ӯро баъд аз марг бо лақаби "Мозӣ", яъне "гузашта" ёд мекарданд. Пас аз ӯ писараш Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил бар тахти салтанат нишаст. Халифа Муктафӣ фармони фармонравоӣ барои ӯ фиристод ва парчами ӯ ба дасти хеш бибаст [15].

Ибни Касир дар бораи Амир Исмоил ибни Аҳмад чунин менигорад: "Яке аз шоҳони Хуросон ва касе, ки Амр ибни Лайси хорӣҷиро ба қатл расонида, хабари онро ба халифаи Аббосӣ – Муътазид мерасонад. Муътазид ӯро волии Хуросон мегардонад. Дар замони халифа Муктафӣ волии Рай, Мовароуннаҳр ва билоди турк таъйин мешавад. Бар диёри онҳо лашкар кашида, онҳоро мутеи худ мегардонад. Дар роҳҳо корвонсаройҳо бино карда буд, ки то ҳазор саворaро ҷой мешуд ва дар ихтиёри онҳо вақфҳои зиёдеро гузошта буд. Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс ба Амир Исмоил ҳадяҳои фаровоне мефиристад, ки миёни онҳо 13 ҷавҳар (гавҳар, санги қимат), ки вазни ҳар кадоми онҳо аз 7 то 10 мисқол (1мисқол = 4,68 грамм), баъзе аз онҳо сурх ва баъзеи дигар кабуд буда, қимати умумиашон ба сад ҳазор тангаи тилло баробар мешуд. Ҳамаи онҳоро ба халифа Муътазид мефиристад, то аз гуноҳи Тоҳир ибни Муҳаммад даргузарад ва халифа ҳам ба пешниҳоди Амир Исмоил розӣ мешавад. Ҳангоме ки Амир Исмоил ибни Аҳмад аз дунё рахти сафар мебандад, халифа Муътазид дар ҷанозаи ӯ ҳозир шуда, бо шеъри Абӯнавос таъзия баён мекунад:

Лан яхлуфа-д-даҳру мислаҳум абадан,
Ҳайҳота, Ҳайҳота шаънуҳу аҷабу" [15].

Тарҷума:

Замона ҳаргиз мисли онҳоро ҷойнишин намегузорад,
Дареғо, дареғо, кирдору рафтори ӯ аҷиб буд.

Аслан, баъди вафоти Амир Исмоил салтанати Сомониён рӯ ба таназзул мениҳад ва сабаби аз байн рафтани онҳо якчанд омилҳо будааст:

–тақсимшавии хонадони Сомониён дар умури раёсат;

–саъю талоши сатҳи болоии давлати Сомониён ба хостаҳои шахсии худ аз ҳисоби давлат;

–бозича қарор гирифтани амирони Сомонӣ зери дасти вазирони давлат;

–нуфузи туркон дар умури давлат, ки дар ибтидо аз ходим ва лашкари қаторӣ беш набуданд.

Бо вуҷуди он, салтанати Сомониён қариб якуним қарн (150 сол) идома ёфта, дар охир салтанат ба дасти Ғазнавиён интиқол меёбад.

Давлат ва амирони сомонӣ дорои фазилат ва хислатҳои ҳамидаи зиёд буданд:

–фарҳанги исломӣ дар аҳди Сомониён гул-гул шукуфт, ҳатто Бухоро, Самарқанд ва Балх, ки таҳти ҳукми онҳо қарор дошт, макони улуми динӣ буданд ва аз гӯшаву канори олам толибилмон сӯи онҳо сафар менамуданд;

–дар аҳди онҳо серию пурӣ ва фаровонӣ буд ва амирони Сомонӣ дар замони ҳукмрониашон танҳо пайравӣ аз ҳақ мекарданд, ҳатто Мақдисӣ ба диёри онҳо сафар намуда будааст, он ҷо ки мегӯяд: “Онҳо (амирони Сомонӣ Я.С.) хушахлоқтарини мардум буданд, илм ва аҳлашро эҳтиром мекарданд ва заминбӯсии аҳли илмро назди худ раво намедиданд” [8].

Хидмат ва эҳтиромі аҳли илм, ки назди соҳибхирадон фазли бузург аст, ба ҳар кас насиб намекардааст.

Мақдисӣ аҳли Хуросонро дар аҳди Сомониён васф намуда, мегӯяд: “Онҳо аз ҳама беш ба ҳақ тамассук ва чанг заданд, онҳо ба ақида ва амали хайр аз ҳама донотар буданд, онҳо дорои илми зиёд ва ҳофизаи ачиб буданд” [8];

–танҳо ба улуми динӣ иктифо накарда, амирони Сомонӣ ба дигар улум низ камари ҳиммат бастанд, аз ҷумла: табиатшиносӣ, адабиёт, мантиқ, калом ва ҳикмат, тиб, нуҷум, шеър ва ғайра;

Дар чунин давру замон бунёдгузори адабиёти форсу тоҷик, Одамушшуаро, Маликушшуаро ва Султонушшуаро – Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ (858-941м./243-329ҳ.), ки дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ яке аз асосгузорон ба шумор меояд, умр ба сар бурдааст.

Инчунин, Абӯнаср Муҳаммад ибни Тархони Форобӣ, ки дар илми мантиқ дасти дароз дошт ва китобҳои Афлотуну Арастуро бар замми дақиқ таълифшуданашон дарк, эзоҳ ва шарҳ медиҳад ва аз ин ҷиҳат бо лақаби “Муаллими сонӣ” шуҳрат пайдо мекунад. Ӯ ҳамчунин, дар илми мусиқӣ назир надоштааст. Гӯянд, ки узлатро дӯст медошт ва ӯро танҳо назди обҳои ҷорӣ ва маконҳои бисёрдарахт пайдо кардан мумкин буд. Соли 339ҳ./950м., 6 сол баъд аз вафоти Имом Мотуридӣ аз олам даргузаштааст [16].

Ҳамчунин, Ҳусайн ибни Алӣ ибни Синои файласуф дар аҳди Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ (ваф. 350ҳ./961-2м.) зиндагӣ ва фаъолият кардааст ва маҳз натиҷаҳои илми тиб ва китоби “ал-Қонун” дар ин аҳд навишта шудааст [8].

Ва яке аз ҳамасрҳои Имом Мотуридӣ, ки дар тасаввуф ҳангомаҳои зиёде атрофи ӯ паҳн шуда буд, Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ мебошад [1].

Аз муҳтавои мақола чунин натиҷагирӣ карда мешавад, ки асри тиллоии илм ва фарҳанги Мовароуннаҳр ба қуллаҳои баланди хеш сар боло карда, сухани аввали илмии онрӯзаи ҷаҳонро донишмандони ин диёр мегуфтаанд.

Пас, обу хоки ин сарзамин метавонад фарзандони фарзонаи худро тарбия намуда, ба ҷаҳони имрӯза барои хидмат ба тамоми башарият дубора эҳдо кунад. Ба шарте ин умеду орзу ҷомаи амал мепӯшад, ки шароит ва дахлнопазирии илмӣ муҳайё гардад.

Адабиёт

1. Одам Митз. ал-Ҳазорату-л-исломия (Тамаддуни исломӣ). Тарҷумаи арабӣ. Ҷ.1, –С.266, 267.//Мағрибӣ Алӣ Абдулфаттоҳи. Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия. Қоҳира. Мактабату Ваҳба. Чопи дуюм. 2009. –С.19.

2. Саъдӣ Абдураҳмон Абдулмалик. Шарҳи ақоиди аҳли суннат. Тарҷумаи Табрезӣ Амирсодиқ. Санандаҷ. Интишороти Курдистон. 1383ҳ.ш. –С.12-13.

3. Тафтозонӣ Саъдуддин. Шарҳу-л-ақоиди-н-насафия. Бо кӯшиши Тоҳо Абдурауф Саъд. Қоҳира. ал-Мактабату-л-азҳария ли-т-турос. 1421ҳ./2000м. –С.17;

4. Азалшоҳи Баҳром. Калом ва мактаби эътиқодии Имом Абӯҳанифа. Душанбе. Матбааи “Принт Мастер”. 2009. –С.95,96;

5. Субҳонӣ Ҷаъфар. Фарҳанги ақоид ва мазоҳиби исломӣ. Қум. Муассисаи Имом Содиқ. 1390ҳ.ш. –С.7.

6. Суютӣ Ҷалолуддин. Таъриху-л-хулафо. Бейрут. Дору-л-фикр. 1424ҳ./2004м. –С.320.

7. Абдуллоев Саъдулло. Амир Исмоили Сомонӣ. Эрон. Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1378ҳ.ш. –С.21-22.

8. Мақдисӣ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. Лейдан. 1967. –С.260,294. // Муқаддимаи доктор Маҷдӣ Босаллум бар “Таъвилоту аҳли-с-сунна”-и Абӯмансури Мотуридӣ. Бейрут. Дору-л-кутуби-л-илмия. 1426ҳ./2005. Ҷ.1, –С.38,42,126.

9. Наршахӣ Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Душанбе. Чопхонаи Пайванд. 2012. –С.114.

10. Ибни Асир Иззуддин Алӣ ибни Муҳаммад. ал-Комилу фи-т-таърих. Тарҷумаи Ҳамидризо Ожир. Теҳрон. Интишороти Асотир. 1390ҳ.ш. Ҷ.10. –С.4338.

11 Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Душанбе. Нашриёти Ирфон. 1998. Китоби якум. –С.450.

12. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русул ва-л-мулук. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Теҳрон. Интишороти Асотир. 1390ҳ.ш. Ҷ.15. –С.6446.

13. Тарҷумаи таърихи яминӣ. Бо кӯшиши Ҷаъфар Шиор. Теҳрон. Баҳман. 1978 –С.199,200.

14. Таърихи Сиистон. Таҳияи Содиқӣ Ҷаъфар Мударрис. Теҳрон. Нашри марказ. Чопи сеюм. 1391ҳ.ш. –С.134.

15. Ибни Касир Абулфидо Исмоил. ал-Бидояту ва-н-ниҳоя. Бейрут. Дору-л-кутуби-л-илмия. 1418ҳ./1997м. Ҷ.11. –С.89.

16. ал-Мирқоту фи-л-мантиқ (Мирқот дар илми мантиқ). Хайрободӣ Фазл Имом. Бо кӯшиши Шеркутӣ Муҳаммад Имодудин. Карочӣ. Мактабаи Бушро. 2011. –С.13.

ОБЗОР СОСТОЯНИЯ НАУКИ И КУЛЬТУРЫ ВРЕМЕН АБУМАНСУРА МОТУРИДИ

С.Х. ЯКУБОВ,
заведующий кафедрой арабского языка и литературы восточно-филологического факультета Исламского института Таджикистана имени Имама Абу Ханифы Нумана ибн Сабита
734140, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Шодмони, 58
тел:(+992)918 52 73 96; 900 23 00 60

В статье автор дает обзор состояния науки и культуры времен Имама Мотуриди Самарканди. Также он пытается анализировать различные статьи о научной и культурной эпохе Имама Мотуриди и высказывать свою точку зрения, по некоторым рассматриваемым вопросам.

Ключевые слова: Аббасидские халифы, хилафат, Саманиды, Исмаил Самани, Хорасан, Самарканд и Бухара, Абумансур Матуриди, религия, школа ханафиты, группы (секты), познание, философия.

THE SITUATION OF SCIENTIFIC AND CULTURAL ERA IMAM MOTURIDI

S.H. YAKUBOV,
head of the chair of Arabic Language and Literature Faculty of East Philology of the Islamic Institute of Tajikistan named after Imam Abu Hanifa Nu'man bin Thabit.

The author studies the scientific and cultural of Imam Maturidi Samarqandi. As well as he tries to analyze his era and sources about his scientific and cultural of thinker and gives his own point of view.

Keywords: *Abbasi caliphate, Samanids, Ismail Samani, Khorasan, Samarqand and Bukhara, Abu Mansur Maturidi, religion, hanafi school, groups, coqnition, philosophy.*

УДК:339.72+336.7+338.367(575.3)

БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА АЛОҚАИ МУТАҚОБИЛАИ ОН БО САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

С.Ҳ. ҲАБИБОВ,
д.и. иқтисодӣ, профессори кафедраи
иқтисод ва ташкили бизнеси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ ½ тел.:(+992)934-44-41-05; Skhabibov.CC@mail.ru

М.Ҷ. ҶАМШЕДОВ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедари иқтисодиёти ҷаҳонии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½
тел.:(+992) 935-21-53-53; mahmadnazar_54@mail.ru

Дар мақола вазъи муосири бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он ҳолати воқеӣ ва омилҳои таъсиргузор ба бозори дохилии кишвар ва роҳҳои рушди устувори савдои молҳои истеъмолӣ мавқеи марказӣ дорад. Инчунин дар мақола дигар масъалаҳои мубрами ташаккулёбӣ ва тамоюли инкишофи бозори молҳо ва хизматрасониҳо, гардиши чаканаи мол, масоили рушд ва зарурати танзими давлатии савдои молҳои истеъмолӣ дар мамлакат инъикоси худро ёфтаанд.

Калидвожаҳо: *бозори истеъмолии молҳо, даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ, савдои чаканаи молҳои хӯрокворӣ ва гайрихӯрокворӣ, гардиши чаканаи мол, гардиши мол ба ҳар сари аҳолӣ.*

Бозори истеъмолии кишвар ҷузъи таркибии иқтисоди миллӣ буда, инкишофи бевоситаи он дар рушди босуботи ҷомеа ва болоравии сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ як василаи муҳими низоми мустақилияти иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Бозори молҳои истеъмолӣ – ба ҳайси як низоми калидии бахши иқтисоди бозорӣ бевосита ба кулли соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, бахусус истеҳсолоти моддӣ узван алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Таҳлили илман асосноки бозори истеъмолии Тоҷикистон тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ ҳолатҳои мухталифро нишон дод, ки воқеан онро ба се давраи ба ҳам алоқаманду пайваст тақсим намудан аз манфиат холӣ нест **[2, с. 5-8].**

Сараввал, фаъолияти амалии бозори молҳо дар даврони шӯравӣ, ки бештар хусусияти фармонфармоии мутамарказонидашуда аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дошт ва феълан нақшагирии маъмурию муттамарказонидашуда дар ҳамаи минтақаҳои мухталифи мамлакат аз рӯи принсипи «Аз боло ба поён», ки ба натиҷаи хоҷагидории соҳаи сав-

до, норасогӣ ва камбудии молҳо оварда расонид, бечуну чаро ба раванди муъдилгардонии он бетаъсир намонда буд.

Дувум, давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ки ба ҳодисаҳои ҷангӣ бемаънии шаҳрвандӣ (солҳои 1991-1997) рост омад. Дар ин давра бозори истеъмолӣ умуман аз байн рафта буд ва норасогии молҳо дар бозори дохилӣ ба чашм мерасид.

Дар интиҳо бошад, аз соли 1997 то ба имрӯз ҳолатҳои беҳдоштӣ ва фаровонии бозори истеъмолӣ куллан аз замони қаблӣ фарқ менамояд, воқеан раванди суръатфизоии ташаккулёбӣ ва инкишофи интенсивии бозори молҳои истеъмолӣ, ҳам аз нигоҳи миқдорӣ ва ҳам тобишҳои сифатӣ ва феълан инкишофи босуботи бозори истеъмолӣ ба миён омад.

Барои исботи гуфтаҳои фавқ, рӯ меоварем ба нишондиҳандаи вазни қиёсии соҳаи «савдо ва хӯроки омма» дар ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳисоби мо имрӯза 27,9% (с.2013) ва нисбат ба дигар соҳаҳои хизматрасонии мамлакат тадричан тамоюли афзоишёбиро дорад.

Таҳлил ва ҳолати имрӯзаи бозори истеъмолии кишвар аз нигоҳи олимону мутахассисони соҳа онро собит менамояд, ки сатҳи фаровонии он аз бисёр ҷиҳат аз меҳнати софдилонаи аҳли заҳмати кишоварзону соҳибкорони истеҳсолии ватаниву хориҷӣ вобаста аст.

Маълумотҳои расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои ба дастовардани тадқиқоти илмии олимону мутахассисони соҳаи савдо ва хӯроки омма бори дигар исботи он андеша аст, ки бозори истеъмолии Тоҷикистон имрӯз қариб 70% аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ таъмин карда шудааст.

Саҳми савдои чакана бевосита дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми ҷумҳурӣ назаррас мебошад. Дар ҷадвали 1 динамикаи афзоиши гардиши чаканаи мол ва манбаъҳои пайдоиши он дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба гуногуншаклии моликият оварда шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадв.1 маълум мешавад, ки ҳаҷми умумии гардиши мол аз рӯи ҳамаи шаклҳои фурӯш дар ҷумҳурӣ ба ҷои 5539,6 ҳаз.сомонии соли 2007 ба 11311,7 ҳаз.сомонӣ дар соли 2013 омада расид, ки суръати он 2,0 маротиба афзоиш ёфт. Таркиби сохтори гардиши чаканаи мол дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба солҳои 90-уми асри гузашта хеле дигаргун шудааст. Савдои давлатӣ ва кооператсияи матлуботи кишвар дар ҳаҷми умумии савдои мамлакат ба тағйиротҳои ҷиддӣ ноил гардиданд.

Солҳои 80-ум ин нишондиҳанда дар маҷмӯъ зиёда аз 90%-ро ташкил медод, вале баъд аз ислоҳоти иқтисодӣ ва гузаронидани раванди ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки омма ин тамоюл ба кам шудани ҳиссаи ин шакли савдо дар кишвар гардид (1,04%). Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи савдои ғайридавлатӣ бошад баръакс аз 5481,8 ҳаз.сомонии соли 2007 ба 11208,2 ҳаз.сомонии соли 2013 омада расид, ки суръати он дар ин давра 2,04 маротиба афзоиш ёфт. Савдои хусусӣ бошад дар ин давра мутаносибан 5179,3 - 9503,3 ҳаз.сомонӣ ё худ 1,8 маротиба зиёд гардид. Чунин суръати афзоиши дар солҳои баъдина низ мунтазам идома дорад.

Ҷадвали 1

Динамикаи ҳаҷми умумӣ ва манбаъҳои ташаккулёбии гардиши чаканаи мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2007 – 2013 (бо нархҳои соли 2013-ум, млн. сомонӣ ва %) **[3, с. 382]**

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**							**Соли 2013 ба хисоби % нисбат ба**	
	2007	**2008**	**2009**	**2010**	**2011**	**2012**	**2013**	**с.2007**	**с.2012**
Ҳаҷми умумии гардиши мол аз рӯи ҳамаи шаклҳои фурӯш	5539,6	6226,5	7004,8	7530,1	8215,4	9521,6	11311,7	204,2	118,8
-»- ба ҳисоби %	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	-	-
аз ҷумла:									
Сектори давлатӣ	57,8	67,2	81,0	97,0	114,1	111,4	103,5	179,1	92,9
Вазни қиёсӣ ба ҳисоби % нисбат ба нишондиҳан-даи ҷамъбастӣ	1,04	1,08	1,16	1,29	1,39	1,17	0,91	-	-
Сектори ғайридавлатӣ,	5481,8	6159,3	6923,8	7433,1	8101,3	9410,2	11208,2	204,5	119,1
Вазни қиёсӣ ба ҳисоби % нисбат ба нишондиҳан-даи ҷамъбастӣ	98,96	98,92	98,84	98,71	98,61	98,83	99,09	-	-
аз онҳо:									
Савдои тиҷоратӣ	210,0	245,0	273,0	377,5	443,2	634,6	1595,5	759,8	251,4
-»- ба ҳисоби %	3,79	3,94	3,90	5,01	5,40	6,67	14,10	-	-
Савдои кооперативии низоми «Тоҷикматлубот»,	92,5	98,2	111,7	110,0	110,7	115,8	109,4	118,3	94,5
-»- ба ҳисоби %	1,67	1,59	1,61	1,48	1,37	1,23	0,97	-	-
Бозори номуташаккил	5179,3	5816,1	6539,1	6945,6	7547,4	8659,8	9503,3	183,5	109,7
-»- ба ҳисоби %	93,50	93,41	93,35	92,24	91,87	90,95	84,01	-	-

Манбаъ: Аз рӯи омори расмии солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 тартиб дода шудааст/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .-Душанбе, 2014, с.382.

Таҳлили иқтисодии иттилооти оморӣ нишон медиҳад, ки ба динамикаи афзоиши ҳаҷми гардиши чаканаи моли мамлакат бештар омилҳои зерин, аз қабили афзоиши ҳосилнокӣ ва ташкили илмии меҳнат, болоравии сатҳи нархҳо, ташаккулёбии заминаи моддӣ-техникӣ ва технологияи инноватсионӣ дар соҳаи савдо таъсир мерасонад. Ба андешаи ин ҷониб - 43,5%-и афзоиши гардиши мол танҳо аз ҳисоби болоравии нархҳо ба даст оварда шудааст, ки ин раванд бе чуну чаро ба болоравии сатҳи афзоиши некуаҳволии аҳолии кишвар таъсири муайяни худро расонид. Гарчанде ҳаҷми фурӯши молҳои истеъмолӣ афзун гардида бошад, ҳам ҳанӯз талаботи сокинони шаҳру деҳотӣ Тоҷикистон бо молҳои мавриди ниёзи мардум пурра қонеъ гардонида нашудааст. Агар истеъмоли воқеии молҳои аввалиндараҷаи дорои бархурди талаботи аҳолиро бо меъёри физиологии муқаррар намудаи пажӯҳишгоҳҳои тиббии ҷаҳон, бахусус мақомоти – СММ муқоиса намоем хеле сатҳи пастро ишғол менамояд. Ҳол он ки ин меъёр барои ҳама сокинони сайёра бояд аз рӯи хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлим, обу ҳаво, олами набототу ҳайвонот, хусусан расму ойини ориёӣ, урфу одатҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ ва дигар омилҳои сиёсӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ба назар гирифта шаванд.

Омили дигаре, ки ба афзоиши ҳаҷми гардиши мол таъсири бевосита расонида метавонад, ба ақидаи мо ин пеш аз ҳама, фонди харидории аҳолӣ, тавозуни даромадҳо ва хароҷоти пулии аҳолӣ бо қисматҳои ҷудогонаи он: а) дар қисмати даромади он – музди меҳнат, мукофотпулиҳо, нафақапулӣ, идрорпулӣ, музди кори деҳқонон аз хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҷамоавӣ, оилавӣ, шахсӣ ва замини назди ҳавлигӣ, даромад аз ҳисоби фурӯши моликият, саҳмияҳо, даромади аҳолӣ аз ҳисоби дастмузди муҳоҷирони меҳнатӣ (омили мазкур соли 2013 – 4 154,3 млн. доллари ИМАро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 520,1 млн. доллар зиёд буд, вале соли 2014 бо сабаи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва муҷозоти иқтисодиёти Федератсияи Русия аз ҷониби олами ғарб ин нишишондиҳанда коҳиш ёфт) ва б) дар қисмати хароҷоти он хариди мол ва хизматрасониҳо аз корхона ва ташкилотҳои савдои давлатию кооперативӣ ва дигар шаклҳои моликият, хароҷоти ғайримолӣ (пардохтҳои ҳатмӣ ва иловагӣ: пардохти ҳаҷи неруи барқ, газ, об, пули партовҳо, андозҳо, тарифҳои нақлиётӣ ва дигар пардохтпулиҳои ҳатмиву иловагӣ дар назар дошта мешавад (ҷадв.2).

Маълумотҳои дар ҷадв.2 овардашуда исботи он андешаанд, ки солҳои охир суръати афзоиши даромадҳои пулии аҳолии ҷумҳурӣ нисбат ба суръати афзоиши нишондиҳандаи муайянкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ - гардиши чакани мол бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, афзоиши фонди харидории аҳолӣ, ки ногузир сол аз сол аз 20 то 60% ба қишрҳои ҷудогонаи аҳолии мамлакат аз тарафи давлат зиёд карда мешавад ба болоравии сатҳи мутлақ ва нисбии он оварда мерасонад. Тадқиқоти олимону коршиносони давлатҳои аъзои ИДМ исботи он фикранд, ки маблағҳои зиёде аз ин минтақа ҳиҷрат намуда талаботи қонеънагардидаи аҳолӣ дар дигар кишварҳо қонеъ гардонида мешаванд (аз 28 то 40%-и даромадҳои аҳолӣ). Чӣ хеле ки дар боло зикр намудем

фурӯшандагони корхонаву ташкилотҳои савдои давлатӣ, хусусӣ ва кооператсияи матлуботи ҷумҳурӣ андозсупорандагони кишварҳои воридкунандаи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ба ҳисоб мераванд.

Ҷадвали 2

Ҳаҷми пасондозҳои пулии аҳоли ва ҳаҷми гардиши чаканаи мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2007-2013 –ум **[3, с. 12, 382, 396]**

Нишондиҳандаҳо	Воҳиди ченак	Солҳо				
		2007	2010	2011	2012	2013
Ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ	млн. сомонӣ	7016,9	13256,0	16190,9	20161,2	22346,2
Суръати афзоиш	%	100	188,9	230,7	287,3	318,5
Ҳаҷми гардиши чаканаи мол	млн. сомонӣ	5539,6	7530,1	8215,4	9521,6	11311,7
Суръати афзоиш	%	100	135,9	148,3	171,9	204,2
Ҳаҷми гардиши молҳои хурокворӣ	млн. сомонӣ	3179,7	3561,0	3928,6	4399,0	5180,8
Суръати афзоиш	%	100	112,0	123,6	138,4	162,9
Вазни қиёсии хаҷми пасондозҳои аҳолӣ нисбат ба гардиши мол	%	126,7	176,0	197,1	211,7	197,5
Ҳамин нишондиҳанда нисбат гардиши моли молҳои хурокворӣ	%	220,7	372,5	412,1	458,3	431,3

Манбаъ: Аз рӯи омори расмии солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 тартиб дода шудааст/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .-Душанбе, 2014, с.11, 382, 396.

Маълумотҳои расмии Агентии омори кишвар тӯли ин солҳо нишон медиҳад, ки ҳиссаи молҳои озуқаворӣ агар соли 2007 - 57,4% ё худ 3179,7 млн.сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2013 - 45,8% ё худ 5180,8 млн.сомониро ташкил намуд, молҳои саноатӣ бошад баръакс соли 2007 – 42,6% ё худ 2359,9 млн сомониро дар бар гирифта буд, соли 2013 54,2% ё худ 6130,9 млн. сомониро ташкил дод. Рақамҳо гӯёи онанд, ки камшавии ҳиссаи молҳои хӯрокворӣ нисбат ба молҳои саноатӣ ин омили хуб аст ва он бечуну чаро аз болоравии дараҷаи зисту зиндагонии шаҳрвандони малакат гувоҳӣ медиҳад.

Рушду инкишофи нобаробари иқтисодиёти манотиқи кишвар то андозае ба тағйирёбии ҳаҷми умумии гардиши савдои чаканаи Тоҷикистон низ бетаъсир намонд. Дар ҳаҷми муомилоти моли кишвар соли 2013 ҳиссаи аз ҳама бештар ба дӯши Вилояти Суғд 4493,5 ҳаз.сомонӣ ё худ 39,7%, Вилояти Хатлон 2644,5 ҳаз.сомонӣ ё худ 23,4 %, ш.Душанбе 2204,4 ҳаз.сомонӣ ё худ 19,5%, НТҶ 1903,6 ҳаз.сомонӣ ё худ 16,8%, ва боқимонда 65,7 ҳаз.сомонӣ ё худ 0,6% ба зиммаи ВАБК рост меояд **[3 с. 382].**

Омили дигаре, ки то андозае пешрафт ва фаровон будани бозори истеъмолии ин ё он минтақаи мамлакатро бо молҳои хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ саҳеҳ муайян гардонида метавонад ин андозаи рост омадани гардиши чаканаи мол ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки он дар кулли ноҳия, вилоят ва манотиқи мухталифи Тоҷикистон якхела ба назар намерасад. Он минтақаҳое, ки дар он

истеҳсолоти моддӣ ва пешрафти илму техника мунтазам инкишоф ёфтааст ва шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан истеҳсолию хизматрасонӣ рушд карда ё худ равнақу ривоҷёфта бошад, пас нишондиҳандаи мазкур низ афзун меёбад.

Таҳлил ва мушоҳидаҳои пажӯҳишии солҳои охири мутахассисони соҳа нишон медиҳад, ки фурӯши молҳои истеъмолии халқ дар ноҳияву манотиқи ҷумҳурӣ як марома нест. Гардиши чаканаи мол ба ҳар як сокини ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна агар соли 2012 - 1141,4 сомониро ташкил намояд, пас ин рақам аз ҳама бештар дар вилояти Суғд ва ш.Душанбе ба назар мерасад, ки он мутаносибан 126,2 ва 184,2%-и нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳуриявиро ташкил менамояд. Дар боқимонда дигар ноҳия ва вилоятҳои кишвар нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи кишвар камтар ба чашм мерасад, яъне дар вилояти Хатлон 817,4 сомонӣ ё ин ки 71,6%, ВМКБ 235,2 сомонӣ ё ин ки 20,6% ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад 961,1 сомонӣ ё худ 84,2%-ро дар бар гирифтааст.

Тадбирҳое, ки дар Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва аз Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, аз 1 сентябри соли равон сар карда нишондиҳандаи гардиши чаканаи мол ба ҳар сар аҳолии мамлакат низ аз 5 то 12 % афзун мегардад. Танҳо нишондиҳандаи мазкур дар се манотиқе, ки сатҳи он аз сатҳи миёнаи мамлакат паст аст, агар он 1,0 % зиёд гардад, пас нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ ба 1161,5 сомонӣ хоҳад расид. Аз тарафи дигар тибқи қонунҳои амалкунандаи мамлакат дастгирии шахсони камбизоат ва муҳтоҷ, танзими давлатии аз лиҳози илмӣ асосноки бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ин нишондиҳандаро боз ҳам афзун гардонад.

Хулоса, аз таҳлилу андешаҳои зикргардида чунин афкори начибе бармеояд, ки инкишоф ва мавқеи ишғолнамудаи бозори истеъмолии кишвар тибқи Стратегияи миллии рушд ва барномаҳои соҳавии қабулшудаи мамлакат ва фаъолияти собитқадамонаи мардуми тоҷик ва соҳибкорони он бештар ба роҳ монда шудааст. Оид ба ин масъалаи доғи рӯз дар паёмҳои ҳарсолаи Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле андешаҳои ҷолиб ва гуворо зикри худро ёфтаанд ***«… таъмин намудани рушди иқтисоди кишвар ва беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ дар шароити торафт вусъат пайдо кардани барҳӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпарвар мебошад»*** **[1]**.

Чӣ бояд кард, ки он дар тӯли солҳои минбаъда аз ин ҳам хубтару гуворотар ва фаровонтар ба сокинони мамлакат бештар бо нарҳҳои мусоид мақбултар гардад. Барои ноил шудан ба ин мақсад ба андешаи мо бояд пеш аз ҳама тадбирҳои зерин:

1. Ба рушди босуботи истеҳсолоти кишвар (кишоварзӣ, саноати сабук, гидроэнергетика, сайёҳӣ ва хизматрасонӣ) ҳар чӣ бештар бояд афзалияти бештаре дода шавад.

2. Дар заминаи тараққиёти ин соҳаҳо ба омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳое бештар аҳамият дода шавад, ки аз сатҳи донишу малакаи ҳар яки онҳо ривоҷу равнақёбии минбаъдаи бозори истеъмолии Тоҷикистон вобастагии ногусастанӣ дорад.

3. Гарчанде Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз ҷониби Ҳукумат ва Парламенти мамлакат ба тасвиб расида бошад, ҳам ин аввалин ҳуҷҷатест дар рушди ояндаи савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ, он тағйиру иловаҳоро мехоҳад. Бештари мафҳумҳо ва истилоҳҳои савдо ва хӯроки омма дар иртибот ба дигар қонунҳои амалкунанда, шарту шароитҳои Созмони Умуми-ҷаҳонии Савдо, танзими ҳадафрас (суроғавии) давлатӣ доир ба бозори истеъмолӣ, ваколатҳо ва вазифаҳои тарафайн беҳбудиро мехоҳад. Ба андешаи мо аз матни қонуни нави савдо чунин бармеояд, ки гӯё дар таҳия ва баррасии матни он мутахассисони ғайрисоҳавӣ иштирок варзидаанд, на олимону мутахассисонӣ соҳаи савдо ва хӯроки оммаи кишвар, бозоршиносон, менеҷерону ҳуқуқшиносони бахши тиҷорат, аз ин лиҳоз чунин муносибат ба ноҷурии ин ҳуҷҷати тақдирсози соҳа сабабгор шудааст.

4. Дигар ба ғайр аз ин қонун боз садҳо ва ҳазорҳо қоидаю услубҳои гуногунҷабҳае лозиманд, ки ба фурӯши ҳар як номгӯи молҳои баровардашаванда (манзур ҳисоботи шакли - 3 торг аст, ки 92 номгӯи гурӯҳи бузурги молҳоро дар худ таҷассум менамояд) ва ба мизоҷон пешкаш карда шаванда бо санадҳои расмӣ, ки ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ ва миллианд, омода сохта ба ҳар як фурӯшандаи бозори истеъмолӣ дастрас кунем, то ки харидорон аз паҳлуҳои мухталифи молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо маълумоти комил пайдо карда тавонанд (иттилооти илмию асоснок дошта бошанд).

5. Гарчанде нархҳо дар иқтисоди бозорӣ озод бошанду дар кишвар Агентии зиддимонополӣ фаъолият кунанд ҳам ба андешаи мо ба якчанд номгӯи молҳои аввалияи рӯзгор (нон, орд, ғалла, шир, равған, маводи доруворӣ, спирт, маҳсулоти спиртӣ, либосҳои кӯдакона) аз ҷониби давлат дастгирии хамаҷониба ва танзими аз лиҳози илмӣ асоснокро мехоҳад, чунки таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба сатҳи камбизатӣ таъсири манфии худро расонидааст.

6. Ҳоло ҳам гаронии андозҳо ба рушди фаъолияти соҳибкории тиҷоратӣ бештар таъсири манфӣ мерасонад. Ба фикри ин ҷониб чӣ қадаре ки сатҳ ё мизони андозҳо барои тоҷирону соҳибкорони ватанӣ мувофиқ ба фаъолияти имрӯзаи иқтисоди бозории муосир (тибқи талаботи СУС) тавъам бошад аз он ҳаҷм ва суръати инкишофи ин соҳаҳо дучанд ва сечанд мегардад, дар урфият мегӯянд самаранокии фаъолияти тоҷирон аз ҳаҷми фурӯш вобаста аст на аз болоравии дараҷаи андозҳо. Мо имрӯз бояд коре бикунем, ки андозсупорандагон худашон андозро ба буҷаи давлат бо дасту дили гарм ва руҳи болида пардохт намояд, дар ҳолати баръакс онҳо ба иқтисоди пасипардагӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, андоз ки гарон аст онҳо боз чӣ кор ҳам карда метавонанд ё роҳи дувумӣ мавҷуд аст магар?

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014.
2. Джамшедов М.Дж., Хабибов С.Х., Факеров Х.Н. Рынок потребительских товаров Республики Таджикистан.-Душанбе: Ирфон, 2002.-256 с.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .-Душанбе, 2014.

РЫНОК ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ ТОВАРОВ ТАДЖИКИСТАНА И ЕГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ С УРОВНЕМ ЖИЗНИ НАРОДА

С.Х. ХАБИБОВ,
доктор экономических наук,
профессор кафедры экономика и организации бизнеса
Таджикского государственного университета коммерци,
734055, Республики Таджикистан, г.Душанбе, улица Деҳоти 1/2
тел:(+992)934-44-41-05; Skhabibov.CC@mail.ru

М.ДЖ. ДЖАМШЕДОВ,
кандидат экономических наук, доцент кафедры
мировой экономики Таджикского государственного
университета коммерци 734055, Республики
Таджикистан, г.Душанбе, улица Деҳоти 1/2
тел.: 935-21-53-53; mahmadnazar_54@mail.ru

В статье исследовано современное состояние рынка потребительских товаров Республики Таджикистан на этапе переходной экономики. Главное внимание уделено проблемам оценки состояния рынка, выявление и мобилизации резервов повышения эффективности внутренней торговли потребительскими товарами. В работе отражены и другие важнейшие аспекты формирования закономерности и тенденции развития рынка товаров и услуг, розничного товарооборота, проблемы развития и необходимость частичного регулирования торговли потребительскими товарами в стране.

Ключевые слова: *рынок потребительских товаров, денежные доходы, расходы населения, розничная торговля продовольственные и непродовольственные товары, розничный товарооборот, товарооборот на душу населения.*

CONSUMER MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND I'TS INTERACTION WITH THE PEOPLE'S WELFARE LEVEL

S.KH. KHABIBOV,
doctor of economical sciences, professor o f the TSUC
734055, Republics Tajikistan , Dushanbe, str. Dichotic 1/2
Ph.:(+992)934-44-41-05; Skhabibov.CC@mail.ru

M.J. JAMSHEDOV,
candidate of economical sciences, docent of the TSUC
734055, Republics Tajikistan , Dushanbe, str. Dehoti 1/2
Ph.:(+992) 935-21-53-53; mahmadnazar_54@mail.ru

In the article the socio economical specify of the functioning of the consumer's goods' market is considered. The considerable attention had been devoted to the problems of assessment of the market conditions, identification and mobilization of resources to further improve effectiveness of the internal trade of the consumer's goods. In the article other important aspects of the formation and development of the goods and services market, such as retail turnover, consumer's goods trade management at the regional level are also reflected.

Keywords**:** *market, consumers goods' market, demand, offer, consumers prices, tax, tariffs, cash earnings of the population, privatization, licensing, certificating, small and medium entrepreneurship, manufacturing capacity, food and non-food products, retail turnover, commodity circulation per capita.*

УДК:338.01(575.3)

ОЦЕНКА МАКРОЭКОНОМИЧЕСКОЙ РОЛИ СИСТЕМЫ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ АВИАПЕРЕВОЗОЧНЫХ УСЛУГ ТРУДОВЫМ МИГРАНТАМ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дж. П.МИРЗОЕВА,
аспирант Института экономики и демографии
Академии наук Республики Таджикистан
734043,Республика Таджикистан, г. Душанбе,
ул. Маяковского,77/5, кв.79, тел(+992) 919583215.

К.О.БОБОЕВ,
старший научный сотрудник Инстиута экономики и
демографии Академии наук Республики Таджикистан
734045, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Р. Набиева, дом 33,
тел:(+992) 934488884.

В статье исследуются теоретические основы оценки макроэкономической роли авиаперевозок в региональной экономике Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *миграция трудовых ресурсов, международный рынок труда, ценность труда в результате перемещения.*

В настоящее время в Республики Таджикистан сложилась уникальная возможность проследить роль воздушного транспорта в ситуации массового международного движения рабочей силы, когда рынок рабочей силы относительно свободно мигрирует в пространстве СНГ.

Прежде всего, зададимся вопросом – что является необходимым экономическим условием для миграции рабочей силы. Таким условием является превышение ценности рабочей силы в пункте назначения мигранта над его ценностью в месте проживания. Совершенно очевидно, что без выполнения данного условия потребность в миграции и, следовательно, в перевозках трудовых мигрантов не возникает.

В результате пространственного перемещения может изменяться цена и стоимость труда. (Под ценой нами понимается цена единицы труда по профессиям, а под стоимостью – произведение цены на определенный объем трудовых ресурсов).

Модель перемещения рабочей силы формируется в трехмерном пространстве, задаваемом осями p (*цена рабочей силы – уровень заработной платы на определенной профессии*), M (*численность мигрантов*) и $к$ *(расстояние перемещения)*.

Примем, что численность трудовых мигрантов в стране приложения труда (или у покупателя) равна тому объему, которая была в стране проживания, т.е. $M = \text{const}$.

Примем также линейную зависимость роста цены труда от расстояния перемещения:

$$p = ак + p_0, \quad (1)$$

В этом уравнении произведение *ак* будет характеризовать рост цены труда в результате перемещения ($ак = p_1 - p_0$).

Постоянный коэффициент *а*, характеризует темп увеличения цены труда по мере удаления от пункта проживания, можно назвать нормой роста ценности труда в результате перемещения.

Обозначим стоимость труда в стране проживания через T_0 **:**

$$T_0 = p_0 M_0, \quad (2)$$

Соответственно, стоимость труда в стране пребывания (у покупателя):

$$T_1 = p_1 M_1, \quad (3)$$

Отсюда добавленная стоимость труда в результате миграции труда составляет:

$$p_1 M - p_0 M = M (p_1 - p_0), \quad (4)$$

Подставляя выражение (1) для цены труда в пункте пребывания (у покупателя) в выражение (4) получим:

$$M (a \times к + p_0 - p_0) = M \times a \times к = a \times к \times M, \quad (5)$$

Итак, в результате транспортировки трудовые мигранты создают добавленную стоимость, которая зависит от следующих факторов:

- количества перевезенных трудовых мигрантов;
- дальность их перевозки;
- нормы роста ценности труда в результате перемещения.

На последний фактор нужно обратить особое внимание. Он зависит от рыночной конъюнктуры рынка труда в регионе пребывания, так и регионе места жительства, и соответственно, подвержен изменениям, нередко – весьма значительным.

Норма роста ценности труда в результате перемещения различна как для разных профессий, так и для разных корреспонденций перевозки одного и того же мигранта, и, как уже отмечено, динамично изменяется во времени.

Именно эти нормы «управляют» интенсивностью спроса на перевозки конкретного мигранта по конкретным корреспонденциям. Именно под влиянием их изменений перераспределяется направление воздушных сообщений.

Точно так же, как капитал перемещается между отраслями и регионами в соответствии с нормами прибыли, трудовые мигранты перемещаются в пространстве в соответствии с нормой роста ценности труда.

Таким образом, перевозочный процесс определяется рыночными, экономическими свойствами перевозимых мигрантов. Следовательно, предметом перевозки является труд мигрантов – как товар.

Вопрос о наименование предмета перевозок нельзя считать второстепенным, ведь правильное определение предметов и явлений - необходимое условие их познания и рационального отношения к трудовым мигрантам.

Из предложенной модели следует, что продукцией воздушных перевозок с экономической точки зрения является добавленная стоимость перевезенных трудовых мигрантов, и измеряться она должна в денежной форме. Объем перевозок пассажиров (человек) и пассажирокилометров (*Мк*) в каче-

стве натуральных измерителей лишь частично характеризуют транспортную продукцию на воздушных перевозках, и поэтому не может характеризовать действительную роль воздушного транспорта в макроэкономическом анализе.

Из предложенной модели вытекают и другие очень важные следствия.

Выше было отмечено, что необходимым условием перевозки является превышение ценности труда в пункте назначения над его ценностью в пункте (страна) проживания. Но перевозка состоится только в том случае, если это превышение перекрывает прямые и косвенные затраты на перевозку единицы труда $C_{тр}$, т.е. выполняется условие:

$$a \text{ x } к > C_{тр}\ , \qquad (6)$$

Следовательно, выполнить перевозку смогут только те виды транспорта или транспортных компаний, которые соответствуют указанному условию (6).

Из этого следует, что не рост цен труда в результате перевозки определяется транспортными затратами, а наоборот – уровень возможных транспортных затрат зависит от переделов изменения цены труда и борясь за клиента, транспортные компании снижают издержки, чтобы соответствовать условию (6) и обеспечить необходимый уровень величины (a x $к$ - $C_{тр}$) – показатель конкурентоспособности данного вида транспорта.

Таким образом, в авиатранспортной деятельности проявляется фундаментальное положение экономической теории, сформулированной австрийской экономической школой о том, «что во всех случаях издержки обычно следуют за ценами, но никак не наоборот» [1].

Справедливость этого тезиса можно пояснить следующим образом.

Во-первых, издержки на подготовку тура только в том случае «признается» рынком, если эти издержки не превышают ценности труда для покупателей. Следовательно, для того, чтобы продать свой труд (или услугу), мигрант должен управлять издержками таким образом, чтобы они соответствовали ценности труда (услуги) для потребителей, лежащей в основе рыночной цены труда, то есть приводить издержки в соответствии с ценой.

Во-вторых, издержки определяющим образом зависят от цен на ресурсы, необходимые для подготовки трудовых мигрантов, которые, в свою очередь, определяются ценностью альтернативных возможностей использования этих ресурсов для их владельцев.

И первое, и второе обстоятельство означают, что издержки зависят от ценности и, соответственно, цены: как самого труда, так и ресурсов для его подготовки.

Из выбранного понимания сущности транспортной продукции следует, что макроэкономическое значение воздушного транспорта – вклад транспорта в формировании ВВП и валового регионального продукта – определяется не долей доходов авиакомпаний в ВВП, а долей совокупной добавленной стоимости в результате перевозки трудовых мигрантов, которая в силу условий (6), всегда больше, чем доля дохода авиакомпаний. (С учетом того, что параметр $C_{тр}$ мы определили как сумма прямых и косвенных затрат

трудовладельцев на единицу поездки, доход воздушного транспорта от перевозки трудовых мигрантов будет составлять только часть этой величины).

Выявленная зависимость издержек и доходов авиатранспорта от увеличения в результате транспортировки цен перемещаемого труда означает, что транспортные тарифы должны строиться в зависимости от «платежеспособности» мигранта.

Следующий вывод нужно сделать о прогнозировании транспортных потоков. Мы выяснили, что их распределение и перераспределение зависят от изменчивости норм роста ценности труда в результате транспортировки.

В условиях неравномерности спроса на перевозки для обеспечения устойчивой работы транспорта требуется формирование и поддержание инфраструктурных резервов, достаточных для того, чтобы реализовать заранее непредсказуемое колебания спроса на перевозки под воздействием изменений нормы роста ценности труда при перемещений по разным корреспонденциям.

В случае невозможности полностью удовлетворить «пиковый» спрос из-за инфраструктурных ограничений, соответственно, не будут в полной мере реализованы и возможности по созданию транспортом добавленная стоимость труда. При этом, в силу условия (6), макроэкономические потери (выражающие сумму потерь конкретных трудовых мигрантов) будут существенно выше, чем потери доходов авиатранспорта. Следовательно, создание и поддержка инфраструктурных резервов является макроэкономической задачей, которая должна решаться с участием государства (в рамках бюджетной и налоговой политики), с привлечением средств всех непосредственно заинтересованных экономических субъектов, т.е. на основе государственно-частного партнерства.

Таким образом, правильное понимание сущности предмета перевозки, транспортной продукции и макроэкономического значения транспорта позволяет сформулировать научно обоснованные подходы к формированию транспортных тарифов и управлению издержками, обеспечению конкурентоспособности авиатранспортных компаний и развитию транспортной инфраструктуры.

ЛИТЕРАТУРА

1. Позамантир Э. И. Исследование влияния тарифов транспорта на эффективность функционирования народного хозяйства России. //Труды научного семинара «Неизвестная экономика». М.:ЦЭМИ, 2001-33с.

2. Виноградова С.Н., Петухова Н.Г. Транспортное обслуживание. Москва Высшая школа. 2003г. 145стр.

3. Бачурин И.В. Перспективы развития авиаперевозок и парка воздушных судов авиакомпаний РФ. Москва, Транспорт 2010г. 210стр.

4. Варшавская конвенция для унификации некоторых правил международных воздушных перевозок. Бюллетень транспортной информации 1997г. №12.

БАҲОДИҲИИ НАҚШИ МАКРОИҚТИСОДИИ СИСТЕМАИ

ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ БА МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷ. П. МИРЗОЕВА,
аспиранти Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734043,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Маяковский,77/5, кв.79,
тел: (+992)919583215.

К.О. БОБОЕВ,
ходими калони илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
734045, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Р. Набиев, ҳавлии 33,
тел:(+992)934488884.

Дар мақола асосҳои назариявии баҳодиҳии нақши макроиқтисодии ҳамлу нақли ҳавоӣ дар иқтисодиёти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ёфтааст.

Калидвожаҳо: *муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ, бозори ҷаҳонии меҳнат, болоравии қимати меҳнат дар натиҷаи ҳамлу нақл.*

ASSESSMENT OF THE ROLE OF THE MACROECONOMIC SYSTEM OF AIR TRANSPORTATION SERVICES TO LABOR MIGRANTS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

J.P.MIRZOEVA,
postgraduate student of the Institute of Economics and Demography of the
Academy of Sciences of Tajikistan.
734043, Tajikistan, Dushanbe, str. Mayakovsky 77/5, #79,
ph.:(+992) 919583215.

K.O.BOBOEV,
Senior Researcher, Institute of Economics and Demography
of the Academy of Sciences of Tajikistan.
734045, Tajikistan, Dushanbe, str.R. Nabiyev # 33,
Ph.: (+992)934 488 884.

The article explores theoretic foundations of the assessment of macro-economic role of air traffic in the regional economy of Tajikistan.

Keywords: migration of labor resources, the global labor market, increase of labor costs as result of transportation.

УДК Тадж: 37+379, 85+008

УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛИСТОВ СФЕРЫ ТУРИЗМА В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

М. И. КАДЫРОВА,
к.п.н., заведующий кафедрой туризма
Института предпринимательства и сервиса (Таджикистан)
734055. Республика Таджикистан, г. Душанбе, Борбад 48/5
(+992 93-885-99-41) E- mail: mohira_tj@mail.ru

В статье проведен анализ подготовки кадров сферы туризма в высших учебных заведениях Таджикистана. Рассмотрены уровни, модели, некоторые аспекты новых стандартов программ и основные направления подготовки специалиста в сфере туризма.

Ключевые слова: *туризм, программа подготовки, специалисты, индустрия туризма, образование, воспитание, пространство, культура.*

• Оид ба ҷорӣ намудани воситаҳои нави амонатӣ (гарав), махсусан барои соҳибкорони бахши аграрӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои хурди деҳконӣ дар муассисаҳои қарздиҳанда татбирҳои зарури бояд амалӣ гарданд;

• Дар қонунгузории амалкунандаи андоз махсусан моддаи 313, яъне тартиби бақайдгирии корхонаҳои нави истеҳсолӣ, барои бархӯрдор шудани имтиёзҳои андозӣ бояд сода карда шавад;

• Бо мақсади сода ва оммафаҳм намудани эъломияҳои андоз, ба мақомоти дахлдори ҷумҳуриявӣ барои баррасӣ, қабул ва мавриди амал қарор додан, намунаи эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва иҷтимоӣ пешниҳод карда шавад;

• Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият, ҳосилнокии меҳнат ва дараҷаи рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ХДФ таҳия ва қабули «Барномаи баланд бардоштани рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ» ба мақсад мувофиқ мебошад;

• Ҷиҳати дастгирӣ ва ҳимояи ХДФ-рии даромаднок, ҳатми гардонидани ичрои киштгардони заминҳои дар ихтиёри ХДФ қарордошта ва беҳтар намудани сатҳи таъминот ва дастрасии ХДФ ба об барои обёрӣ таҳия ва қабули таҳия ва қабули Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи киштгардон, Барномаҳои махсусӣ дастгирӣ ва ҳимояи хоҷагиҳои даромаднок ва беҳтар намудани таъминоти обёрии майдони заминҳои ХДФ» мувофиқи мақсад шуморида мешаванд;

• Муносибатҳои маркетингӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои мустақиман дастраси пайдо намудани деҳқонон ба бозор ва ҳимояи самараноки бозори кишоварзии мамлакат ва молистеҳсолкунандаи миллии кишоварзӣ ва ташкил ва инкишоф додани фармоишҳои давлатии хариди мол дар бахши аграрӣ бояд тақвият дода шаванд;

• Ба масъалаҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои мустақиман дастраси пайдо намудани деҳқонон ба бозор, ҳимояи самараноки бозори кишоварзии мамлакат ва ташкил ва инкишоф додани фармоишҳои давлатии хариди мол дар бахши аграрӣ бояд таввaҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардад;

• Татбиқи низоми муосири омӯзиш, дар робита ба таҳияи бизнес-нақшаҳо дар доираи талаботи муассисаҳои қарздиҳанда, маърифати кишоварзӣ ва баланд бардоштани савия дониши роҳбарони ХДФ тибқи талаботи замон тавассути таҳия ва қабули барномаҳои махсусӣ омӯзиши мувофиқ ба принсипҳои иқтисоди бозорӣ.

Сенарияи таъмини дурнамои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ барои давраи то соли 2030

Бо дарназардошти қабули муқаррароти дар боло зикргардида ва андешидани чораҳо барои дурнамои дарозмӯҳлат ду варианти (сенарияи) асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ пешбинӣ мегардад:

Варианти аввал ба рушде асос меёбад, ки ба татбиқи лоиҳаҳои амалкунанда ё оғозёфтаи инфрасохторӣ, инчунин ба баланд бардоштани сарбории иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ такя мекунад. Суръати миёнаи солонаи рушди маҷмӯи маҳсулоти ХДФ

(ММХДФ) оид ба ин вариант аз 5 то 5,5 фоизро дар бармегирад. Афзоиши воқеӣ дар солҳои 2016-2030 - 75,0 фоизро ташкил медиҳад. Мутобиқи варианти якум сурати афзоишёбии сармоягузориҳои мустақим ҳар сол на камтар аз 5,6 то 6 фоиз бешбини мегардад. То соли 2030 афзоиши ҳиссаи қарзгузориҳо нисбат ба ММ ХДФ 18,9 фоиз дар назар дошта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2015 16,9 фоизро ташкил додааст.

Варианти мазкур минбаъд давом додани ислоҳоти самаранокро дар бахши аграрӣ, аз байн бурдани монеаҳо барои рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, таҳкими заминаҳо ҳуқуқи, барои таъмини беҳбуди муҳити соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ, барқарорсозӣ ва инкишофи системаи ирригатсионӣ, Беҳтар кардани муносибатҳои заминдорӣ, махсусан дар ХДФ, татбиқи барномаҳои минбаъд қабулгардида ва лоиҳаҳои афзалиятноки амалкунанда дар назар дорад.

Суръати нисбатан пасти инкишоф, ки ин вариант пешбинӣ менамояд, ба омилҳои номусоид, ба монанди коҳиш ёфтани нархи нахи пахта, афзоиши қимати воситаҳои истеҳсолӣ (сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ ва ғайра), сатҳи баланди рақобат дар бозори берунаи ашёи хом меъёри фоизҳои номувофики қарзҳои бонкӣ, тағйирёбии вазъи бозор, проблемаи ҷалби сармоягузориҳо алоқаманд мебошад.

Самарабахшии ин вариантро ҳамчунин муътадил метавон баррасӣ намуд, зеро раванди таъсисёбии ҷойҳои кории нави иловагӣ дар ин давра тамоюли мусбиро ба худ касб намуда, дар соли 2030 шумораи умумии таъсиси ҷойҳои корӣ то 336,0 ҳазор пешбинӣ мегардад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 тақрибан 15 маротиба зиёд мебошад.

Варианти дуюм суръати солонаи рушди ММХДФ дар тамоми давраи дурнамо ба хисоби миёна аз 6,5 то 7 фоиз пешбинӣ менамояд. Майдони замини кишт дар ихтиёри ХДФ қарордошта дар соли 2030 ба 612,6 ҳазаор гектар мерасад, ки ин рақам дар қиёс ба 15 соли охир 84 ҳазор гектар зиёд мебошад. Суръати солонаи инкишофи майдони заминҳои ХДФ мувофиқи дурнамои рушд ба ҳисоби миёна 5,6 ҳазор гектар пешбинӣ мегардад. То соли 2030 суръати рушди миёнасоланаи сармоягузориҳои мустақим аз 6 то 7 фоиз ва афзоиши ҳиссаи қарзгузориҳо нисбат ба ММХДФ 22,5 фоиз дар назар дошта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2015 17,4 фоизро ташкил додааст.

Мутобиқи варианти дуюм аз 168-252 таъсиси ҷойҳои нави кории иловагӣ дар назар дошта шудааст. Ҳиссаи ХДФ дар истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар давраи дурнамо бошад, аз 32,1 фоизи соли 2015 ба 43 фоиз дар соли 2030 расонида мешавад. Ин вариант натанҳо татбиқи босамари лоиҳаҳои амалкунанда, балки омилҳои нисбатан муҳим, ба монанди беҳбуди шароит ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сармоягузориҳо, инкишофи фаъоли соҳибкории истеҳсолӣ дар бахшҳои воқеъии иқтисодиёт, инчунин оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои кишоварзиро, дар бар мегирад.

Варианти мазкур ҳамчунин рушди муназзами бахши аграрӣ ва сатҳи пардохпазирии молистеҳсолкунандагони кишоварзиро ба инобат

мегирад. Мутобиқи варианти дуюм баланд бардоштани суръати афзоиши воқеии дурнамо дар солҳои 2016-2030 ба 98,0 фоиз дар назар дошта шудааст. Омили асосии дастёб гардидан ба чунин рушди устувор, ин диверсификатсия ва навсозии истеҳсолот, рушди рақобатнокӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротӣ дар бахши аграрӣ, мунтазам афзоиш ёфтани вазни қиёсии соҳибкории хурду миёна мебошад.

АДАБИЁТ

1. Кишоварзии ҶТ, маҷмӯи оморӣ, Душанбе-2015 .
2. Минтақаҳои ҶТ, маҷмӯи оморӣ, Душанбе-2014 .
3. Омори солонаи ҶТ, маҷмӯи оморӣ, Душанбе-2014.
4. Маълумоти Вазорати молияи ҶТ дар соли 2015.
5. Малумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ дар соли 2014.
6. Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҶТ, маҷмӯи оморӣ, Душанбе -2015,

АНАЛИЗ И ПРОГНОЗИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ И ПРЕСПЕКТИВЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ

А.И. ОДИНАЕВ,

заместитель начальника Управления исследования проблем предпринимательства и развития частного сектора ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, у. Рӯдаки 40
тел.(+992) 988 55 22 99; E-mail: amin-tj@rambler.ru

У.А. ДАВЛАТОВ,
заместитель начальника Управления исследования проблем отраслевого развития ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан734025, Республики Таджикистан,
г. Душанбе, у. Рӯдаки 40 тел.(+992) 93 505 27 77
E-mail: davlatovumed@mail. ru

В статье рассматривается и анализируется нынешнее положение и перспективы развития ДФХ как ведущий форм предпринимательской деятельности. Определены некоторые основные проблемы в этом направлении.

Предложены механизмы и конкретные меры с целью решения существующих проблем. А также разработан сценарий перспектив развития предпринимательской деятельности в аграрной сфере на период до 2030 года.

Ключевые слова: *экономическая политика, конкурентоспособность, предпринимательство, перспектива, прогнозирование, инвестиция, кредит.*

ANALYSIS AND FORECASTING OF DEVELOPMENT AND PROSPECTS OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN AGRICULTURAL SECTOR

A.I. ODINAEV,
deputy head of Department of entrepreneurship issue research and private sector development. Center for Strategic research under the President of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan,
Dushanbe, aven. Rudaki 40 Ph.: (+992) 988 55 26 90
E-mail: amin-tj@rambler.ru

U.A. DAVLATOV,
deputy head of Department of sectoral development, Center for Strategic research under the President of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, aven. Rudaki 40
ph.: (+992) 93 505 27 77.
E-mail: davlatovumed@mail. ru

The article discusses and analyzes the current situation and prospects for the development of DF as the leading form of entrepreneurial activity. It identified some of the main problems in this area.

Proposed the mechanisms and specific measures to solve the existing problems. Also framed the script of development prospects of entrepreneurship in the agricultural sector for the period up to 2030.

Keywords: *economic policy, competitiveness, entrepreneurship, perspective, forecasting, investment, loan.*

УДК 327

ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО И ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ КЫРГЫЗСТАНОМ И ТАДЖИКИСТАНОМ

Э.А. САРЫБАЕВ,
соискатель Института философии и политико-правовых исследований
Национальной Академии наук Республики Кыргызстан
Республика Кыргызстан, г. Бишкек, проспект Чуй, 265 а,
тел. +992904252593, e-mail:protocol2008@mail.ru.

В статье рассмотрены вопросы, связанные с водной политикой в сфере взаимодействия общества и водных ресурсов, имеющая своей целью обеспечение оптимального и сбалансированного развития, с учетом требований природоохранного баланса. Обосновывается наличие жизненно значимых для Таджикистана и Кыргызстана водно-энергетических ресурсов имеющих региональное значение и их ведущая роль в переходе к низкоуглеродистой, конкурентной, экологически устойчивой, экономике и обеспечение человеческой безопасности приверженность Республик Таджикистан и Кыргызстан в продвижении развития «зелёной» экономики.

Ключевые слова: *водная политика; водные ресурсы; экономическая эффективность; гидроэнергетический потенциал; природоохранный баланс; выбросы в атмосферу; отрасль экономики.*

Центральная Азия в силу своей растущей геополитической и геостратегической значимости, огромного природно-экономического и ресурсного потенциала, остается в центре внимания мирового сообщества.

Учитывая особую значимость водных ресурсов для Центральной Азии, Таджикистан и Кыргызстан всегда выступали с позиции разумного подхода их использования.

Устойчивое использование воды и ее охрана являются приоритетными направлениями в политической повестке дня Таджикистана и Кыргызстана, составной частью которой являются реформы в водном секторе. В случае создания единого правового пространства в Центральной Азии полученная выгода будет общим благом для народов Центральной Азии.

Вместе с тем, в условиях возросших требований и новых задач по охране окружающей среды и рационализации природопользования существенно возросла и потребность в более глубоком знании природных процессов, особенно о климате будущего и природных ресурсов, их запасах и воспроизводстве, о влиянии все возрастающей хозяйственной деятельности на климат и ресурсы, и реакции природных ресурсов на эту деятельность.

При этом, необходимо в ходе проведения исследований ответить на следующие вопросы:

1. Изменение климата и его последствия, как грядущая угроза безопасности жизни народов Центральной Азии, а также снижение водообеспеченности в связи с ростом населения, как естественный вызов, деградация земель, **увеличение водозабора в Афганистане (предположительно на 6 км^3 к 2040 г.),** а также развитие промышленности, которая потребляет значительное количество воды, интенсификация сельхозпроизводства и другие. Какие меры можно предпринять на национальном уровне и в региональном масштабе в целях смягчения этих угроз и вызовов?

2. Каким видится бесконфликтное решение в достижении справедливого и разумного использования водно-энергетических ресурсов, экологической устойчивости бассейна Аральского моря и продовольственной безопасности народов Центральной Азии? Как достичь взаимовыгодных возможностей по использованию водно-энергетических ресурсов с учетом интересов всех стран региона?

3. Что нужно сделать для продвижения подготовленных, но не принятых региональных соглашений, конвенций и пр., а также для планомерной и гарантированной реализации ПБАМ-3, подписанной как правительствами стран Центральной Азии, так и одобренной донорским сообществом?

4. Какие индикаторы жизни и жизнедеятельности, включая использование водных и земельных ресурсов, и др. должны быть целевыми в развитии сотрудничества стран ЦА?

По оценкам авторов доклада «Глобальные риски – 2015», водный кризис является самым опасным с точки зрения потенциального воздействия в предстоящие годы из всех глобальных рисков [1]. Ожидается, что к 2030 году потребности в воде по всему миру превысят уровень располагаемых водных ресурсов на 40%, а производство продовольствия увеличится на 50%. По прогнозам Международного агентства энергетики к 2035 году водопотребление для производства энергетики возрастет на 85% [2]. Наконец, Национальный совет США по вопросам разведки прогнозирует, что взаимоувязка вопросов продовольствия, воды, энергетики и климата будет одним из доминирующих мега-трендов в мире в 2030 году [3].

Вместе с тем водный кризис, как правило, результат трех составляющих, которые необходимо учесть в работе:

1 сокращение объема (истощение) доступных и пригодных к использованию водных ресурсов в результате их загрязнения, воздействия изменения климата (рост температуры, увеличение частоты экстремальных явлений), сокращения площади лесов;

2 увеличение потребностей в воде в результате роста населения, урбанизаци, экономического развития, неэффективность использования ресурсов и дефицит капитальных вложений на модернизацию;

3 усиление конкуренции между различными видами водопользования, странами и регионами за доступ к воде.

К 2030 году в бассейне Аральского моря следует ожидать сокращения пресной воды на душу населения в результате кумулятивного действия всех вышеуказанных факторов. Поэтому требуется постоянная ра-

бота по оценке располагаемых водных ресурсов и уточнению всех потребностей для четкого понимания перспективы будущего развития.

Видение будущего развития бассейна Аральского моря на период до 2050 год должно ориентироваться на обеспечение *устойчивой* водной безопасности в духе партнерства и соблюдения норм международного права.

Достижение устойчивой водной безопасности должно основываться на четком понимании перспектив будущего развития и сопоставлении альтернатив. Важно оценить ожидаемые риски, кто их несет, как снизить или избежать их, не перекладывая их на других (обеспечиваю водную безопасность в ущерб безопасности других).

Проект «Водный сектор экономики государств Центральной Азии в условиях суверенитета и трансформируемой экономики: политика, барьеры в развитии и перспективы роста» в перспективе нуждается в переработке и после учёта замечаний и повторного рассмотрения может быть рекомендован к финансированию на основе госбюджета РТ.

В настоящее время, а тем более в перспективе, когда вмешательство человека в водный режим объектов, территорий и акваторий непрерывно возрастает, возникла задача управления водами суши в их единстве и взаимосвязи, и, следовательно, появилась проблема обоснования такого управления, которое способствовало бы решению общих задач рационального природопользования в целом. В этом случае возможна разработка гипотез водообеспечения отраслей экономики стран ЦА и водного благоустройства территорий, можно проектировать конкретные мероприятия по управлению водными объектами, их режимами и т.д.

Вместе с тем, водные ресурсы – это непременный и органичный компонент окружающей среды, их постоянное взаимодействие с другими её элементами в значительной мере определяют динамику и качественные состояние среды, и составляют основу живой материи. С другой стороны, водные ресурсы выступают как один из важнейших элементов производительных сил [4].

Основываясь на системном подходе к водной политике, Саидовым И. предложена модель системы оптимизации управления водными ресурсами приведеная на рис. 1. При этом, в рамках нормативно-правовых инструментов реализации водной политики ставятся задачи разработки и совершенствования законодательных и нормативных документов, устанавливающих режим деятельности по охране и рациональному использованию водных ресурсов, требования к водно-экологической безопасности производства товаров и услуг. Эти акты и нормативные документы должны сопровождаться соответствующими инструктивными и рекомендательно - методическими материалами, обеспечивающими их применение на практике и являться доступными для всех заинтересованных лиц и организаций. Важной задачей является также наработка формирования обычаев (общественных правил), заключения договоров, регулирующих вопросы водопользования, защиту прав потребителей, охрану здоровья людей и т.д. Необходимый потенциал (ресурсы, кадры, полномочия) для решения этих задач должен находиться у органов государственной власти и управления, а также общественных организаций, включая экологические движения женщин и т.д. [5].



Рис. 1. Модель системы оптимизации управления водными ресурсами

Из предлагаемой модели системы оптимизации управления водными ресурсами следует, что Интегрированное управление речным бассейном (ИУРБ) и Интегрированое управление водными ресурсами (ИУВР) - это различные концепции, так как многие политические решения, касающиеся водного сектора или нескольких секторов водопользователей - производство продовольствия, здравоохранения, энергетики и т.п. – могут быть приняты только на национальном уровне, не на уровне речного бассейна. При этом решение о «возмещении затрат» могут быть приняты только на национальном уровне. Поэтому упомянутые выше две концепции - вовсе не одно и то же, хотя обе касаются управления водными ресурсами.

Саидов И.И. считает, что основной функцией ИУВР является комплексное управление, направленное на приостановление деградации водных объектов, обеспечение устойчивого водопользования, безопасной эксплуатации водохозяйственного комплекса, защиты населения и объектов экономики от наводнений и другого вредного воздействия вод.

На рис. 2 представлены инструменты реализации водной политики.

К инструментам реализации водной политики относятся: нормативно-правовые (законы, подзаконные акты, постановления государственной власти и управления, стандарты, договора и т.д.); экономические (бюджетные ассигнования, платежи за использование природных ресурсов и загрязнение водных ресурсов, налоги, льготы по ним, система финансирования водоохраной деятельности, и система премирования и т.д.); информационные, обеспечивающие объективное и своевременное информирование о готовых к внедрению ресурсосберегающих технологиях.

Вместе с тем, в данной модели точнее в ее системных уровнях отсутствует межнациональный уровень, имеющий важное значение для бассейнов трансграничных рек.

Для примера можно взять бассейн трансграничной реки Исфара.

Бассейн реки Исфары относится к бассейну реки Сырдарьи и расположен на западе Кыргызской Республики и севере Таджикистана. Сток бассейна реки Исфары в основном формируется от ледников и снежников Туркестанского хребта. Река протекает по административным границам Баткенской области Кыргызской Республики, Исфаринского и Канибадамского районов Республики Таджикистан. Межгосударственное распределение водных ресурсов бассейна реки Исфары осуществляется на основе взаимно признаваемых документов советского периода.

На Рис. 3 представлена предварительная карта бассейна реки Исфара[1]

[1] Административные единицы приведены условно, так как не завершена демаркация и делимитация границы между РТ и КР

Рис. 2. Схема инструментов реализации водной политики.



Масштаб 1:400 000

В качестве инструмента для развития экономического и водно-энергетического сотрудничества между Кыргызстаном и Таджикистаном можно быт задействован «Договор о зоне свободной торговли СНГ».

«Свободная торговля — это торговля без импортных тарифов и без количественных ограничений, за исключением строго определенных случаев, когда они могут вводиться.

5 октября 2007 года Советом глав государств СНГ была одобрена Концепция дальнейшего развития Содружества Независимых Государств и утвержден План основных мероприятий по реализации данной Концепции. При этом в экономической сфере основная роль должна отводиться деятельности по следующим приоритетным направлениям:

• Завершение введения полномасштабного режима свободной торговли.

• Либерализация условий и дальнейшее развитие взаимной торговли, отмена действующих ограничений и изъятий из режима свободной торговли, в том числе касающихся импорта сырья и экспорта готовой продукции, в целях обеспечения свободного доступа товаров национальных производителей на рынки государств — участников СНГ.

• Разработка согласованной линии относительно использования энергетических ресурсов и транспортных услуг, развитие общих рынков отдельных видов продукции, в первую очередь сельскохозяйственной продукции.

• Развитие взаимодействия в области транспорта, в том числе формирование сети международных транспортных коридоров на пространстве СНГ.

• Повышение эффективности тарифной политики и устранение влияния на национальном уровне фискально-административных барьеров при осуществлении международных грузовых перевозок и др.

В ноябре 2008 года главы правительств СНГ утвердили Стратегию экономического развития Содружества до 2020 года. Среди приоритетных направлений развития взаимодействия государств — участников СНГ в принятой стратегии — завершение формирования и функционирование зоны свободной торговли в рамках СНГ в соответствии с нормами и правилами Всемирной торговой организации, формирование предпосылок для создания общего экономического пространства, развитие общих рынков отдельных видов продукции, в первую очередь сельскохозяйственной, создание эффективных механизмов валютно-финансового сотрудничества.

18 октября 2011 года в Санкт-Петербурге по итогам заседания совета глав правительств стран содружества был подписан Договор о зоне свободной торговли. Договор включает упрощение правовых основ торгово-экономических отношений между подписавшими его странами, замену целого ряда многосторонних и порядка 100 двусторонних документов, регламентирующих режим свободной торговли на пространстве содружества.

Договор о ЗСТ СНГ вступил в силу 20 сентября 2012 года в отношениях между Беларусью, Россией и Украиной — первыми тремя странами, выполнившими его ратификацию. Остальные пять из подписавших договор государств присоединяются к зоне свободной торговли в установленном договором порядке после завершения внутригосударст-

венных процедур и получения депозитарием соответствующих документов. Три страны-участницы СНГ оставили за собой право присоединиться к договору о зоне свободной торговли позже.

31 мая 2013 года подписан протокол о применении договора о зоне свободной торговли между его сторонами и Республикой Узбекистан.

Полный список стран, подписавших или сохраняющих право подписать договор, приведён ниже.

Присоединились к ЗСТ
- Армения
- Белоруссия
- Казахстан
- Киргизия
- Молдавия
- Россия
- Таджикистан
- Украина

Присоединение в особом порядке (отдельный протокол к договору)
- Узбекистан

Не подписали
- Азербайджан[8]
- Туркмения[8]

Ратификация договора

Нижеприведённая таблица иллюстрирует прохождение договором о ЗСТ внутригосударственных процедур в восьми странах, его подписавших. Договор вступает в силу по истечении 30 дней с даты получения депозитарием третьего уведомления о ратификации. В России закон о ратификации этого документа был подписан президентом страны 1 апреля 2012 года; в Беларуси — 26 мая 2012 года. Третьей страной, ратифицировавшей договор, стала Украина 9 августа 2012 года. Таким образом, зона свободной торговли между Беларусью, Украиной и Россией заработала 20 сентября 2012 года. В отношениях со странами, выполнившими внутригосударственные процедуры позднее, договор вступит в силу по истечении 30 дней с даты получения депозитарием соответствующих документов [6].

Таблица 1. Ход ратификации Договора ЗСТ

Страна	Решение принято	Институт	👍	👎	ВЗД	НГ	Вступление в силу[3]	Источник
Армения	11 сентября 2012	Национальное собрание	97	2	7	25	17 октября 2012	[16]
		Президент						
Белоруссия	19 апреля 2012	Палата представителей	н/д	н/д	н/д	н/д	20 сентября 2012	[17]
	8 мая 2012	Совет Республики	н/д	н/д	н/д	н/д		[18]
	26 мая 2012	Президент	подписал					[14]

Казахстан	26 сентября 2012	Мажилис	н/д	н/д	н/д	н/д	8 декабря 2012	[19][20]
	4 октября 2012	Сенат	н/д	н/д	н/д	н/д		[21]
	25 октября 2012	Президент	подписал					[22]
Киргизия	14 ноября 2013	Верховный совет	62	0	0	58	12 января 2014	[23][24]
	9 декабря 2013	Президент	подписал					[24]
Молдавия	27 сентября 2012	Парламент	96	0	0	5	9 декабря 2012	[25]
	25 октября 2012	Президент	промульгировал					[26]
Россия	20 марта 2012	Государственная дума	444	0	0	6	20 сентября 2012	[27]
	28 марта 2012	Совет Федерации	134	0	0	32		[28]
	1 апреля 2012	Президент	подписал					[13]
Таджикистан		Палата представителей						
		Национальный Совет						
		Президент						
Украина	30 июля 2012	Верховная рада	260	1	2	187	20 сентября 2012	[29]
	9 августа 2012	Президент	подписал					[15]

Кыргызстан ратифицировал Договор 12января 2014 года. К сожалению, Таджикистан в настоящее время не ратифицировал Договор, но можно надеяться что эта проблема в ближайшее время решиться положительно. Вместе с тем, государства-участники СНГ, ратифицировавшие договор о создании зоны свободной торговли, заявили о намерении после вступления документа в силу разработать соглашение о свободной торговле услугами в рамках Содружества.

В дальнейшем по мере ратификации Договора Таджикистаном предлагается его апробирование на территории речного бассейна трансграничной реки Исфара. Чтобы эта программа не осталась дек-

ларацией благих намерений, необходимо подкрепить ее инструментами реализации.

Литература

1. URL: http://gtmarket.ru/news/2015/01/15/7042
2. http://www.eia.gov/forecasts/ieo/).
3. http://www.ca-news.org/news/1051441?from=rss
4. Саидов И.И., Бабаджанова М. П., Абдурахимов Б. Проблема научно обоснованного управления водными ресурсами. В сб. научных трудов ТНУ, 2015 с. 44-51
5. Саидов И. Управление водными ресурсами для ирригации в зоне формирования стока (на примере Республики Таджикистан) // Автореф. дис. … д.т.н. - Бишкек., 2014. -41 с.
6. Материал из Википедии — свободной энциклопедии

ПРОБЛЕМАҲОИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ ВА ОБУ ЭНЕРГЕТИКӢ БАЙНИ ҚИРҒИЗИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН

Э.А. САРИБАЕВ,
унвонҷӯи Институти фалсафа ва тадқиқоти сиёсию ҳуқуқии
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Қирғизистон.
Ҷумҳурии Қирғизистон, ш. Бишкек, хиёбони Чуй, 265 а,
тел. +992-904-25-25-93; E-mail:protocol2008@mail.ru.

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба сиёсати обу энергетика, ҳамалоқамандии ҷомеа ва манбаъҳои об ба мақсади таъмини рушди муносиб ва мутавозун бо назардошти талаботи тавозуни ҳифзи табиат мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ҳаётан муҳим будани манбаҳои обу энергетика барои Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки аҳамияти минтақавӣ доранд, ҳамчунин нақши пешбари онҳо дар гузариш ба иқтисоди рақобатпазири аз нигоҳи экологӣ устувор, таъмини амнияти инсонӣ ва тарафдории ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон аз рушди иқтисоди «Сабз» - ро асоснок кардааст.

Калидвожаҳо: *сиёсати обу энергетика, манбаҳои об, самаранокии иқтисодӣ, тавонмандии гидроэнергетикӣ, тавозуни ҳифзи табиат, партоб ба фазо, соҳаи иқтисод.*

ISSUES OF ECONOMIC DEVELOPEMENT AND HYDROENERGETIC COOPERATION BETWEEN KYRGYZSTAN AND TADJIKISTAN

E. A. SARYBAEV,
researcher of the philosophy Institution and political judiciary research of the National Academy of Kyrgyzstan. Bishkek, aven. Chuy 265 A,
Ph.: 992904252593; E-mail: protocol2008@mail.ru

In this article it is written about water policy, social interactions, water resources, and the purpose of it, which is to supply the best way and a balanced development including the safety of environmental balance.

Author stresses the importance of hydro-energy resources of Tajikistan and Kyrgyzstan that has the regional importance and adjusting to a lower carbon policy with more ecologically stable economy and provision of human safety and the support Republics of Tajikistan and Kyrgyzstan in the commitment of developing the "Green economy".

Keywords: *water policy; water resources; economical efficiency; hydro-energy potential; environmental balance; pollution of atmosphere; the branch of economy.*

УДК:32+327+34с

“РАҲБАРИ ДОНИШ” ВА МАСОИЛИ ТАҚСИМОТИ ҲУДУДӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР СОЛҲОИ 20 – 30 САДАИ ХХ

Х.Ш. АНДАМОВ,
унвонҷӯйи кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 985 26 89 39 (м), e-mail: hamdam2005@mail.ru

Дар ин мақола инъикоси масоили марбут ба тақсимоти ҳудудӣ ва муносибатҳои миллӣ дар солҳои 20 – 30 –и садаи бист, дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” баррасӣ шудааст. Муаллиф талоши равшанфикрони даврро аз тариқи матраҳ кардани масоили марбут ба тақсимоти ҳудудӣ – марзӣ ва муносибатҳои миллӣ барои бақои миллату забони тоҷик ва таъсиси ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *тақсимоти ҳудудӣ – марзӣ, муносибатҳои миллӣ, равшанфикрону маорифпарварон, маъхазҳои таърихӣ, забону миллати тоҷик, маҷалла, ҷумҳурии худмухтор, ҷумҳурии мустақил.*

Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар солҳои 20 – уми қарни бист ва ба хусус, пас аз пирӯзии Инқилоби Октябр, ки ба таъсиси Иттифоқи Шӯравӣ замина гузошт, нақши матбуотро дар бархурд ба масоили тақсимоти марзӣ ё ҳудудӣ ва масоили муносибатҳои миллӣ бештар кард. Равшанфикрони тоҷик ин мавзӯъҳоро вобаста ба таҳаввулоти замон ва ба хотири ҳифзу ҳимояи забону миллати тоҷик ба қалам дода, бо такя ба маъхазҳои таърихӣ, ҷойгоҳи тоҷиконро дар Осиёи Миёна пурарзиш нишон додаанд.

Албатта масоили миллӣ ва проблемаҳои тақсимоти ҳудудӣ дар Осиёи Миёна аз масъалаҳоест, ки хеле бо эҳтиёткорона, аммо боҷуръатона ва бо иродаи қавӣ аз ҷониби равшанфикрони тоҷик дар саҳифаҳои матбуоти он давр, аз ҷумла маҷаллаи “Раҳбари дониш” ба қалам дода шудааст. Чун маҷалла ҳам дар замоне рӯи чопро дид, ки Тоҷикистон ба унвони ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати Узбекистон қарор дошт. Бо чопи матолиби мухталиф, мавзӯъҳои муносибатҳои миллӣ, забонӣ ва ҳамчунин тақсимоти ҳудудӣ инъикос гардида, аз ин тариқ замина барои ташкили ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) фароҳам мегардид. Ҳарчанд дар вазъи мураккабу пуртазодди солҳои 20 –ум матраҳ кардани масоили марбут ба тақсимоти ҳудудӣ ва масоили муносибатҳои миллӣ кори саҳлу соддае набуд, аммо ба ин ҳам нигоҳ накарда, фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, дар нисбати ноадолатиҳо ва ноҷӯриҳои замона, ба хусус зери по кардани ҳуввияти миллии тоҷикон дар Осиёи Миёна, аз байн бурдани забони тоҷикӣ ва ба ин васила миллати тоҷик садо баланд карданд. Маҳз матбуот, он ҳам матбуоти тоҷик,

ҷуръатмандона дар муқобили душвориҳои замона истодагарӣ кард ва алайҳи сиёсатҳои “табартақсим” –и давр мубориза бурд. Таърих ҳам собит кардааст, ки қалами тезу сухани буррои абармардони тоҷики солҳои 20 – уми асри бист, ба хусус равшанфикрон барои зимомдорону ҳукуматдорон, мисли шамшере дар гулӯяшон буд.

Ҳар навиштаи рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо нақши меҳварӣ ва ҳатто калидӣ барои бедории фикрӣ ва огаҳии мардуми зулму истибдоддидаи тоҷик дошт. Ин рисолатро, қабл аз ҳама устод Садриддин Айнӣ бар дӯш гирифт ва ба унвони андешаманди давр, масъулияташро дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” идома дод, ҳамонгуна ки ин рисолатро дар нашрияҳои қаблан нашршуда, аз ҷумла “Шӯълаи инқилоб” ва “Овози тоҷик” ифо кардааст. Нахустин мақолаи устод Айнӣ дар аввалин шумораи “Дониш - биниш” бо номи “Кишваршиносӣ” интишор ёфт, ки ҳадафи он шинохти ватани маҳбубамон – Тоҷикистон аст. Худи устод Айнӣ ҳам мақсади навишти ин матлабашро ривоҷи илми кишваршиносӣ унвон мекунад, аммо аз ин тариқ, ин равшанфикри бузурги тоҷик умеду омоли мардуми тоҷикро, ки ҳазорсолаҳо дар орзуи кишвару давлати худ будаанд ба қалам медиҳад ва дар мафкураи ҷомеа ин фикрро ба миён меорад, ки рушди илми кишваршиносӣ роҳро барои таъсиси як ҷумҳурии мустақил, ҳарчанд дар ҳайати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ҳам бошад, ҳамвор месозад[1] .

Ҳатто устод Айнӣ шинохти кишваршиносӣ ва он ҳам Тоҷикистонро дар он замони пурпечутоб, роҳи ҳам душвору ҳам осон арзёбӣ карда, пешниҳод мекунад, ки як ниҳоди вижа, ба мисли ташкилоти кишваршиносӣ дар Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ташкил карда шавад, ки тавонад ин масъаларо ба таври ҷиддӣ ва пурмасъулиятона дар ҳама ҷо – дар қишлоқу мавзеъ ва шаҳру ноҳияҳо анҷом диҳад. Бояд гуфт, ки талоши устод Айнӣ барои роҳандозии илми кишваршиносӣ, омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва ҳамвор кардани роҳи ояндаи он барои ташкили ҷумҳурии мустақил ва аз ҳама муҳим тақсими боадолатонаи ҳудуди миллӣ аст.

Аммо нахустин матлабе, ки дар мавзӯи тақсимоти ҳудудӣ ва масоили миллии мардуми тоҷик дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” бо андешаи ошкор, озодона ва ҷасурона нашр шудааст, мақолаи Абдуқодир Муҳиддинов бо номи “Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё узбак” мебошад. Абдуқодир Муҳиддинов ошкоро аз ҳуввияти тоҷик будани мардуми Бухоро ва ҳатто атрофи он ҳимоят карда, ҳалли ин масъаларо ба ҳизби коммунистӣ ва ҳукумати Шӯро пешниҳод мекунад.

Матраҳ кардани ин мавзӯъ аз ҷониби Абдуқодир Муҳиддинов ва он ҳам раиси Шӯрои Комиссарони Халқии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ё нахустин сарвазири Тоҷикистон бесабаб нест ва ҳатман бозгӯйи ирода ва алоқаи роҳбарияти Тоҷикистони худмухтор барои расидан ба як ҷумҳурии мустақил аст. Ин аст, ки Абдуқодир Муҳиддинов бо далелҳои таърихӣ собит месозад, ки

мардуми Бухоро тоҷиканд: “Аз замони истилои арабҳо ба Бухоро қариб XIII аср гузашта аст. Тамоми санадҳои таърихӣ исбот мекунанд, ки дар замони истилои арабҳо бошандагони Бухоро аҷдодаш тоҷикони имрӯза – суғдиён будаанд. Аввалин санади таърихӣ, ки воқеъаи истилои арабро сабт карда аст ва дар дасти мо мавҷуд мебошад, ин “Таърихи Бухоро” - и Наршахӣ аст” [2].

Ҳатто ба навиштаи Абдуқодир Муҳиддинов дар замони манғитиҳо бо он ки, забони расмӣ – туркӣ буд, лекин тамоми навиштаҳо ва дастхатҳои амир, аризаҳо, васиқаҳо, ярлиқҳо ба забони форсӣ навишта мешуд. Забони мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро – забони модарии онҳо забони форсӣ буд. Дар мактабҳо, мадрасаҳо дарсҳо ба забони тоҷикӣ гуфта мешуд. Тамоми таълифҳо ба забони форсӣ буд. Дар муддати бештар аз ҳазор сол, ки аҳвол ва воқеаии таърихиро пай дар пай сабт кардааст, ҳеҷ як нишоне нест, ки дар Бухоро як китобе ба забони туркӣ навишта шуда бошад.

Аммо бо ин ҳама, он чӣ моияи нигаронии амиқи Абдуқодир Муҳиддинов қарор гирифта ин аст, ки пас аз инқилоби Бухоро (дар соли 1920 – Х.А) масъалаи забон дар Бухоро ранги дигар гирифт. Зеро аз замони таъсиси ҷумуҳурияти Бухоро (сентябри соли 1920) забони расмии ҳукумати шӯроии Бухоро туркӣ – узбекӣ муқаррар карда шуд. Ҳол он ки дар шаҳри Бухоро, ҳатто дар Бухорои шарқӣ аксарияти мардум забони узбекиро намедонистанд. Бузургии Абдуқодир Муҳиддинов ин аст, ки ба унвони роҳбари Комиссарияти Халқии Шӯроҳои Тоҷикистон саҳву хиёнати сиёсии гузаштаи худро иқрор мекунад ва ислоҳи ин вазъро як амри зарурӣ мепиндорад.

Абдуқодир Муҳиддинов проблемаи тақсимоти ҳудудӣ ва масоили миллии мардуми тоҷикро тарзе матраҳ менамояд, ки ҳатто мавриди истиқболи гарми ҳайати таҳририяи маҷаллаи “Раҳбари дониш” қарор гирифта, дар поёни он идора хитоб ба мухотабонаш аз онҳо хостааст, то назару андешаҳояшонро ба маҷалла фиристанд.

Ин буд, ки пас аз чопи мақолаи Абдуқодир Муҳиддинов ва даъвати идора барои ҷой додани андешаи соҳибназарону хонандагони маҷалла дар бораи масоили тақсимоти ҳудудӣ ва масоили миллӣ, аз ҷониби маорифпарвари асили тоҷик - Аббос Алиев низ мақолае бо номи “Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он” мунташир гардид.

Аббос Алиев ҳадафи аслии навиштаи худро ба мақолаи Абдуқодир Муҳиддинов рабт медиҳад ва гуфтаҳои ӯро тасдиқ мекунад. Аббос Алиев, ки аз маорифпарварони асили оғози садаи 20 - ум аст, такя ба санадҳои таърихӣ карда бори дигар ба ҷойгоҳи тоҷикон дар ҳукумату давлатдорӣ ишора намуда, бо таваҷҷуҳ ба ҳақиқати таърихӣ Бухоро ва Самарқандро яке аз марказҳои мадании форсҳо – тоҷикон ном мебарад ва мегӯяд, ки “халқи тоҷик ин сарзаминро ҳазорон сол тарбия дода ва масокини обо ва аҷдоди ӯст”[3].

Ҳатто Аббос Алиев дар посух ба ин суол, ки чаро ҳукумати амирони манғит дар Бухоро, ки аксарият аз қабилаҳои турк будаанд,

аммо забони модариашонро забони ҳукуматӣ қарор надодаву забони форсиро таъин кардаанд, менависад: “Барои ин ки ҳукумати амириро халқи маҳаллӣ бегона нашуморанд ва ҳуҷум карда онро маҳв накунанд, амирон бо забони халқи маҳаллӣ – забони тоҷикӣ ҳарф мезаданд ва барои ин ки халқро беҳтар ба худ бубанданд, забони тоҷикиро забони давлатӣ қарор дода буданд. Ин сабаби муҳимро амирони Бухоро фаҳмида буданд, вагарна на онҳо ошиқи чашмони сиёҳи тоҷикон ва на душманони забони модарии худашон буданд” [3].

Ҳамчунин, Аббос Алиев дар ин мақола сабаби худро узбек номидани халқи Бухороро ба он вобаста медонад, ки баҳонаи аввал - чун Бухоро дар дохили Ӯзбекистон аст, халқи он бояд ӯзбек бошанд ва забон, урфу одат ҳеҷ дахле надорад. Аз назари Абос Алиев баҳонаи дувум – баъзеҳо калимаи тоҷикро ҷанбаи динӣ мефаҳманд: Ба назарашон чунин мерасад, ки тоҷик, яъне шиа, суннӣ, яъне ӯзбек. Ба ҳамин сабаб, диндорон барои он ки шиа нашаванд, аз баҳри тоҷик будан гузаштаанд .

Дар ниҳоят Аббос Алиев ба суоли “Чӣ бояд кард?” гуфтаи Владимир Ленинро меорад, ки «Барои ин ки ҳар як миллат озод ва осуда бо ҳам кор кунанд ва дар вақти лузум аз ҳам ҷудо шуда давлати ҷудогона ташкил кунанд, барои ин демократизм, ки синфи коргар ӯро пайравӣ мекунад, лозим аст. Ҳеҷ як бартарӣ барои ҳеҷ миллате, барои ҳеҷ забоне, набояд дода шавад. Набояд роҳро танг ва беинсофӣ дар ҳаққи миллатҳои хурд кард. Ин аст асоси демократизми коргарӣ». [3].

Дар мақолаи дигар, ки дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” боз ҳам ба қалами Абдуқодир Муҳиддинов тааллуқ дорад, “Тоҷикистон ҷумҳурияти ҳафтуми Иттифоқ мешавад” ном дорад, нигоҳе ба таърихи амирии Тоҷикистон ва баъдан ташкили ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон ва дар ниҳоят, аҳамияти боарзиши ташкили ҷумҳурияти мустақили Тоҷикистон дар ҳайати “Иттифоқ” карда мешавад. Назари ҷолиби Абдуқодир Муҳиддинов дар мавриди табдили Тоҷикистон ба ҷумҳурияти мустақил дар ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ он аст, ки ин амр на танҳо аҳамияти дохилӣ, балки таъсир ва аҳамияти байналмилалӣ низ дорад. Зеро ба таъкиди Муҳиддинов: “комёбиҳои мо ҳисси озодихоҳӣ ва инқилобии онҳоро (дӯстони байналмилалии Тоҷикистон – Х.А) бедор ва ҳушдор мекунад... Тоҷикистон дар олами форсизабонон ягона мамлакате аст, ки соҳиби озодии сиёсӣ ва иқтисодӣ гардида аст.... Миллатҳое, ки дар зери ситами сиёсат ва дасисаҳои мустамликагии англис (Ҳиндустон, Афғонистон ва ғайра – Х. А) зиндагонӣ мекунанд, Тоҷикистонро аз наздик мебинанд, аз Тоҷикистон ибрат мегиранд”[4].

Ҳатто Абдуқодир Муҳиддинов барои исботи фикри худ аз мақолае, ки дар рӯзномаи “Таймс” чоп шудааст, иқтибос меорад: “Касоне, ки масъул ба муҳофизат кардани Ҳиндустонанд, дар сиёсате, ки ҳукумати шӯрой дар Осиёи Миёна иҷро мекунад, бояд бо диққат назар кунанд; хусусан тарафе, ки тааллуқ ба Тоҷикистон дорад, бисёр муҳим аст.... Тоҷикон аз ҳамнажодони мардуми кӯҳии Ҳиндустонанд. Қабилаҳои

“нагара”, “гунза”, “гилгит” ва “кашмир” бо мардуми тоҷик ҳамнажоданд. Баъд аз ин Помири марказӣ мешавад, ки ба воситаи он дар Кашмир ва Читрол таъсири миллӣ мекунанд. Вазъияти нооромиинқилобӣ ба вуҷуд меоранд”[4].

Ин ҳам дар ҳоле, ки ин ақидаро Абдураҳим Ҳоҷибоев, аъзои Президиуми Комиҷроияи Марказӣ ҳанӯз чанд соли қабл, дар мусоҳибае бо рӯзномаи “Овози тоҷик” дар хусуси тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна, дар таърихи Шарқи куҳан аҳамият доштани ин амрро хотиррасон ва таъсири онро ба давлатҳои ҳамҷавор ва ҳамзабони Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустону Покистон таъкид карда буд: “миллият ва иқтисоди ин мамлакатҳо ба вилояти мухтори тоҷик, ки дар оянда ташкил хоҳад ёфт, бисёр монанд мебошад. Миллиятҳои ин мамлакатҳо ҳам тақрибан ба ҳамин забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд” [5].

Ин андешаи Ҳоҷибоев замоне гуфта шуда буд, ки Тоҷикистон соли 1924 дар ҳайати Узбекистон шомил шуд. Таърих ҳам гувоҳ аст, ки дар ниҳоят, ҳамин тавр ҳам шуд ва ин кишварҳо мустақилият ба даст оварданд ва аз мустамликаи англис раҳо шуданд.

Бо таваҷҷуҳ ба андешаҳои Абдуқодир Муҳиддинов ва ҳамчунин Аббос Алиев, ду тан аз маорифпарварони солҳои 20 – уми асри бист, ба ин расидан мумкин аст, ки проблемаи тақсимоти ҳудудӣ ва масоили муносибати миллӣ дар он замон аз нуқтаи назари воқеият ва ҳақиқати таърихӣ гуфта шавад ва мушкилоти мавҷуди давр бар асоси он ҳал гардад.

Абдуқодир Муҳиддинов дар таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон хизмати назаррасе карда, нахустин роҳбари ҳукумати он интихоб шудааст. Ба гуфтаи муҳаққиқон, тартиб додани асари тақдирсози «Намунаи адабиёти тоҷик» - ро ба устод Садриддин Айнӣ маҳз ӯ тавсия додааст. Абдуқодир Муҳиддинов тавассути навиштаҳояш бо далелҳои таърихӣ халқи қадима будани тоҷиконро исбот карда, ба доми пантуркизм афтодани ҷавонбухориёни тоҷик ва ба хатову хиёнатҳо роҳ додани онҳо дар тақсимоти ҳудудии соли 1924 рухдодаро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст.

Муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик низ ба хидматҳои шоёни абармардони давр, ба хусус Абдуқодир Муҳиддинов баҳои арзишманд додаанд. Ба хусус пажӯҳишгари публитсистика - Мурод Муродов дар асараш «Аз замон то замон» дар бораи Абдуқодир Муҳиддин мегӯяд: “Ӯ (Абдуқодир Муҳиддинов – Х.А) худ фаъолияти публитсистиашро давом дода, дар рӯзномаи “Овози тоҷик” ва маҷаллаи “Раҳбари дониш” доир ба ҳимояи тоҷикони Бухоро пайваста мақолаҳо чоп менамуд. ...Умуман, публитсистикаи А. Муҳиддинов дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва озодихоҳӣ навишта шуда, таҷассумгари ҳаёти пур аз талошу муборизаҳои сиёсии ибтидои садаи бист мебошад” [6] .

Аммо ба таъкиди Мурод Муродов муборизаҳои ҷасуронаву адолатхоҳонаи Абдуқодир Муҳиддинов мавриди амал қарор нагирифта, баръакс, боиси аз вазифа сабукдӯш гардиданаш шуданд.

Аз сӯи дигар, таърихнависон ва пажӯҳишгарон Аббос Алиевро яке аз равшанфикрони солҳои 20-уми асри гузашта дониста, ҳатто Муҳаммадҷон Шакурӣ, донишманди тоҷик ва аз шогирдони Аббос Алиев, ӯро “аз ҷумлаи муборизони сарсахти пантуркизм дар Бухоро” унвон мекунад ва мегӯяд: "мардуми Бухороро бар зидди сиёсати пантуркизм дар ҷомеа ба майдон кашидааст” [7]. Ҳатто ба таъкиди муаррихони тоҷик, дар давраи вазири маориф будани Аббос Алиев, хати тоҷикон форсӣ буд.

Аз матолиби маҷаллаи “Раҳбари дониш” бар меояд, ки бо таваҷҷуҳ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ҳамин тавр, таҳаввулоти замон, равшанфикрони вақт бо ҳар роҳу восита барои расидани Тоҷикистон ба як кишвари мустақил ва дорои ҳудуди маъмурӣ ва қаламрави хос - он ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Шуравӣ, заҳмату ҷонбозиҳо кардаанд.

Нигароние, ки дар чанд даҳсолаи ахир ҳамеша аҳли қаламро ба ташвиш андохта, ин аст, ки ба айби бархе аз роҳбарони замони ҷумҳурияти Бухоро ва баъдан ҷумҳурияти худмухтори Тоҷикистон, бузургтарин маконҳои таърихӣ ва асли тоҷикон – Самарқанду Бухоро аз ин миллат гирифта шуд ва ҳамакнун баргардонидани ин ду шаҳри тоҷикӣ танҳо хобу хаёлеро мемонад.

Аслан, аз назари бархе аз муаррихони тоҷик чунин тақсимот, яъне аз даст рафтани шаҳрҳои Самарқанду Бухоро бо дасти болшевикони рус сурат гирифт, аммо боз ҳам баъзе аз ходимони он давраи Шӯравӣ талошашонро барои дар ихтиёри Тоҷикистон мондани ин ду макони аслии тоҷикон кардаанд. Ҳарчанд ин талошҳо бенатиҷа анҷомиданд.

Дар ин замина, иддае аз муаррихон бар ин боваранд, ки бо он ки баҳси тақсимоти ноодилонаи миллӣ – марзӣ дар Осиёи Миёна, ба хусус аз даст рафтани шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ҳанӯз ҳам матраҳ аст, аммо дар он давру замон ба кӣ додани Самарқанду Бухоро ё ҳар минтақаи дигарро Сталин дар Маскав ҳал мекард, на роҳбарони онвақтаи тоҷик, мисли Файзуллоҳ Хоҷаев ё Шириншоҳ Шоҳтемур ё ҳар мақоми дигар.

Дар ҳар сурат, пажӯҳиши муаррихон ва баррасии санадҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар он марҳалаи басо тақдирсози таърихӣ зимомдорони давр ва як зумра шахсони ғаразнок бо ҳамдастии баъзе афроди ноогоҳ ва шахсиятҳои бегонапараст адолати таърихиро поймол намуда, мехостанд дар масоили шинохти миллият ва шумораи аҳолӣ манфиатҳои миллӣ ва иҷтимоиву иқтисодии тоҷиконро пушти по зананд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳадафи ин сиёсати шовинистиро “аслан тахрибу маҳвсозии асолати миллӣ, инкори ҳастии миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон” арзёбӣ карда, меафзояд: “ вале як қатор фарзандони огоҳу бедордили миллат, аз қабили Садриддин Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Саидризо Ализода, Аббос Алиев, инчунин

сарварони сиёсии равшанфикру ватандӯст – Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Нисор Муҳаммад ва дигарон дар чунин даврони печидаву сангин ба пуштибонии миллат ва ҳифзи манфиатҳои он бархостанд” [8].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки “ин шахсони ватандӯсту дурандеш, ки зимоми роҳбариро дар он замон бар дӯш доштанд, бар зидди ҳама гуна равияҳои зиёновари миллатгароиву ҷудоиандозӣ мардонавор мубориза мебурданд ва силсилаи иқдомоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро барои таҳкими арзишҳои милливу суннатии тоҷикон ва бунёди давлату давлатдории мардуми худ амалӣ мекарданд” [8].

Муҳаммадҷон Шакурӣ, донишманди саршиноси тоҷик низ муътақид аст, ки дар ҳар сурат, ҳатто бо вуҷуди аз даст рафтани Самарқанду Бухоро ва дигар минтақаҳои тоҷикнишин, худи таъсиси Тоҷикистон ба ҳайси як ҷумҳурӣ, дар шароити солҳои 20, аз ҷониби шахсиятҳои сиёсӣ ва фарҳангии аввали қарни 20 як қаҳрамонии бузурге буд. Ин андешаро дигар муаррихону донишмандони тоҷик мепазиранд ва мегӯянд, ки агар тоҷикон ин фурсатро ҳам аз даст медоданд, барои ин миллат мушкилӣ ба вуҷуд меомад. Мисли баъзе аз миллатҳое, ки ҳарчанд дар минтақаҳои мухталифи дунё вуҷуд доранд, аммо кишвару давлат надоранд, тоҷикон на танҳо сарсону саргардон мемонданд, балки орзуву ормони гузаштагони онҳо ба фано мерафт.

Аммо ҷараёни пурталотуми таърих дар муддати 70 соли асри ХХ – ум ба тарзе амалӣ гардид, ки дар соли 1924 Тоҷикистон аз як ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати Узбекистон, дар соли 1924 ба ҷумҳурии мустақил дар ҳайати “Иттифоқ” ва ниҳоятан, пас аз фурупошии Иттифоқи Шуравӣ, дар соли 1991 ба як ҷумҳурии комилан соҳибистиқлол табдил ёфт.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам масоили тақсимоти миллӣ - марзӣ аз мавзӯотест, ки ҳамеша дар матбуот матраҳ мешавад ва муҳим он аст, ки навиштаҳои равшанфикрони солҳои 20 – уми асри гузашта, бахусус соҳибқаламони маҷаллаи “Раҳбари дониш” ҳамчун маъхази таърихӣ ва далелҳои собиткунанда дар ин маврид, истифода мешаванд. Чун заҳмати қаламкашону аҳли матбуоти ин давр, аз ҷумла маҷаллаи “Раҳбари дониш” барои ҳифзу ҳимоя ва бақои миллати тоҷик, арзишҳои фарҳангиву таърихӣ ва боло бурдани ҷойгоҳи забони тоҷикӣ ва чун як давлати мустақил дар харитаи ҷаҳон вуҷуд доштани Тоҷикистон, хеле пураҳамият ва иқдоми бузург аст.

Ин буд, ки ҳукумати Тоҷикистон дар ин росто, хизматҳои шоёни устод Садриддин Айнӣ ва ходимони давлатӣ - Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нусратуллоҳ Махсумро ба назар гирифта, унвони “Қаҳрамони Тоҷикистон” - ро барои ин абармардони миллат раво донистааст. Дар қатори ин шахсиятҳо, иддае аз аҳли зиё аз тариқи матбуот пешниҳод кардаанд, ки ба афроди хидматкардае, чун Абдуқодир Муҳиддинов,

Аббос Алиев ва Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳам унвони қаҳрамонӣ дода шавад. Онҳо мегӯянд, агар ин кор сурат бигирад, подоше дуруст хоҳад буд: Ҳам ба воқеити таърихӣ арҷ гузошта мешавад ва ҳам ба ин восита аз нақши матбуоти равшанфикру маорифпарвари тоҷикон дар солҳои 20 – уми асри гузашта қадрдонӣ хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, маҷаллаи “Раҳбари дониш”мавзӯи тақсимоти марзӣ – ҳудудӣ ва муносибатҳои миллиро дар солҳои 20 – 30 – уми садаи бист дар саҳифаҳои хеш ба таври ҷиддӣ ба баррасӣ гирифта, муаллифону дастандаркорони ин иқдом хоҳони ҳалли созандаи он будааанд. Бо вуҷуди он ки тақсимоти марзӣ – ҳудудӣ комилан ба нафъи тоҷикон тамом нашуд, аммо равшанфикрону ходимони давр аз худ сарсупурдагӣ ва ҷасорат нишон доданд ва мавқеи мардуми тоҷикро дар миёни дигар миллату халқиятҳо боло бурданд. Онҳо бо далелҳои собиткунанда ва бо такя ба маъхазҳои таърихӣ исбот карданд, ки тоҷикон дар таърихи тамаддуни башарӣ мавқеи хоса доранд ва чун миллати соҳибзабон ва бофарҳанг шинохта мешаванд.

Адабиёт

1. Айнӣ С. Илми кишваршиносӣ.//Дониш - биниш. 1927. №1. моҳи август. - Саҳ.17.

2. Муҳиддинов А. Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак.//Раҳбари дониш. 1928. №8-9 (11-12), моҳи август – сентябр. – Саҳ. 15 -18.

3. Алиев А. Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он.//Раҳбари дониш. 1928. №11-12 (14-15), моҳи ноябр – декабр. – Саҳ. 13-18.

4. Муҳиддинов А. Тоҷикистон ҷумҳурияти ҳафтуми Иттифоқ мешавад.//Раҳбари дониш. 1929. №10 – 11, моҳи октябр ва ноябр. - Саҳ. 6.

5. Ҳоҷибоев А. Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Вусто.//Овози тоҷик. – 1924, 12 сентябр.

6. Муродов М. Аз замон то замон. - Душанбе. Шуҷоиён, 2010. - Саҳ. 72 – 73.

7. Ҳарамгули Қодир. Меъмори маорифи Тоҷикистон. 21.10.2009. http://www.ozodi.org/content/article/1856676.html

8. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар ҷашни 110–солагии зодрӯзи Ширинҳоҳ Шоҳтемур. 20.10.2009. http://president.tj/node/2500

«РАХБАРИ ДОНИШ» И ПРОБЛЕМЫ ТЕРРИТОРИАЛЬНОГО РАЗДЕЛА И НАЦИОНАЛЬНЫЕ ОТНОШЕНИЯ В 20х – 30х ГОДАХ XX – ГО ВЕКА

Х. Ш. АНДАМОВ,
соискатель Таджикского национального университета
734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17,
тел: (+992) 985 - 26 – 89 - 39 (м), e-mail: hamdam2005@mail.ru

В статье рассматривается отражение проблем, связанных с территориальным разделом и национальными отношениями в 20-х – 30-х годах XX-го века в журнале «Рахбари дониш». Автор рассматривает усилия интеллигенции того времени через обсуждение проблем, связанных с распределением территорий – границ и национальных отношений для нации и языка и создания независимой республики Таджикистан в составе Советского Союза.

Ключевые слова: *распределение территорий – границ, интеллигенция и просветители, историческая платформа, язык и таджикская нация, журналы, суверенная республика.*

«RAHBARI DONISH» AND PROBLEM OF THE TERRITORIAL DIVISION AND NATIONAL RELATIONS IN 20 – 30 YEARS XXth CENTURY

KH. SH. ANDAMOV,
researcher at Tajik National University,
734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe Street Rudaki 17,
tel. (+992) 985 26 89 39 (m), e-mail: hamdam2005@mail.ru

This article focuses on the reflection of the problems associated with the territorial division and national relations in the 20 – 30 of the XX –th century in the journal "Rahbari Donish". The author examines the efforts of the intelligens of the time by discussing the problems associated with the distribution of areas – boundaries and national relations for the nation and the language and the establishment of the independent Republic of Tajikistan in the Soviet Union.

Keywords: *distribution of areas – borders, intellectuals and educators, historic platform, language and tajik nation, magazines, sovereign republic.*

ТОҶИКИСТОН: МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ
(ҳисоботи тадқиқоти сотсиологии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба коррупсия дар соли 2015)

Муҳиммияти масъалаи тадқиқот. Супориш доир ба ташкили мониторинги вазъи иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013 № 1504 «Доир ба Стратегияи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020» дарҷ шудааст. Баргузории тадқиқоти муфассал дар ин самт, аз он ҷумла тадқиқоти сотсиологӣ, бевосита дар Стратегияи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013 – 2020 низ қайд шудаст. Тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд барои Тоҷикистон, аз он ҷумла бо таъмини баргузории мунтазами (на камтар аз як маротиба дар давоми се сол) тадқиқоти сотсиологии коррупсия пайваст мебошад. Аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) чунин тадқиқот дар солҳои 2006, 2010, 2011 ва дар охири соли 2015 гузаронида шуд.

Методология. Пурсиши сотсиологии масъалаҳои коррупсия аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) дар давоми моҳҳои август – ноябри соли 2015 баргузор шуд.

Дар раванди ташкили тадқиқот тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тавсияи 2 - «Баргузории мунтазами (на камтар аз як маротиба дар давоми се сол) тадқиқотҳои сотсиологии воридшавии коррупсия ба шохаҳои давлатдорӣ ва мақомоти давлатии идоракунӣ, бо истифодаи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таҳияи сиёсати зиддикоррупсионии ҷумҳурӣ бояд таъмин шавад. Методологияи тадқиқоти мазкур фаъолияти мақомоти давлатии идоракунӣ ва худидоракунии маҳаллиро бояд фаро гирад. Дар тадқиқот на танҳо муносибати аҳолӣ ба коррупсия, балки тавсияи «таҷрибаи бархӯрд бо он, бояд таҳлил шавад» низ ба инобат гирифта шудааст.

Дар тадқиқот кӯшиши таъмини - фарогирии ҳамаи шохаҳои идоракунии давлатӣ; таҳлили таҷрибаи бархӯрд ва муқовимати аҳолӣ бар зидди коррупсия; баҳогузории таҳдиду хатарҳои коррупсионӣ амалӣ шудааст.

Дар ин раванд бештар усули миқдорӣ, яъне мусоҳиба аз рӯи пурсишномаи (анкетаи) стандартӣ истифода бурда шуд. Пурсиш бо се гурӯҳи мусоҳибон: аҳолӣ (хонаводаҳо), соҳибкорон ва кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ (дар сатҳи марказӣ – вазорату кумитаҳо, дар сатҳи минтақавӣ – мақомоти маҳаллии идоракунии шаҳру ноҳияҳо) анҷом гирифт. Дар маҷмӯъ, дар пурсиши сотсиологӣ 2993 мусоҳиб иштирок намуданд.

Ҷадвали 1.

Тақсимбандии пурсиши сотсиологӣ аз рӯи гурӯҳҳои мусоҳибон

№	Гурӯҳи мусоҳибон	Миқдори пурсишномаҳо	Тақсимоти фоизӣ аз рӯи мусоҳибони асосӣ
1.	**Шаҳрвандони қаторӣ (аҳолӣ)** аз он ҷумла:	**1467**	**100,0%**
	- мард	748	51,0%
	- зан	719	49,0%
2.	**Соҳибкорон** аз он ҷумла, шуғл бо фаъолияти хусусӣ:	**616**	**100,0%**
	- дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ	151	24,5%
	- дар соҳаҳои саноат	90	14,6%
	- дар соҳаҳои хизматрасонӣ	375	60,9%
3.	**Хизматчиёни давлатӣ** аз он ҷумла, кормандони:	**910**	**100,0%**
	- кумитаю вазоратхо	325	35,7%
	- мақомоти маҳаллии идоракунӣ	585	64,3%

Бо тадқиқоти мазкур фарогирии чунин минтақаҳои кишвар таъмин гардид - пурсиш дар 36 шаҳру ноҳияҳои кишвар гузаронида шуд:

- шаҳри Душанбе (ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ, Шоҳмансур,);
- шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, ноҳияҳои Рашт, Рӯдакӣ, Ҳисор, Ҷиргатол);
- шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Чкаловск, Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Ғончӣ);
- шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (шаҳрҳои Қурғонтеппа, Кӯлоб, ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Восеъ, Данғара, Ёвон, Ҷомӣ, Муъминобод, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Хуросон);
- шаҳру ноҳияҳои ВМКБ (шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Ишкошим, Рӯшон, Роштқалъа).

Ҷадвали 2.

Тақсимбандии пурсиши сотсиологӣ аз рӯи минтақаҳои ҷумҳурӣ

№	Минтақаҳо	Миқдори пурсишномаҳо	Тақсимоти фоизӣ аз рӯи мусоҳибони асосӣ
1.	Душанбе	761	25,4%
2.	Ноҳияҳои тобеи Марказ	493	16,5%
3.	Вилояти Хатлон	902	30,1%
4.	Вилояти Суғд	683	22,8%
5.	Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон	154	5,1%
	Ҳамагӣ	**2993**	**100,0%**

Таҳлили эмпирикии маълумот бо истифода аз барномаи коркарди маълумот, махсусан, барномаи SPSS сурат гирифт.

Хусусияти пурсиши сотсиологии мазкур дар муқоиса бо тадқиқотҳои сотсиологии масъалаҳои коррупсия, ки Марказ пештар (то соли 2015) гузаронида буд, бештар пайваст аст бо кӯшиши:

- фаро гирифтани мақомоти давлатии идоракунӣ бо таҳияи пурсишномаи алоҳида;
- арзёбии амалиётҳои коррупсионӣ дар раванди ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ.
-

Ҷадвали 3.

Пурсиши сотсиологии масъалаҳои коррупсия дар силсилаи тадқиқотҳои Марказ

	Гурӯҳи мусоҳибон	**соли 2006**	**соли 2010**	**соли 2011**	**соли 2015**
	Ҳамагӣ дар пурсиш иштирок намуданд, аз он ҷумла:	2054	3000	1144	2993
1	Шаҳрвандони қаторӣ (аҳолӣ)	1769	1842	1000	1467
1	Соҳибкорон	285	609	144	616
3	Кормандони мақомоти давлатӣ	829	549		910

ХУЛОСАҲОИ УМУМИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТИ МАЗКУР

1. Назари мусоҳибон ба вазъи коррупсия дар кишвар:

- масъалаи коррупсия дар қатори проблемаи ҳассоси ҷомеа аз тарафи нисбатан камтари мусоҳибон (танҳо 15% мусоҳибон) қайд гардид. Бештари онҳо мушкилоти афзоиши нарх, бекорӣ ва музди пасти меҳнатро баён намуданд (на камтар аз 45% мусоҳибон).

Диаграммаи 1

Масъалаҳои ҳассоси ҷомеа (тақсимоти фоизии мусоҳибон)



Бояд қайд намуд, ки дар маҷмӯъ фарқиятхои минтақавӣ дар шиддатнокии масъалаҳои номбаршуда на чандон ба назар мерасад.

Ҷадвали 4

7 проблемаҳои асосие,
ки нисбатан бештари мусоҳибон- шаҳрвандон қайд намуданд

№		Фоизи мусоҳибон	аз он ҷумла ҳудуди тағйирёбии ҷавобҳо дар миқёси минтақаҳо	
			фоизи нисбатан баландтар	фоизи нисбатан пасттар
1.	Афзоиши нарх	67,9%	72,7% (мусоҳибони вилояти Хатлон, ВМКБ)	63,3% (вилояти Сугд)
2.	Бекорӣ	51,8%	56,3% (вилояти Хатлон)	51,9% (ш. Душанбе)
3.	Камбизоатии одамон, музди меҳнати паст	45,6%	47,9% (НТМ)	35% (ш. Душанбе)
4.	Нарасидани озуқаворӣ, маводи лозима	17%	22,2% (ш. Душанбе)	12,8% (НТМ)
5.	Тамаъкорӣ ва пора-гирии мансабдорон	15%	19,2% (вилояти Суғд)	9,3 (ВМКБ)
6.	Сари вақт надодани музди меҳнат	10,9%	18,1% (вилояти Суғд)	7,4% (ВМКБ)
7.	Ифротгароии (экс-тремизми) динӣ	10,3%	11,9% (ш. Душанбе)	8,8% (НТМ)

Ва бо назардошти сатҳи даромадҳои мусоҳибон дар ҷавобҳо шиддатнокии масъалаҳои мазкур низ кам фарқ мекунанд, яъне новобаста аз сатҳи даромад - афзоиши нарх, бекорӣ ва музди пасти меҳнат ҳамчун се масъалаи ҳассоси ҷомеа аз тарафи аксарият (бештари ён) қайд гардид. Лекин ҳудуди тағйирёбии фоизи мусоҳибон, ки масъалаи тамаъкорӣ ва порагирии мансабдоронро қайд намуданд, назаррас аст – аз 13,1% (гурӯҳи мусоҳибон бо даромади то 1000 сомонӣ) то 32,6% (гурӯҳи мусоҳибоне, ки даромади аз 2001 то 2500 сомонӣ доранд).

Диаграммаи 2

Тақсими фоизии гурӯҳи мусоҳибон - шаҳрвандон (вобаста аз даромади моҳона) нисбати масъалаҳои ҳассоси ҷомеа



• лекин сатҳи коррупсия ба назари бештари иштирокчиёни пурсиш баланд аст (дар маҷмӯъ - 39% мусоҳибон инро қайд намуданд, махсусан бештар дар ҷавобҳои мусоҳибони ҳамчун бекор ва муҳоҷири меҳнатӣ муаррифишуда ба назар расид). Гарчанде, ки ба назари бештари кормандони мақомотҳои давлатӣ сатҳи коррупсия миёна аст (43% ин гурӯҳи мусоҳибон), лекин фоизи назарраси онҳо низ дар ақидаи баланд будани сатҳи коррупсия мебошанд (37% мусоҳибон).

Ҷадвали 5

Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи арзёбии сатҳи коррупсия

	Сатҳи коррупсия	Тақсими фоизии мусоҳибон		
		Аҳолӣ	*Соҳибкорон*	*Кормандони мақомоти давлатӣ*
1	Баланд	42,7%	44,3%	37%
2	Миёна	41,6%	38,9%	42,9%
3	Паст	15,7%	16,7%	10,9%
4	Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд	-	0,1%	9,2%

Дар миқёси минтақаҳо - на камтар аз 40% мусоҳибон аз ш. Душанбе, вилояти Суғд ва ВМКБ сатҳи баланди коррупсияро қайд намуданд.

Диаграммаи 3

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи арзёбии сатҳи коррупсия
(дар миқёси минтақаҳои кишвар)



• тамоюли коҳиши сатҳи коррупсия аз тарафи бештари мусоҳибон на чандон ҳис мешавад (ин дар ҷавобҳои ҳамаи гурӯҳҳои мусоҳибон ба назар расид, аз ҷумла дар доираи: намояндагони аҳолӣ - на камтар аз 60% мусоҳибон, кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ– на камтар аз 46% мусоҳибон дар чунин ақида ҳастанд). Лекин дар доираи соҳибкорон беш аз 22% дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд ё аз ҷавоб худдорӣ намуданд.

Ҷадвали 6

Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи назар ба тағйирёбии сатҳи коррупсия

	Самти тағйирёбии сатҳи коррупсия	**Тақсими фоизии мусоҳибон**		
		Аҳолӣ	*Соҳибкорон*	*Кормандони мақомоти давлатӣ*
1	Сатҳ тағйир наёфта истодаст	23,9%	24,8%	20,7%
2	Тамоюли баландшавӣ дорад	36,7%	32,9%	25,2%
3	Тамоюли пастшавӣ дорад	19,0%	20,1%	36,7%
4	Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд	20,3%	22,1%	17,4%

Дар миқёси минтақаҳо - на камтар аз сеяки мусоҳибон тамоюли баландшавии сатҳи коррупсияро қайд намуданд. Дар баробари ин, на камтар аз 21% онҳо дар чунин баҳогузорӣ мушкилӣ кашиданд, махсусан ин дар ҷавобҳои мусоҳибон аз шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба назар расид.

Диаграммаи 4

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи назар ба тағйирёбии сатҳи коррупсия



• ба назари бештари иштирокчиёни пурсиш сатҳи коррупсия нисбатан бештар дар сатҳи ҷумҳуриявии низоми мақомоти давлатӣ баланд аст (инро қариб 55% мусоҳибон аз ҷумлаи намояндагони хонаводаҳо қайд намуданд, махсусан бештар дар ҷавобҳои мусоҳибони ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ва корманди муассисаҳои иҷтимоӣ (маорифу тандурустӣ) муаррифишуда ба назар расид; на камтар аз нисфи мусоҳибон - хизматчиёни давлатӣ низ дар чунин ақида мебошанд).

Ҷадвали 7

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи "Дар кадом сатҳи идоракунӣ коррупсия бештар аст?"

	Тақсими фоизии мусоҳибон	
	Аҳолӣ	*Соҳибкорон*
Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ	54,7%	41,5%
Дар сатҳи вилоятӣ	9,3%	13,0%
Дар сатҳи маҳаллӣ	11,0%	18,2%
Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд	25%	27, 3%

Дар миқёси минтақаҳо фарқияти назаррас дар ҷавоб ба ин савол ба назар нарасид, яъне, аз як тараф, аксарият дар ақидаи нисбатан баланд будани сатҳи коррупсия дар сатҳи ҷумҳуриявӣ буда, аз тарафи дигар, на камтар аз 20% мусоҳибон дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд.

Ҳолати мазкур тасдиқ менамояд, ки фаъолият дар самти такмили низоми дастрасии аҳолӣ ба иттилоот, махсусан нисбати инкишофи низоми қонунгузорӣ, таҳия ва арзёбии иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ дар сатҳи маҳал бояд ҷоннок карда шавад.

Диаграммаи 5

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи “Дар кадом сатҳи мақомоти давлатӣ коррупсия бештар аст?”
(дар миқёси минтақаҳо)



2. Таҷрибаи барҳӯрд бо коррупсия:

• тадқиқот нишон дод, ки воқеан фоизи ками мусоҳибон дорои таҷрибаи худии барҳӯрд бо коррупсия (танҳо 18% мусоҳибони дар пурсиш иштирок карда) мебошанд. Лекин дар ҷавобҳои соҳибкорон таҷрибаи худии барҳӯрд нисбатан бештар садо дод (на камтар аз 26% мусоҳибони соҳибкор қайд намуданд, ки чунин таҷриба доранд).

Ҷадвали 8

Тақсими фоизии мусоҳибон-шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи “Оё шахсан Шумо боре ба чунин ҳодиса дучор шудаед, ки сарфи назар аз он ки Шумо пора (ришва) додаед ё надодаед, дар ҳолати коррупсия қарор гирифта бошед?”

		Тақсими фоизии мусоҳибон	
		Аҳолӣ	*Соҳибкорон*
1	Бале, ман дар чунин ҳолати коррупсионӣ қарор гирифтаам	18,1%	26,8%
2	Не, бо чунин ҳолати коррупсионӣ дучор нагардидаам	79,6%	70,5%
3	Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд	2,3%	2,7%

Дар миқёси минтақаҳо ва гурӯҳи мусоҳибон аз рӯи сатҳи даромад фарқияти назаррас дар ҷавоб ба ин савол низ ба назар нарасид – аксарият (махсусан мусоҳибон аз ВМКБ ва мусоҳибони камдаромад (то 500 сомонӣ дар як моҳ) ва бо даромади баланд (аз 3000 сомонӣ болотар дар як моҳ)) бо вазъиятҳои коррупсионӣ барҳӯрдор нашуда буданд.

Диаграммаи 6

Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи ҷавоб ба саволи “Оё шахсан Шумо боре ба чунин ҳодиса дучор шудаед, ки сарфи назар аз он ки Шумо пора (ришва) додаед ё надодаед, дар ҳолати коррупсия қарор гирифта бошед?”

Дар миқёси минтакавӣ



Дар миқёси гурӯҳи мусоҳибон, ки дорои даромадҳои гуногун (дар як моҳ) мебошанд



• Аксарияти мусоҳибон маълумоти асосиро доир ба равандҳои коррупсионӣ дар кишвар аз телевизион ва муҳокимаҳо бо дӯстону ҳамкорон пайдо менамоянд. Пурзӯр намудани фаъолияти ВАО нисбати инъикоси на танҳо ҳодисаҳои коррупсионӣ, балки васеъ паҳн намудани мисолҳои/ намунаҳои фаъолиятҳои содиқонаи кормандони мақомоте, ки қисмати аҳолӣ онҳоро ба истилоъ “коррупсионӣ” ҳисоб мекунанд, муҳим аст. Ин имконият медиҳад, ки тасаввуроти маҳдуду якпаҳлӯгӣ нисбати фаъолияти кормандони мақомоти мазкур аз байн паи ҳам гирифта шавад.

Ҷадвали 9

Манбаҳои асосии дарёфти маълумот нисбати амалҳои коррупсионӣ, ки нисбатан бештари мусоҳибон-шаҳрвандон қайд намуданд

№		Фоизи мусохибон	аз он ҷумла ҳудуди тағйирёбии ҷавобҳо дар миқёси минтақаҳо	
			фоизи нисбатан баландтар	фоизи нисбатан пасттар
8. 1	Телевизион	43%	52,7% (мусохибони НТМ)	40,6% (Душанбе)
9. 2	Гуфтугӯ бо дӯстон ва ҳимкорон	21,8%	27,6% (вилояти Хатлон)	14,7% (ш. Душанбе)
3	Таҷрибаи худ	18,1%	22,6% (вилояти Хатлон)	7,9% (НТМ)
4	Рӯзномаҳо	17,1%	20,7% (вилояти Суғд)	12,2% (ш. Душанбе)
5	Шабакаҳои Интернет	11%	20,8% (ВМКБ)	7,6% (НТМ)
6	Маҷаллаҳо	10,9%	19% (ВМКБ)	9,7% (вилояти Хатлон)
7	Радио	10,3%	19,8% (НТМ)	6,7% (вилояти Хатлон)

• дар доираи нафарон, ки бо коррупсия бархӯрдор шуданд, нисбатан теъдоди зиёдтари амалиёти мазкур бо – гирифтани шиносномаи дохилӣ ё хориҷӣ; дохил шудан ба мактаби зарурӣ ва бомуваффақият тамом кардани он; дарёфти қитъаи замин, тартиб додани ҳуҷҷат барои ҳуқуқ ба замин, пайваст гардонида шуд.

Чунин бахшҳоро бештари соҳибкорон низ қайд намуданд.Дар баробари ин, беш аз нисфи соҳибкорони дар пурсиш иштирок намуда, ба масъалаи фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ ишора намуданд.

Ҷадвали 10

7 вазъиятҳое,
ки дар он бархӯрд бо коррупсия
нисбатан бештар аз тарафи мусоҳибон қайд гардид

№	Тақсими фоизии мусоҳибон	
	Аҳолӣ	*Соҳибкорон*
1	Барои гирифтани шиносномаи дохилӣ ё хориҷӣ (44,8%)	Барои ҳал кардани мушкил бо Бозрасии давлатии автомобилӣ (гирифтани гувоҳномаи ронандагӣ, санҷиши техникӣ, вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ) (50,5%)
2	Барои дохил шудан ба мактаби зарурӣ ва бомуваффақият тамом кардани он (43,1%)	Барои дарёфти қитъаи замин, тартиб додани ҳуҷҷат барои ҳуқуқ ба замин(50,2%)
3	Барои дарёфти қитъаи замин, тартиб додани ҳуҷҷат барои ҳуқуқ ба замин (42,8%)	Барои гирифтани шиносномаи дохилӣ ё хориҷӣ (50,2%)
4	Барои ҳал кардани мушкил бо Бозрасии давлатии автомобилӣ (гирифтани гувоҳномаи ронандагӣ, санҷиши техникӣ, вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ) (40,4%)	Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ(50,1%)
5	Барои дохил шудан ба мактаби олӣ, гузаштан аз як мактаби олӣ ба мактаби дигар (38,8%)	Ҳангоми муносибат бо сохторҳои мақомоти андоз (46,6%)
6	Ёфтани ҷой дар шифохона барои ҷарроҳӣ ё муолиҷаи бемории ҷиддӣ (37,9%)	Барои дохил шудан ба мактаби зарурӣ ва бомуваффақият тамом кардани он (46,2%)
7	Барои ёфтани кори лозимӣ ё вазифагирӣ (36,3%)	Ҳангоми гирифтани қарз дар низоми бонкӣ ва маблағгузории хурд (44,8%)

• сабабҳои асосии иштироки шаҳрвандон дар амалиёти коррупсионӣ, ки бештар аз тарафи мусоҳибон қайд гардид - сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон, хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема ва “аз ноилоҷӣ” мебошанд. Дар баробари ин, бештар аз сеяки кормандони мақомоти давлатӣ ҳамчун сабаб тамаъкории мансабдоронро баён намуданд. Дар дигар гурӯҳҳои мусоҳибон низ ин сабаб қайд гардида буд, лекин ҳиссаи дар чунин ақида будагон беш аз ду баробар камтар аст- на зиёда аз 14%.

Ҷадвали 11

Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи баҳогузории сабабҳои асосии иштироки шаҳрвандон дар коррупсия

	Аҳолӣ	*Соҳибкорон*	*Кормандони мақомоти давлатӣ*
1	Хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема (22,5%)	Аз ноилоҷӣ (22%)	Сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (52,6%)
2	Сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (17,7%)	Хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема (21,3%)	Хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема (48,8%)
3	Аз ноилоҷӣ (17,5%)	Сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (17%)	Аз ноилоҷӣ (34,8%)
4	Сатҳи пасти зиндагонӣ (14,0%)	Сатҳи пасти зиндагонӣ (15,9%)	Тамаъкории мансаб-дорон (32,7%)
5	Тамаъкории мансаб-дорон (13,9%)	Тамаъкории мансаб-дорон (13,5%)	Сатҳи пасти зиндагонӣ (27,8%)

Хеле фоизи ками мусоҳибон равандҳои коррупсиониро ҳамчун анъана қабул доранд (на зиёда аз 6% мусоҳибон). Бештари мусоҳибон дар ақидаи он мебошанд, ки набояд пора дод (инро аксарияти - 72% кормандони мақомоти давлатии дар пурсиш иштирок намуда ва 42% мусоҳибон аз ҷумлаи шаҳрвандон қайд намуданд).

3. Коррупсия дар институтҳо ва муассисаҳои давлатӣ

• арзёбии фаъолияти мақомоти гуногуни кишвар чунин натиҷа дод:

- дар доираи се мақомоти зоҳиран ва нисбатан поквиҷдон, ки аз тарафи бештари мусоҳибон - шаҳрвандон қайд гардид (бештар аз 45% онҳо) – иттифоқи касаба, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, воситаҳои ахбори умум мебошанд.

Диаграммаи 7

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида (1)



Лекин, дар баробари ин, қисмати назарраси мусоҳибон-шаҳрвандон дар баҳогузории ин мақомот (ба ғайр аз иттифоқи касаба) душворӣ кашиданд. Яъне агар нисбати бештар ғайрикоррумпӣ будани мақомоти иттифоқи касаба назару фикри зиёди мусоҳибон ба ҳам наздик бошад, чунин ақидаи наздик нисбати воситаҳои ахбори умум ва ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ қайд нагардид.

Диаграммаи 8

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида(2)



- дар арзёбии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои динӣ, артиш ва хадамоти иҷтимоӣ ва шуғл назари мусоҳибон хеле мухталиф буд, зеро ки тақсимоти фоизии ҷавобҳои онҳо нисбати коррумпӣ ё поквичдон будани ин мақомот хеле наздик баромад, илова бар ин на камтар аз сеякашон мушкил будани чунин баҳогузориро қайд намуданд.

Диаграммаи 9

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида(3)



- дар баробари ин, дар доираи мақомоти зоҳиран ва нисбатан коррумпӣ бештар (ба ақидаи бештар аз 45% мусоҳибон) – хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ, Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА); маъмурият ва кормандони дармонгоҳ ва шифохонаҳо; мақомоти ҳифзи тартиботу ҳуқуқ (милитсия, прокуратура, бозрасии андоз); маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимоти олӣ ва мақомоти судӣ баён гардид.

Ҷадвали 12

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида

	Мақомоту ташкилотҳои алоҳида	Зоҳиран ва нисбатан коррумпӣ ҳастанд	Зоҳиран ва нисбатан поквиҷдонанд	Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд
1.	Хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ, Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА)	63,6	17,4	17,4
2	Маъмурият ва кормандони дармонгоҳ ва шифохонаҳо	57,8	24,9	17,2
3	Мақомоти ҳифзи тартиботу ҳуқуқ (милитсия, прокуратура, бозрасии андоз)	57,2	21,8	21
4	Маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимоти олӣ	52,9	27,8	19,3
5	Судҳои пойинтар	51,1	22,2	26,7
6	Судҳои Олӣ (Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии арбитражӣ)	49,8	24,6	25,8

Ба ақидаи нисбатан зиёдтари мусоҳибон - шаҳрвандон мақомоти Хадамоти бехатарии ҳаракат дар роҳ, Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) бештар ришвазада мебошад.

Ҷавобҳои мусоҳибон – кормандони мақомоти давлатӣ ба мусоҳибон- шаҳрвандон хеле наздик омад.

Диаграммаи 10

Тақсими фоизии мусоҳибон- хизматчиёни давлатӣ аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар мақомоту ташкилотҳои алоҳида



- нисбати арзёбии фаъолияти вазоратҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар ҷавобҳои мусоҳибон - шаҳрвандон фарқиятҳои минтақавӣ бештар назаррас аст.

Агар вазоратҳоро нисбатан бештари мусоҳибони НТМ ва Душанбе зоҳират ва нисбатан поквичдон ҳисоб намуда бошанд, мусоҳибони вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ баръакс - ҳамчун бештар коррумпӣ қайд намуданд. Лекин азбаски тақсимоти фоизии мусоҳибон нисбати поквичдон ё коррумпӣ будани вазорату кумитаҳо кам фарқ мекунанд (ба ғайр аз НТМ) ва дар аксарияти минтақаҳо (ба ғайр аз вилояти Хатлон) мусоҳибон дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд (на камтар аз сеяки онҳо), бинобар ин, масъаларо бештар кушод ҳисобидан лозим аст. Дар баробари ин, муҳимияти бештар иттилоотикунонии ҷамъият нисбати фаъолияти вазоратҳо тасдиқи худро ёфт.

Диаграммаи 11

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия дар вазорату кумитаҳо

(дар миқёси минтақаҳо)



Тадқиқот нишон дод, ки нисбати фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракунӣ, ки воқеан ба аҳолӣ бояд наздик бошанд, низ назару фикрҳои мусоҳибон - шаҳрвандон на танҳо мухталиф аст, қариб сеяки онҳо дар чунин баҳогузорӣ мушкилӣ кашиданд. Аз ин лиҳоз, на танҳо раванди иттилоотикунонӣ, балки худи фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракунӣ ба такмил ниёз дорад.

Диаграммаи 12

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия
дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ (дар миқёси минтақаҳо)



Ҷавобҳои мусоҳибон – кормандони мақомоти давлатӣ ба мусоҳибон-шаҳрвандон нисбати баҳогузории сатҳи коррупсия дар вазорату кумитаҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ низ хеле наздик омад.

Диаграммаи 13

Тақсими фоизии мусоҳибон- хизматчиёни давлатӣ
аз рӯи баҳогузории сатҳи коррупсия
дар вазорату кумитаҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ



• аз тарафи бештари мусоҳибони тадқиқоти мазкур равандҳои коррупсионӣ бештар бо пешниҳоди маблағи пулии муайян пайваст карда шуд. Чунин ҷавобҳо доир ба муомилоти коррупсионӣ дар муассисаҳои маорифу тандурустӣ нисбатан устувор буданд. Лекин қисмати назарраси мусоҳибон (на камтар аз 40%) доир ба шакли

муомилоти коррупсионӣ дар мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва инспексияҳои наклиётӣ дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд. Яъне қисмати назарраси мусоҳибон назару ақидаи худро нисбати коррумпӣ будани ин ё он мақомот бо такя ба таҷрибаи худӣ ва “овозаҳо” иброз намуданд.

Диаграммаи 14

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи шакли муомилаи коррупсионӣ дар мақомоти нисбатан бештар коррумпӣ баёншуда



Дар баробари ин, ба назари нисбатан бештари мусоҳибон андозаи миёнаи муомилоти мазкур - то 100 сомонӣ ба кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ (махсусан - тандурустӣ, таълим, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) ва дар ҳудуди аз 100 то 500 сомонӣ ба мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, назорати маводи нашъаовар, идоракунии замин ташкил менамояд.

Лекин дар маҷмӯъ, азбаски:

- фарқият дар ҳиссаи мусоҳибоне, ки то 100 сомонӣ ва мусоҳибоне, ки аз 100 то 500 сомониро ҳамчун андозаи миёнаи муомилоти коррупсионӣ қайд намуданд, хеле ва хеле кам аст, бинобар ин бештари андозаи муомилот бо ҳаҷми то 500 сомонӣ метавонад муаррифӣ гардад;

- ҳиссаи зиёди мусоҳибон дар муаррифии андозаи миёнаи муомилоти коррупсионӣ дар мақомот душворӣ кашиданд (на камтар аз сеяки онҳо), бинобар ин ҳаҷми андозаи муомилотро то андозае ба гумон ҳисобидан лозим аст.

Диаграммаи 15

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи андозаи миёнаи муомилоти коррупсипсионӣ дар мақомоти нисбатан бештар коррумпӣ баёншуда



Сатҳи андозаи пора аз тарафи мусоҳибони соҳибкор барои пешниҳод ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, андоз, суд ва инспексияи нақлиётӣ дар ҳаҷми то 500 сомонӣ низ қайд гардид.

• аксарияти мусоҳибон масъалаи зиёд будани хароҷоти ғайрирасмиро бештар дар чунин мақомот – низоми тандурустӣ, суд, тафтиши фаъолияти соҳибкорӣ ва дар раванди гирифтани замин баён намуданд (беш аз 64% мусоҳибон).

Диаграммаи 16

Тақсими фоизии мусоҳибон - шаҳрвандон дар арзёбии баланд будани хароҷоти ғайрирасмӣ дар мақомот



• зиддиятҳо дар баҳогузории фаъолияти низоми судӣ дар тадқиқоти мазкур ба назар расид. Аз як тараф, назари беш аз 55% мусоҳибон ба низоми судӣ манфӣ аст, зеро ки - “бисёриҳо намехоҳанд ба суд муроҷиат кунанд, чунки бовар надоранд, ки дар он ҷо адолатро меёбанд”(қариб 59% мусоҳибон, махсусан дар Хатлон ва ВМКБ инро қайд намуданд); “бисёриҳо намехоҳанд ба суд муроҷиат намоянд, чунки хароҷоти ғайрирасмиаш хеле зиёд аст” (беш аз 56% мусоҳибон, махсусан дар Суғд); “дар суд касе касе ғалаба мекунад, ки пули бештар медиҳад” (беш аз 56% мусоҳибон, махсусан дар Хатлон).

Дар баробари ин, дар маҷмӯъ, на камтар аз 50% мусоҳибон дар он ақида ҳастанд, ки - “Акнун шаҳрванд метавонад ба суд омада, ҳуқуқи худро ҳимоят намояд ва адолатро ёбад” (махсусан дар Хатлон).

Ва на камтар аз сеяки мусоҳибон дар тасдиқи ақидаи “акнун судҳо мустақил ва низоми судӣ одил аст” (махсусан дар Хатлон) мушкилӣ кашиданд.

Диаграммаи 17

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон нисбат ба низоми судӣ



4. Равандҳои коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ

• ба назари аз нисф зиёдтари мусоҳибон коррупсия, порагирӣ дар байни мансабдорон дар ҷумҳурӣ ҷой дорад. Дар миқёси минтақаҳо фарқияти назаррас дар чунин арзёбӣ ба назар нарасид. Танҳо бояд қайд намуд, ки дар Душанбе ва НТМ теъдоди нисбатан камтари мусоҳибон (камтар аз 50%) дар чунин ақида мебошанд ва дар минтақаҳои мазкур қариб сеяки мусоҳибон дар чунин арзёбӣ мушкилӣ кашиданд.

Диаграммаи 18

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷавоб ба саволи “Ба фикри Шумо коррупсия, порагирӣ дар байни мансабдорони ҷумҳурӣ ба кадом андоза паҳн шуда аст?” (дар миқёси минтақаҳо)



Ва бештариёни мусоҳибон - шаҳрвандон дар он ақида ҳастанд, ки “мансабдор маҷбур мекунад, ишора мекунад ё вазъиятро барои ин ба миён меоварад” (на камтар аз 33% мусоҳибон). Лекин на камтар аз чоряки мусоҳибон (махсусан дар ВМКБ ва Хатлон) ҷавоби “ҳар ду тараф пешакӣ медонанд, ки дар чунин ҳолат порадиҳӣ маъмул аст”-ро қайд намуданд.

Ба назари на камтар аз нисфи мусоҳибон – “одамон барои бой шудан мансаб мегиранд”(дар Душанбе қариб 75% мусоҳибон - шаҳрвандон чунин ҷавобро қайд намуданд).

Қариб сеяки мусоҳибон дар он ақида ҳастанд, ки кормандони мақомоти маҳаллии идоракунӣ пора мегиранд (дар вилояти Хатлон қариб 37% мусоҳибон ба ин ишора намуданд).

Дар баробари ин, бештари мусоҳибон бевосита бо мансабдор муносибати коррупсионӣ надоштанд (на камтар аз 41% мусоҳибон).

Диаграммаи 19

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи ҷой доштани муносибати коррупсионӣ бо мансабдор

(дар миқёси минтақаҳо)



Онҳое, ки бо чунин амал бархӯрдор шуда буданд, мақсади додани пораро бо нисбатан зудтар ҳал намудани проблема пайваст намуданд.

Азбаски бештари чунин равандҳо, аз он ҷумла бо иҷрои ғайриодилонаи вазифаҳо аз тарафи мансабдорони сатҳи миёна вобаста мебошад, самтгирии амалиётҳои зиддикоррупсионӣ тамоми сатҳҳои идоракуниро бояд фаро гирад.

• сабабҳои эҳтимолии иштироки кормандони мақомоти давлатӣ дар равандҳои коррупсионӣ, ки бештар аз тарафи мусоҳибон қайд гардид (беш аз 50% мусоҳибон) – музди пасти меҳнати мансабдорон; сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ; набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай мебошанд.

Ҷадвали 13

Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи баҳогузории сабабҳои эҳтимолии ба вуҷуд омадани коррупсия дар шоҳаҳои идоракунӣ

	Аҳолӣ	*Соҳибкорон*	*Кормандони мақомоти давлатӣ*
1	Сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ (62,8%)	Сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ (57,4%)	Музди пасти меҳнати мансабдорон (68,6%)
2	Кори мансабдорон мувофиқи қоида хуб танзим нашудааст (58,3%)	Кашолкорӣ дар иҷозатномадиҳӣ ва мувофиқакунонии бисёр (иҷозатдиҳӣ аз арзнависӣ бештар аст) (56,9%)	Сатҳи пасти маълумот ва фарҳанги аҳолӣ (64,4%)
3	Набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз он ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай (57,6%)	Фаъолияти бади мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот (55,6%)	Набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз он ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай (64,2%)
4	Заифии низоми судӣ, аз он ҷумла иҷрои қарорҳои судӣ (56,1%)	Набудани ҳавасмандкунии кори софдилонаи мансабдор, аз он ҷумла вобаста набудани пешравии кори мансабдор аз иҷрои содиқонаи кори вай (55,4%)	Кашолкорӣ дар иҷозатномадиҳӣ ва мувофиқакунонии бисёр (иҷозатдиҳӣ аз арзнависӣ бештар аст) (55,4%)
5	Сатҳи пасти маърифат ва фарҳанги мансабдорон (55,9%)	Кори мансабдорон мувофиқи қоида хуб танзим нашудааст (55,2%)	Заифии низоми судӣ, аз он ҷумла иҷрои қарорҳои судӣ (52,9%)
6	Кашолкорӣ дар иҷозатномадиҳӣ ва мувофиқакунонии бисёр (иҷозатдиҳӣ аз арзнависӣ бештар аст) (55,2%)	Сатҳи пасти маърифат ва фарҳанги мансабдорон (54%)	Кафолати заифи таъминоти шоистаи мансабдор баъд аз рафтанаш аз хизмати давлатӣ (52,7%)
7	Музди меҳнати пасти мансабдорон (54,6%)	Зиёд будани дастурамалҳои идоравӣ (қарорҳо, дастурҳою номаҳои расмӣ ва ғайра) (53%)	Кори мансабдорон мувофиқи қоида хуб танзим нашудааст (50,5%)

• бештари мусоҳибон огоҳиро нисбати амали ҳукуматдорон дар раванди мубориза бо коррупсия надоранд (қариб 45% мусоҳибон), ки ин далели нисбатан суст будани раванди иттилоотикунонии мубориза бо коррупсия дар кишвар мебошад.

Дар баробари ин, нисбатан бештари мусоҳибон (беш аз сеяки онҳо) амали ҳукуматдоронро дар раванди мубориза бо коррупсия танҳо бо аз вазифа озод намудани мансабдорро пайваст менамоянд.

Диаграммаи 20

Тақсими фоизии мусоҳибон - шаҳрвандон аз рӯи амали ҳукуматдорон дар раванди мубориза бо коррупсия
(дар миқёси минтақаҳо)



Ба самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ нисбатан бештари мусоҳибон - шаҳрвандон баҳои миёнаро монда бошанд ҳам, лекин ҳиссаи нафароне, ки самаранокии фаъолиятро паст ҳисоб менамояд танҳо қариб 4% камтар аст. Илова бар ин, на камтар аз 1/5 ҳиссаи мусоҳибон дар чунин баҳогузорӣ душворӣ кашиданд.

Диаграммаи 21

Тақсими фоизии мусоҳибон- шаҳрвандон аз рӯи арзёбии самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ (дар миқёси минтақаҳо)



Бояд қайд намуд, ки ҷавобҳои мусоҳибон – кормандони мақомоти давлатӣ ба мусоҳибон - шаҳрвандон нисбати самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллӣ хеле наздик аст.

Диаграммаи 22

Тақсими фоизии мусоҳибон - хизматчиёни давлатӣ аз рӯи арзёбии самаранокии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мақомоти маҳаллии идоракунӣ



Ба назари бештари мусоҳибон таваҷҷӯҳ ба масъалаи кадрӣ дар мақомоти давлатии идоракунӣ яке воситаи асосии мубориза бо коррупсия мебошад. Дар баробари ин, фаъолияти дастаҷамъӣ дар самти бартараф намудани шароите, ки коррупсияро ба вуҷуд меоварад, муҳим баён гардид.

5. Коррупсия ва соҳибкорӣ

• ба ақидаи бештари мусоҳибон - шаҳрвандон вазъи соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар беҳтар шуда истодааст.

Ҷадвали 14

Назари мусоҳибон ба вазъи соҳибкорӣ дар солҳои охир

(ҳисса дар ҷамъбасти ҷавобҳо)

		Аҳолӣ	*Соҳибкорон*
1.	Беҳтар шудааст	42,4	40,0
2.	Тағйир наёфтааст	23,2	23,7
3.	Бад шудааст	19,3	22,9
4.	Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд	15,0	13,4

• бештари мусоҳибони соҳибкор мушкилоти сатҳи баланди андоз, мураккабии гирифтани қарз, чигилии низоми андозситонӣ, ҳимояи пасти моликият ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ баҳогузорӣ намуданд (на камтар аз 44% мусоҳибон).

Ҷадвали 15

Рейтинги монеаҳои ҷиддӣ ба рушди соҳибкорӣ
(аз рӯи ҷавобҳои соҳибкорон)

	Монеаҳое, ки бештар баён шуданд	*Фоизи соҳибкорон*
1	Сатҳи баланди мизони (ставкаи) андоз	48,6
2	Мураккабии гирифтани қарз	47,5
3	Чигилии меъёрҳои ҳуқуқи андоз (мураккаб будани тартиботи андозситонӣ)	45,9
4	Қарзи қимат (ставкаи баланди фоиз)	45,9
5	Ҳуқуқи моликият ҳифз карда намешавад	44,1
6	Муносибати якхела надоштани бюрократия ба ширкатҳои гуногун (ҳангоми шарҳу тафсири қонуну қоидаҳои амалкунанда)	42,9
7	Тафтишоти мунтазам ва талаботи беш аз ҳадди мақомоти назораткунанда	42,9
8	Танзими асъорӣ	42,2
9	Назорати давлатӣ ба нархҳо	42,2
10	Беғаразона набудан ва фасод (коррупсия) дар қарорҳои судӣ	42
11	Риоя кардани тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ хароҷоти зиёдро талаб мекунад	41,6
12	Амалияи мувофиқакунонӣ, иҷозатгирӣ барои роҳандозии бизнеси нав	39,9
13	Хароҷоти зиёд барои порадиҳӣ	39,3
14	Меъёрҳое, ки савдо бо давлатҳои хориҷиро танзим мекунанд (содирот/ воридот)	38,4
15	Бизнеси шахсии мансабдорони олирутба	38,4
16	Ғайрисамарабахш будани низоми судӣ	37,7

• бештари соҳибкорони дар тадқиқот иштирокнамуда бо равандҳои коррупсионӣ бархӯрдор шуда буданд. Шиддатнокии пешниҳоди пора ба мансабдорон вобаста аз соҳаи шуғли соҳибкор гуногун баҳогузорӣ гардид – аз “ҳар ҳафта” (соҳибкороне, ки дар тиҷорат, сохтмон ва нақлиёт фаъолият менамоянд) то “1- 2 маротиба дар давоми сол” (нафароне, ки дар соҳаҳои саноат фаъолият менамояд).

Диаграммаи 23

Тақсими фоизии мусоҳибон аз рӯи арзёбии шиддатнокии додани пора ба мансабдорон

Соҳибкороне, ки дар соҳаҳои тиҷорат, нақлиёт, сохтмон фаъолият менамоянд



Соҳибкороне, ки дар соҳаҳои саноат фаъолият менамоянд



Лекин дар раванди пурсидани таҷрибаи охири “ҳавасмандгардонии мансабдорон”на камтар аз сеяки мусоҳибон аз ҷавоб ба ин савол даст кашиданд.

Дар баробари ин, каме беш аз нисфи соҳибкороне, ки ба ин савол ҷавоб дода буданд ва тасдиқ намуда буданд, ки пора доданд, дар баёни мақомот ё ба кадом шохаи ҳокимият тааллуқ доштани он, ҳиссаи пора дар ҳаҷми гардиши ширкат худдорӣ намуданд.

Аз ҷавобҳои соҳибкорони боқимонда бармеоянд, ки дар ин гурӯҳ нисбатан аксарият бо мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия алоқаи коррупсионӣ доштанд ва ҳиссаи чунин хароҷот дар ҳаҷми гардиши ширкат аз 11 то 30% ташкил намуд. Тафтишоти ғайримолиявии мақомоти назорат ва андоз бештар ташвишовар баён гардид.

Дар раванди муқобилият ба фишори коррупсионии мансабдорон бештари соҳибкорони дар мусоҳиба иштирок намуда, кӯшиши истифодаи ду воситаро - ба мансабдорон шикоят кардан аз амали ғайриқонунии зертобеони онҳо ва истифодаи китобчаи қайди тафтишот барои фаҳмидани давомияти тафтиши бизнес аз тарафи мақомоти назораткунанда қайд намуданд. Лекин ҳиссаи боз баландтари мусоҳибони гурӯҳи мазкур дар он ақида ҳастанд, ки истифодаи чунин воситаҳо бефоида аст, яъне амали коррупсионӣ ногузир аст.

6. Пешниҳодҳо

- таҷрибаи бе зикр намудани номи худ огоҳ кардани мақомоти дахлдор доир ба ҳодисаи коррупсия аз тарафи аксарияти мусоҳибон дастгирӣ карда шуд.
- баландтар намудани таваҷҷӯҳ ба сатҳи маҳаллии фаъолияти зиддикоррупсионӣ, такмили неру ва иқтидори мақомоти маҳаллии

идоракунӣ омили баланд намудани сатҳи самаранокии фаъолият нисбати коҳиши коррупсия ҳисобида шуд.

Панҷ тадбирҳои асосӣ дар самти мубориза бо коррупсия, ки аз тарафи аксарияти кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ ҷонибдорӣ шуд, инҳоянд:

– тақвияти низоми арзёбии фаъолияти мансабдорон, аз кор озод намудани мансабдорони порахӯр;

– такмили низоми мониторинги иҷрои қонунҳои амалкунанда;

– пурзӯр намудани масъулияти ҷиноӣ барои порагирӣ;

– ҷоннок намудани назорату баҳогузориҳо ба кору фаъолияти мансабдорон;

– қабул кардани қонунҳое, ки таъқиб ва ҷазои порахӯронро таъмин менамоянд.

• тадбирҳои асосӣ дар самти мубориза бо коррупсия, ки аз тарафи аксарияти кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ қатъиян дастгирӣ карда нашуд (на камтар аз 55% мусоҳибон) – иҷозат додан барои гӯш кардани гуфтугӯйи телефонӣ, хондани мукотибаи шахсӣ; баланд намудани сатҳи андоз аз ҳамаи шаҳрвандон барои баланд бардоштани музди меҳнати мансабдорон ё барои равона кардани маблағи иловагӣ ба соҳаҳои тандурустӣ ва маориф мебошанд.

• алоқамандии бевосита байни ҳалли масъалаи коррупсия ва таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ҷой дорад, аз ин лиҳоз самтгирии фаъолияти зиддикоррупсионӣ заҳмати дастаҷамъии тамоми мақомоту идораҳоро талаб менамояд.

• фаъолият дар самти дастгирии рушди соҳибкорӣ бештар дар сатҳи маҳал бояд пурзӯр шавад. Дар ин раванд амалӣ кардани тадбирҳо нисбати таъмини огоҳии соҳибкорон доир ба иқдому барномаҳои рушд ва навгониҳо дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи лозимӣ тавсия мегардад. Таҳия ва қабули «Этикаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» ба беҳтар намудани робитаҳои соҳибкорон бо мақомоти давлатӣ ва фарогир намудани масъулияти иҷтимоии соҳибкорон метавонад мусоидат намояд.

• ниҳоят, дар маҷмӯъ, самтгирии муқовимат ба коррупсия бо баинобатгирии чунин тавсияҳо пайваст мегардад:

- ворид ва бозёфти механизмҳои назорату ҳавасмандиҳо нисбати таъмини арзишҳои баланди этикаи рафтор дар хизмати давлатӣ;

- такмил ва васеъгардонии низоми тарғибу ташвиқоти зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ;

- баланд бардоштани афзалиятнокӣ ва беҳтар намудани таъминоти захиравии фаъолият оид ба пешгирии коррупсия;

- устуворгардонии кафолатҳои конституцсионӣ ба шаҳрвандони кишвар;

- тақвият додани низоми назорати ахлоқӣ ва коркарди механизмҳои таъсирбахши пешгирии ихтилофи манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;

- коҳиши амалиёти маъмурӣ дар раванди пешниҳоди хизматҳои давлатӣ;
- баланд бардоштани сатҳи дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла низоми судӣ;
- дастгирии равандҳои шаффофияти фаъолияти мақомот ва ташкили ҳамкориҳои самаранок бо ҷомеа;
- баланд бардоштани самаранокии кори шӯроҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои машвератӣ;
- такмили сохтори мақомоти ғайридавлатии назорати иҷтимоӣ.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Таджикистан и современный мир»** печатаются статьи в области экономики, политологии, культуры, безопасности, экологии, социологии, которые являются результатами научно-исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций.

Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.
2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе должны быть подготовлены в текстовом редакторе **MS Word, шрифт Times New Roman 12 пт** для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с **Windows XP** и любой версией **MC Офис** необходимо использовать клавиатурный редактор **Keyman.** Интервал между строками – 1,5. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.
3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.
4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, рисунки и фотографии в формате JPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса (почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.
2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.
3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

Например:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С. 8.
2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. -С.3-5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикском языках (не менее 5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию. Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами).

Образцы оформления можно найти на сайте ЦСИ (www.mts.tj) в разделе Вестники ЦСИ.

Примечание: *Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников фактов и цифр ответственность несут авторы.*

Адрес редакции: 734 025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 40
Тел: (+992 37) 221-11-00, (+992 37) 221-16-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
e-mail: info@mts.tj

ҶДММ «ЭР-граф».
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел.: (+992 37) 233-17-17.

Ба матбаа 03.06.2016 таҳвил гардид. Чопаш 13.07.2016
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 $^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 6,5. Адади нашр 150 нусха.
Супориши № 63. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Андалеб-Р» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
E-mail: andaleb.r@mail.ru